**Муҳаммад Самӣ**

# НУРОФАРОН



Душанбе
«Адиб»
2017

ББК 84 Тоҷик 7-4
С-48

Муҳаррир *Наср Бобои Сарфароз*

Мусаввир *Диловар Сафар*

С-48 **Муҳаммад Самӣ. Нурофарон** *(маҷмӯаи қисса ва ҳикояҳо)*. – Душанбе, «Адиб», 2017, 204 саҳ.

Ҳаводорони каломи бадеъ ба асарҳои эҷодкардаи Муҳаммад Самӣ (Муҳаммадқули Худойқул) «Маҳинбону» (1977), «Фоҷиаи зиндагӣ» (2001), «Рози ошно» (2002), «Сӯзи фироқ» (2006), «Баномусони ҷонфидо», «Қиссаи як афсар» (2010), «Ишқи духтари Хуҷанд», «Ҳайкали зинда», «Ҷоннисори халқу ватан» (2011) ва «Ёди ёру диёр» (2015) шиносанд.

Инак асари навэҷоди адиб Муҳаммад Самиро бо номи «Нурофарон», ки оид ба кору фаъолияти барқчиёни соҳаи энергетика бахшида шудааст, пешкаши хонандагони гиромиқадр мегардонем.

ISBN 978-99977-8-96-79

© Нашриёти «Адиб», 2017

# ЯК ДИЛУ ДУ ИШҚ

**Р**ӯз бегоҳ шуда буд. Пардаи торикӣ оҳиста-оҳиста гирду атрофро пӯшонида, ҷойи рӯзи равшанро шаби тор мегирифт. Ҳавас бо писарчаи яксолааш Тақдир омад-омади шавҳарашро интизорӣ мекашид ва каме хотирпарешон шуда худ ба худ:

«Аз чӣ бошад, ки имшаб чун ҳарвақта ӯ ба хона наомад?» – мегуфт.

Риштаҳои хаёл дар сараш печида, маҷбураш месохт, ки сабабашро дарёбад, вале дар сараш ҷавоби муносибе пайдо намешуд.

Тақдир хоб кард. Хомӯшшавии чароғҳои гирду атроф ва хонаҳои ҳамсоягонаш шаби торро боз ториктар сохт. Ин ҳолат дар дили Ҳавас ваҳму ҳаросро ҷой намуда буд, ки ӯ худро каме бемадор ҳис карда, болои ҷойгоҳаш дароз кашид. Ва бидуни ихтиёр ба фикру андешаҳо фурӯ рафт:

– «Гулдаста! Гулдастаи тару тоза ва атромез. Гулдастаи тақдирсоз. Оҳ! Худоё! Ҳоло сӯят менигарам ва гузаштаамро ба ёд меорам. Аниқтараш, саргузашти духтареро, ки як вақтҳо, ҳоло ва минбаъд, ошиқи гул буд ва мемонад.

Ёд дорам, хонаи волидайнамро, ки дар канори шаҳр, наздикии талу теппаҳо ҷойгир буд. Ёд дорам, айёми баҳорон, гирду атроф ва дашту дамани ба хонаамон наздикро, ки ҳар сол аз нафаси гарми табиат сабзпӯш мешуданд. Ёд дорам, ки бо дугонаҳоям якҷоя ба сайри саҳро баромада, бо гузашти вақт аввал гули бойчечак, баъдтар гули сиёҳгӯш ва билохир гулҳои сурху мунаққаши лоларо чида, гирди кокулҳоямон баста, суруд мехондем, мерақсидем. Боз ёд дорам, ки падарам дар қитъаи назди хонаамон гулҳои рангоранги хушбӯйи садбаргро мепарварид. Ва ин буд, ки завқи тамошои гулҳои қашангу атромез аз овони кӯдакиам дар қалби пурасрорам якумрӣ макон гирифта.

Худоё! Чӣ миқдор он гулҳои латифу нозук, рангоранг ва дилрабо диққату хаёлоти маро ба дунёи рангину зебо ва но-

такрори худ ҷалб мекарданд. Бо гузашти вақт ҷаҳони нотакрор ва зебойи гулҳои муннақаш дар қалбам хоҳише, завқе, аниқтараш, ишқро бедор сохтанд…»

Шарфаи помонӣ ва кушодашавии дари хона риштаи хайёлоти Ҳавасро гусаста, теғи нигоҳашро аз гулдастаи тару тозаи хаёлӣ ҷониби шавҳараш Орзу гардонид. Ҳавас дарҳол ба истиқболи шавҳараш аз ҷой хест ва ӯро ба оғӯш кашид.

Орзу пас аз бӯсу канор ва меҳрубонии самимии ин лаҳза ба занаш бахшида каме таваққуф намуд. Сипас аз ӯ пурсон шуд:

– Ҳа? Ҷонакам! Аз афташ, маро пазмон шудӣ?

– Агар пазмонат намешудам, кайҳо хобам мебурд.

– Имрӯз корам омад карда, бо корафтодагони зиёд сару кор доштам, – гӯён Орзу барои иваз кардани сару либосаш вориди хонаи дарун шуд. Пас аз лаҳзае завҷааш болои кати мулоим омада нишаст ва Орзу ӯро боз ба оғӯши гарму ҳаловатбахши хеш кашид. Онҳо дар оғӯши якдигар, беихтиёр чашм сӯи дастагули болои миз давониданд. Орзуро кимкадом, фикре ба сараш омад ва аз чӣ бошад, якбора такон хӯрд. Ӯ ба чашмони ором ва рӯйи зебойи занаш нигариста пичироссазонон узрхоҳӣ намуд:

– Ҳаваси ҷон! Маро бубухш. Охир, ин бегоҳ дастагулат наовардам. Дастагули болои миз бо гулҳои тару тоза иваз нашуда монд.

Ҳавас ба чашмони каме ҳаросон ва хиҷолатомези шавҳараш нигарста, ӯро дилбардорӣ кард:

– Боке нест. Худат, ки наздам бошӣ, ба ҷойи дастагул медонамат. Балки аз дастагул дида ту бароям азизтарӣ, ҷонакам.

Орзу бо оҳистагӣ дасташро аз гардани нозуки завҷааш гирифт ва болои кат дароз кашид.

Ҳавас аз ҷой хеста, назди кӯдаки хобидааш рафт. Ӯро дида яқин кард, ки бароҳат хобидааст. Сипас матои сафеди болояш бударо гирди баданаш эҳтиёткорона печонид ва назди шавҳараш баргашта дид, ки ӯро низ хоб бурдааст. Ӯ оромона болои кат нишаст. Ба шавҳари ғарқи хоби ширинрафтааш нигоҳи ором ва пур зи меҳру садоқат намуд. Пас аз

лаҳзае нигоҳашро боз ба дастагули болои миз давонид ва дар баҳри фикру андешаҳои ба сараш омада фурӯ рафт.

Акнун дар ин поси шаб, ки ҳама хобида буданд, дар ин хонадон фазои ором ва сокитии шаб ҳукумфармоӣ мекард, Ҳавас гузаштаи худро ба ёд овард:

– «Бо кадомин мақсад буд, то ҳанӯз сарфаҳм нарафтаам, ки падарам дар яке аз биноҳои калон ва чорошёнаи шаҳр, хонаи сеҳуҷрадореро харидорӣ намуд. Ва мо ба он ҷо кӯчидем.

Рӯзҳо, ҳафтаҳо, сипарӣ мешуданд, аммо муҳити хонаи навамон, бароям бегона менамуд. Ба дидори дугонаҳои дар гузарамон будаи хонаи аввалаамон мудом пазмон шуда, ёдашон мекардам. Ва бо дили хиҷилу таъби хира рӯзро шаб ва шабро рӯз менамудам.

Охир, дар хонаи навамон, дӯстону дугонаҳои худро то кунун пайдо накарда будам. Ба сайри саҳро баромадан ва гулҳои садбаргро ҳар рӯз бӯйидану оғӯш кашидан ва бозиҳои шавқовар ташкил карда, дилхушӣ намудан, насибам нагашта буд. Сархаму малул мегаштам.

Модарам ба таъби гирифта ва лабу лунҷи овезонам диққат дода, рӯзе синчакорона сӯям нигоҳкунон:

– Ҳавас! Аз чӣ сархам ва малул ҳастӣ, ҷонакам? Канӣ, гап зан! Ё дугонаҳои нават дилатро озор надода бошанд? А? Канӣ, гап зан, духтарам!

– Модарҷон! Дар ин хонаву гузари нав ва бароям ношинос то кунун ягон дугонае пайдо накардаам. Пас, кӣ маро ранҷонида метавонад?

– Модоме ки ин тавр бошад, пас чаро бо қошу қавоқи гирифта мегардӣ? А? Гапзан, охир!

– Дар ин хона, чун хонаи аввалаамон, гулҳои садбарг намерӯянд. Дугонаҳоямро низ пазмон шудам.

– Ҳа-а… Акнун сабабашро фаҳмидам, – гуфт зери лаб модар. Ва ба духтараш рӯ овард:

– Зиқ нашав, духтарам. Дар ин хона ҳам гули садбаргро мебинию ҳам дугонаҳои нав пайдо мекунӣ.

Пас аз нисфирӯзӣ, модарам бо дастагули тару тозае, ки аз гулҳои садбарги сурху сафед ва гилобӣ иборат таҳия шуда

буд, вориди хона шуд.

Дастагулро дидан замон, овоз баровардам ва ҷониби модарам давидам:

– Модарҷон! Модарҷонакам! Чӣ дастагули зебоеро мебинам.

Модар шодии маро дида истода ба гапҳоям гӯшкунон дастагулро сӯям дароз кард. Аввал дастагулро гирифта бӯйидам, сонӣ модарамро.

Охир, ин лаҳзаҳо модар бароям ҷаҳони зебойиро тавлид сохта буд. Гулҳои рангорангу хӯшбӯйиро мебӯсидам ва ҳарисона ба ҳар кадомаш назар меафкандам. Пас аз лаҳзае садои гуфтори модар маро ба худ овард:

– Духтарам! Биё, баргҳои нолозими гулҳоро чида, дастагулро зеботар созем ва ба зарфи обдор гузорем.

Гуфтаи модарамро маъқул дониста, дастагулро аз дастони кӯчакам ба дастони чолок ва моҳири модар додам. Модар гулҳоро ба тартиб даровარда, ба зарфи обдор ва зарфро бо дастагулаш болои мизи даврашакл гузошт.

Ҳамин тавр, волидайнам тайи солҳои тӯлонӣ гулҳои қашангу зеборо борҳо ҳадяаам намудаанд.

* * *

**Т**ақрибан баъди як ҳафтаи ба шаҳр кӯчиданамон модарам маро ҳамроҳи худ гирифта ба мактаб бурд.

Мактаби ҳамагонӣ на он қадар дуртар аз хонаи мо ҷойгир буд. Ману модарам гирду атрофро тамошокунон ҷониби мактаб роҳ мепаймудем. Аз накҳати баҳори имсола ҳама ҷо зебову мунаққаш гардида, замини сабзпӯш, дарахтони сербарг, гулу гулбуттаҳои шукуфон, манзараҳои дилрабо лаҳза ба лаҳза ба чашм падидор мегардиданд.

Модарам пурсупоскунон маро назди сарвари мактаб бурд. Чун мо вориди утоқи кориаш шудем, зани миёнаумри айнакдори фарбеҳи рухсораҳояш шабеҳи анори пухта моро қабул кард.

Зан бо модарам ҳамсуҳбат шуда, аз матлабаш пурсон шуд. Модар ба пурсишҳояш ҷавоб медод. Вале ин лаҳзаҳо

ҳушу хаёл ва чашми маро гулдастаи хеле зебойи болои мизи хӯрдакак, ки аз тарафи чапи зан меистод, сӯи худ кашид. Танҳо нидойи баланд ва пурсишҳои зани фарбеҳи тануманд, ки чашмони зиракаш аз паси айнакаш сӯям нигаронида шуда буданд, риштаи хаёлот ва теғи нигаҳамро аз тамошои дастагул қатъ намуд.

Зан такроран аз ман пурсид:

– Ту чӣ ном дорӣ, духтари хушрӯй?

Каме шармида:

– Ҳавас.

– Бисёр хуб, Ҳаваси ҷон. Ин тавр, ки бошад, дар синфи чанд мехонӣ?

– Дар синфи чор, – гуфтам саросемавор, – ва боз нигоҳамро ҷониби дастагули болои миз гардонидам.

Зан аз нигоҳу таввачуҳам, ки сӯйи дастагул нигаронида шуда буд, магар огаҳӣ ёфт, ки хандакунон пурсид:

– Ҳаваси ҷон! Гулҳо ба ту хуш омад?

Ин пурсиши бомаврид магар таъбамро болида сохт, ки бо табассум:

– Бале. Охир, гулҳо хеле зебоянд, – гуфтам.

Зан аз зебопарастии мани хурдсол магар хушнуд шуда буд, ки табассуми маънидоронае намуд ва яке аз гулҳоро аз гулдон гирифта, сӯям дарозкунон:

– Ана, ин гулро гир! Ҳамту. Туҳфа кардам. Гир, духтарам! Гир!

Баъди ин иқдомаш, аввал ба ман, баъд ба модарам нигариста:

– Саломатиаш хуб аст? – гуфта прсид.

– Алҳол хуб аст.

– Ҳм-м.. Хеле хуб.

– Кушишу ғайрат ва дарсхониааш чӣ?

– Бо баҳои хубу аъло мехонад. Ҳа? Марҳамат карда, ба рӯзномааш як назар мекардед, – гӯён модар рӯзномаамро ҷониби ӯ дароз кард.

Зан рӯзномаро танбалона аз дасти модарам гирифт ва айнакашро бо дасташ росткунону варақзанон, аз назар гузаронид ва оҳи сабуке кашида:

– Ҳм-м-м. Хеле хуб.., – гуфта сарашро болои мизи кориаш каме хам карду пас аз лаҳзае чанд ба чеҳраи модар теғи нигоҳашро давонида:

– Ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаат ба талабот ҷавобгӯянд. Духтарат, аз ҳамин рӯз эътиборан, толибилми мактаби мо шуд. Табрик мекунам.

Модарам аз ҳаяҷон ва хурсандии ин лаҳза ӯро фаро гирифта танҳо сарашро ҷунбониду халос. Сипас зан нигоҳашро сӯям давонида пурсид:

– Фаҳмо?

Аз ғояти шодӣ ва ҳаяҷон бо овози ларзон:

– Бале. Фаҳмидам. Ташшакур аз шумо, – гуфтам.

– Офарин! Офарин, духтарам, – гуфта зан боз илова намуд:

– Модоме ки хонандаи мо шудӣ, пагоҳ бо қаламу дафтар ва китобҳои дарсиат ба синф ҳозир шав! Ба ту бори дигар, хониши хубу аълоро орзумандам.

Модар аз барор гирифтани кораш қаноатманд гардид. Ӯ бо ин зани ҳалиму меҳрубон арзи сипос ва худоҳофизӣ намуд. Баъд аз утоқи кориаш баромадем ва ҷониби хонаамон роҳ пеш гирифтем.

* * *

Бо гузашти вақт дар мактаби бароям нав оҳиста-оҳиста одат карда, дӯстони зиёде низ пайдо намудам.

Аз ҳамаи он чорабиниҳое, ки айёми баҳорон дар мактаб шуда мегузашт, танҳо яктоаш писандам омада буд. Дар як қитъаи замини мактаб гулҳои садбарги сурхро парвариш мекарданд. Аввалҳои баҳор гулҳои садбарг ончунон мешукуфтанд, ки аз диданаш кайфияту аз бӯйи хушаш ҳаловат мегирифтӣ. То ба охир расидани фасли гулафшони баҳори нозанин муаллимон бо иштироки толибилмон ҳафтае як маротиба базми гулҳо ороста, бо садои мусиқиву рақсу суруди шогирдон ва устодони санъаткор дили мо, хонандагонро шод ва табъамонро болида месохтанд. Илова бар ин, дар мактаб анъана шуда буд, ки мо толибилмон ҳар пагоҳӣ пеш аз он, ки ба синфхонаҳо дароем, аввал дар саҳни мактаб бо

низом саф меоростем. Пас аз ҳаллу фасли масъалаҳои донишандӯзӣ ва интизомиамон, муаллимон аз гулҳои садбарги шукуфта якдонагӣ ба мо туҳфаи наврӯзӣ мекарданд. Ин лаҳзаҳо барои мо, хонандагон, хеле фараҳбахш, хурсандиовар ва хотирмон буд. Ва ҳар сол айёми ҷашни наврӯзӣ гулчинӣ ва гул туҳфа намудани омӯзгорони гиромиқадрро интизор мешудем.

Солҳои мактабхонӣ чун тулӯи офтобу дамидани субҳ ва чун ғуруби офтобу фарорасии шаби тор ноаён сипарӣ мешуданд. Акнун рӯзе фаро расид, ки дар мактаб занги охирин садо дод. Ва мисли дигар ҳамсинфонам соҳиби номаи камол ва дастагули зебое шудам. Худи ҳамон сол бо кумаку дастгирии падари меҳрубон ва бузургворам дар яке аз «коллеҷ»-ҳои шаҳр, ки мутахассисони соҳаи иқтисодро, тайёр мекард, донишҷӯ шудам.

Падарам дар яке аз корхонаҳои саноатии шаҳр, ба ҳайси иқтисодчии калон кору фаъолият менамуд. Ӯ ба серкориаш нигоҳ накарда, ба хондани маҷалла, рӯзнома ва асарҳои бадеии шоирону нависандагони классик ва муосир мароқи зиёде дошт. Рӯзҳои аввали донишандӯзиям дар «коллеҷ» аз шиносоӣ бо устодон ва ҳамсабақон сурат гирифт. Пас аз дусе рӯзи дарсхонӣ муаллимон ба омӯзиши фаннҳои касбӣ гузашта, акнун бо мо шогирдон ҷиддитар машғул шуданд. Рӯзи якшанбе, ки бароямон рӯзи истироҳатӣ ҳисобида мешуд, бо дугонаҳоям ба сайру гашти шаҳри зебоманзари Душанбе мебаромадем. Дар ин сайру гаштҳо баъзан бо ҷавонони сабукфикр ва баъзан бо мардони олуфта ва кунҷков дучор меомадем. Онҳо моро думболгирӣ намуда, аз ҳар боб савол дода, барои шиносоӣ пайдо намудан ҷаҳду талош менамуданд. Дар ин мавридҳо аз мардони лаққию бемаънӣ мекӯшидем, ки зуд худро раҳо намоем. Ҳини сайру гашт бештар гулгаштҳои шаҳр хушам меомад. Ва ҳар гоҳ аз назди раставу дуконҳое, ки он ҷо гулфурӯшон гулҳои ранганг ва тару тозаро барои харидорон қатор карда, ба савдо гузошта буданд, мегузаштам, бароям ҷаҳони наве эҳё мешуд. Оҳ, чӣ қадар кайфият гирифтам аз тамошои гулҳои рангоранг ва хушбӯй!

Чун аз гулгаште мегузаштам, нафасот ва зебойи буттагуле маро сӯйи худ кашид. Назди буттагул хам шуда, гоҳо гулҳояшро бо дастонам навозиш мекардам ва гоҳо ба машомам наздик оварда, мебӯйидам ва ҳаловат мебурдам. Дар ин лаҳзаҳои бароям хеле ҳасосу гуворо ба гӯшам овози ношиноси марде расид.

– Аҷабо! Худ гули зебое ҳастию гулҳоро навозиш мекунӣ?

Ин суханҳо дастонамро аз навозиш ва чашмонамро аз тамошои гулҳои садбарги сафед лаҳзае қатъ намуд. Қоматамро рост карда, соҳиби овозро ҷӯё шудам. Каме дуртар аз ман ҷавони тануманди паҳлавонҷуссае бо табассум ва нигоҳҳои самимию боварибахшаш сӯям назар мекард.

Магар чеҳраи кушодааш хушам омад, ки ба пурсишаш бо табассум посух додам. Ҷавон аз ин иқдомам рӯҳ гирифта, қадаме чанд сӯям гузошт ва худро бо ман муаррифӣ намуд. Мо бо ҳам шинос шудем ва лаҳзае чанд суҳбат оростем. Сипас барои боздиди навбатӣ рӯзу соат муайян намуда, бо ҳам худоҳофизӣ кардем.

Шаби он рӯз мурғи хаёлу орзуҳоям дар кишвари ҷавонӣ баланд болу пар зада, то дуриҳои чашмнорас парвозҳои бешуморе дошт. Гоҳе маро ба боғи зебо ва сарсабз, гоҳе ба талу теппаҳои гулпӯш мебурд. Ва худро дар дунёи биҳиштӣ медидам.

Рӯзи боздид ба ҷойи таъйиншуда рафта, ҷавонро он ҷо дидам. Аммо, чизеро, ки ҷӯёаш будам, дар дасти ҷавон набуд. Лашкари ноумедӣ вуҷудамро лаҳза ба лаҳза тороҷ менамуд. Чун ҷавон маро дид, ба истиқболам қадам гузошт. Ӯ ба ман наздик шуда, сӯям дасташро дароз кард. Аз ноилоҷӣ дастамро ба дасташ дода, вохӯрдӣ кардам. Гарчанде дилам мехост ин лаҳза аз дасташ дастагуле ё ақаллан гули тару тозаеро гирам, аммо ин орзуву умедҳои ширин ва рангин насибам нагашт. Мо лаҳзае чанд бо ҳам гуфтугӯзор кардем. Ба қавле, бо ҳам бо мақсади неки оянда шиносоӣ пайдо намудем. Ҷавон нисбати дирӯза имрӯз ба тан либосҳои шинамро ба бар карда, олуфта менамуд. Ва аз ҳарфзаниҳояш ҷавони

чақ-чақиеро мемонд, вале хатое содир карда буд, ки набахшиданӣ. Пас аз лаҳзае чанд сипарӣ шудан ба ҷавон узурхоҳона гуфтам:

– Маъзарат мехоҳам, ки бо шумо дуру дароз суҳбат оростанро имкон надорам. Маро дар хона мунтазиранд.

Ҷавон пас аз шунидани матлабам, бо таассуф гуфт:

– Албатта, ман зиёда аз ин шуморо маҷбур сохта наметавонам, ки бо ман бимонед. Ҳарчанд аз дидоратон сер нашудаам. Ҷавон, баъди мақсадамро ифроз намудан бо табассум, хоҳишашро ифшо намуд:

– Пагоҳ ин ҷо, дар ҳамин соат, мунтазиратон мешавам.

Бо табассуми зӯракие ба чеҳрааш нигариста, ҳарфе нагуфта, бо имои сар хоҳишашро қабул намудам. Аммо ин қабули дурӯғине буд.

Шаб болои кати хоб, ба пиндорам, хонаи дилам лаҳза ба лаҳза тангу торик мешуд. Дунёи хаёлот ва орзуҳои ноумедгаштаам пайкарамро вазнин месохт. Тирезаи ҳуҷраамро кушода, ба кишвари пурасрори само, ки моҳи мунираш пур шуда ва ахтаронаш бо дурахши худ асрорангез менамуданд, нигариста аз дил гузаронидам:

« – Парвардигоро! Ин чӣ даҳшатест, ки тассавур карда наметавонам. Чаро ин ҷавоне, ки бо ӯ шинос шудам, бо он афту андоми муносибаш ва чеҳраи кушодааш аз олами зебойӣ маҳрум аст? Охир, ӯ медонист, ки чӣ тавр бо буттагули садбарг розамро мегуфтам. Пас чаро аз асрори дилам огаҳӣ наёфт? Дастагул не, аққалан як гули садбаргро, ки беандоза дӯсташ медорам, ҳадяам накард. Ин ҷавон, ки дунёи зебоиро эҳсос намекунад, ҷоҳил аст. Бо ҷоҳилон маро дӯстӣ нашояд…»

Дунёи хаёлотам ба охир нарасида, лашкари хоб маро мағлуб ва аз фикру андешаҳо ва яъсу ноумедиҳо дурам сохт. Танҳо субҳидам офтоби оламоро аз тирезаи хона гузашта, ба чашму рӯям гармию равшанӣ бахшид ва маро аз хоби пур зи орзуву омолҳо бедор намуд.



* * *

**С**олҳои ҷавониам сипарӣ мешуданд, аммо дунёи зебопарастиам ҳамфикру шарикам буданд. Тӯли ин солҳо падарам бо дунёи ҳастӣ падруд гуфт. Ману модарам ва бародарам Нурулло бо мушкилиҳои зиндагӣ рӯ ба рӯ шуда, ҳар лаҳза бо азоби бесарбонию сахтиҳои зиндагӣ гирифтор мешудем.

Корвони умрам, агарчи роҳи бистушашсоларо тай карда бошад ҳам,ҳусну ҷамолам осеб наёфта, мурғи илҳомам дар олами зебопарастӣ болу пар мезад. Вале то ҳануз ҷавоне ё марде калиди дари диламро наёфта ва маскан нагирифта.

Рӯзе модарамро хумори тушберахӯрӣ омад ва маро барои хариди гӯшт ба бозор фиристод. Ба бозори серодаму пурғавғо ва моломоли нуқлу хӯрданиҳо, атриёту сару либосҳои гуногуннамуд ва гуногундӯхт наздик шудам. Ба чашмам дукони гулфурӯшӣ намудор шуд. Худро назди дукон гирифта, ба гулдастаҳои рангоранг ва асрорангез, муаттару дилфиреб назар афкандам. Чӣ қадаре ба гулҳо менигаристам, ҳамон андоза ба дунёи дилфиреб ва асрорангези онҳо фурӯ мерафтам. Вақте ба худ омадам ва чашм аз тамошо баста, ҷониби дукони гӯштфурӯшӣ роҳ паймуданӣ шудам, садо ва симои ҷавони қадбаланд, зебоандом ва маданинамое, ки ба нигоҳам ҳамсинну соли худам барин менамуд, дар пеши чашмонам падидор гардид. Ӯ бо табассум ва нигоҳи нарме сӯям нигариста, дастагули зебоеро дарозкунон гуфт:

– Ана, ин дастагулро ба Шумо тухфа мекунам. Ин корро бидуни инон ва ихтиёри хеш мекунам. Нигоҳҳои дилфиреб ва асрорангезатон ба ин гулҳои зебо, ки шабеҳи худатонро доранд, маро ноором сохт. Ҳарчанд Шумо худ гулед. Ва гумон мекунам, ки ошиқи гулҳо низ ҳастед!

Аз ин иқдоми ҷавони ношинос, ки бо нигоҳҳои гарм ва умедбахшаш дастагули зебоеро ҳадяам мекард, каме дастпохӯрон:

– Чаро ташвиш кашидед? Охир, охир… Шумо маро… Ман Шуморо намешиносам.

– Агар аз ин рафторам ноҳинҷор шуда бошед, маъзарат мехоҳам.

– Не! Не! Хавотир нашавед. Вале Шуморо бори нахуст мебинам. Бароям ин иқдоматон ғайри чашмдошт аст.

– Дар ин дунё барои ҳар фард лаҳзаҳое пайдо мешаванд, ки ғайричашмдоштанд, вале аз манфиат дур нестанд. Бо мурури вақт зарурат пайдо карда, лозим мешаванд.

– Ҳа? Дуруст. Гуфтаҳоятон хушам омад.

– Пас, дастагулро аз дастам, бигиред!

– Бо камоли майл. Ташшакур.

Ин иқдоми ҷавон бароям гувотарин лаҳзаҳое буданд, ки

тӯли солҳо дар орзуяш умри ҷавонамро нисор мекардам. Ҷавоне, ки орзуву ҳавасҳои дар дили кӯчакам ниҳоншударо эҳсос карда, чизи бароям дӯстдошта ва муқаддас – дастагули тару тозаро ҳадяам намуд, Орзу ном доштааст. Ману Орзу қариб ҳар рӯз бо ҳам вомехӯрдагӣ шудем. Ӯ мисли дигар ҷавонмардоне, ки пеш бо онҳо шиносоии яклаҳзагӣ доштам ва байнамон фазои якдигарфаҳмӣ ба вуқӯъ напайваста монанд набуд. Ӯ ҷавоне буд, ки калиди дили пурдарду ҳасратамро дарёфт ва бароям неруи наве эҳё карда тавонист. Ҳамин минвол, ҳини ҳар вохӯриамон ӯ ба ман дастагулҳои қашанг ва атромезро ҳадя менамуд. Акнун бо амри тақдир бо ҳам унс гирифтем. Ба меҳрубонӣ ва навозишҳояш одат кардам. Дӯсташ доштам.

* * *

**М**ану Орзу таги дарахти чинори азиме, дар яке аз гӯшаҳои хилвати шаҳр бо ҳам суҳбат ороста будем. Офтоби оламоро ба ғуруб мерафт. Тамузи тобистонро шамоли вазидаистода салқинтар мекард. Ин буд, ки лангари суҳбати мо охир надошт. Агарчи равшании рӯзро оҳиста-оҳиста пардаи торикӣ маҳв сохта, шаб ба ҳукмронӣ наздик мешуд, аммо ахтарони само ба моҳи нави ба пушти нохун шабеҳдошта гӯиё мададгорӣ намуда, торафт равшантар ва пурҷило шуда, уқёнуси бекарони фазоро аз торикӣ ва зулмот эмин медоштанд. Ва кайҳони муъҷизакор бо ин иқдомаш ба мо дилдодагон равшание ато мекард, ки ба дидори якдигар муваффақ шуда, аз лабони якдигар бӯсаҳои ангубиносои ҷавониро ситонем. Баъди лаҳзаҳои гуворо ва даргузашт, Орзу бо меҳри бепоёне ба симоям нигариста:

– Азизакам! Ҳаваси дар зебоӣ нотакрорам. Ин лаҳза ба ту ҳарфе гуфтан мехоҳам, ки ба дуямон зарурат дорад.

– Чӣ гуфтан мехоҳӣ, эй Орзуи ҷон?

– Дӯстат медорам, эй Ҳавас. Эй, шифобахшанда ва муттакони ҳаёти имрӯзаву фардоям. Эй гуле, ки зебоиву накҳатат бо ҳар як дидан ба вуҷудам илҳому ба узвҳоям шифо мебахшад. Ва маро дар ин дунёи ҳастӣ хушбахту шод месозӣ. Ана, ин буд гуфтаниҳоям, ҷонакам.



– Чунин суханҳои воло ва умедбахшро бори аввал мешунавам. Ин қадар хубу гувороянд. Гӯиё ба зулмоти чандинсолаи дилам равшание ато намудӣ, азизам. Аммо, аммо…

– Чӣ гуфтание дорӣ. Беибо бигӯ, эй марҳами ҷонам.

– Ба ёдат ҳаст, ки боре аз ту чандсола буданатро пурсида будам?

– Ба ёдам ҳаст. Чӣ буд?

– Охир, ту ҳама шуда бисту панҷ сол дорӣ. Ман бошам ба бисту шаш қадам мондам, мефаҳмӣ?

– Эҳ, нодонаки ман. Оё гап дар синну сол ва аз якдигар каме калону хурд будан аст? Муҳимаш он, ки мо якдигарро дӯст медорем, кабутараки ман.

Орзу ҳарф мезад. Гуфтаҳояшро бо тамоми ҳастӣ гӯш мекардам. Дар суханрониҳояш самимияти хосе эҳсос мешуд. Ва корвони умеду орзуҳоям, ки тӯли солҳо дар дашти беканори хаёлотам бо ман роҳ мепаймуданд, дар ин поси шаб гоҳ-гоҳ пеши назарам айён гашта, гӯйё ба манзили умед расиданро дарак медод. Тапиши дилам лаҳза ба лаҳза афзуда, неруи наве дар вуҷудам эҳё мешуд. Ба хаёлам, ин неру муҳаббате буд, ки дар замирам нисбати Орзу пайдо шуда. Аниқтараш, ишқи беолоиши ҷавонӣ, ки чун мавҷи дарё вуҷудамро ба туғён оварда.

Симову ҳарфзаниҳои Орзу ин лаҳзаҳо хушам меомад ва маро чун оҳанрабои пурқуввате сӯи худ мекашид. Ин буд, ки лаҳзаҳои тулонӣ дар оғӯши якдигар бо бӯсу канор мондем.

* * *

Лаҳзаҳо... Рӯзҳо... Моҳҳо... Оҳ, чӣ хел бароям гуворо-янд. Дигар орзуву омолҳоям чун киштие дар укёнуси беканор то дуриҳо шино намекунад. Дигар андешаҳои печ дар печ сарамро гич ва диламро аз зиндагӣ ноумед намесозанд. Чунки ману Орзу чун ҷуфти кабутари ҳамфикру маромро мемонем.

Хоҳем, дар самои кишвари ишқи ҷавониамон соатҳо парвоз мекунем. Хоҳем, бо ҳам аз боме ба боме, аз дарахте ба дарахте менишинем ва роз мегӯем. Хоҳем, бо ҳам бари дар бар роҳ меравем ва оҳанги ишқи зиндагиро месароем, то ин ки дигарҳо шунида, ба ишқамон бовар кунанд.

Рӯзи якшанбе буд. Барои Орзу рӯзи истироҳатӣ ба шумор мерафт. Мо паҳлуи ҳам суҳбаткунон дар гулгашт ва кӯчаҳои шаҳри зебоманзар сайру гашт мекардем. Нақлҳои

ҳазломез карда бо ҳам механдидем. Хушнуд мешудем. Завқ мебурдем. Ҳамин тавр, ба боғи фарҳанг ва фароғат ворид шудем. Баъди каме дам гирифтан ва кӯфти роҳро баровардан, дохили боғро синчакорона ва оҳиста-оҳиста тамошо намудан, билохир назди қаиқҳои ҳавоӣ қарор гирифтем. Ва ба нафароне, ки дукаса шуда қаиқро бо тела додани пойҳояшон оҳиста-оҳиста боло мебардоштанд, зеҳн монда тамошокунон завқ мебурдем. Ин кори қаиқсаворон ба Орзу хуш омад. Ва сӯям бо завқ нигариста, хоҳиш кард:

– Ҳавси ҷон! Биё, мо ҳам дар қаиқсаворӣ худамонро як санҷида бинем. А?

– Ба хоҳишат муқобил нестам. Вале боре ҳам дар чунин қаиқ савор нашудаам, боз афтида намонам, ки боиси ханда ва мазоқи атрофиён шавам.

– Ана гапу мана гап! О, то вақте, ки ҷон дар бадан дорам, пуштибон ва ҳимоятгарат ҳастам, азизакам!

– Модоме ҳимоятгари шуҷоъ дорам, аз ин завракча ягон тарсу ҳарос надорам, – гуфтам бо ханда сӯи Орзу нигариста. Ва боз афзудам:

– Канӣ, ба пеш! Савор шудем!

Ҳарду бо завқи баланд ва даҳони пур зи ханда ба завраки навакак холишуда савор шудем. Агар завракронони асил завракро болои оби дарё, кӯл, ё баҳри азиме ронанд, пас дуи мо завракеро мерондем, ки дар фазо шино мекард ва тавассути симҳо дар оҳани ғафсу дароз ба ду пояи оҳанини баланд васл шуда буд. Заврақ аз таъсири ду поямон, ки бо навбат ба пеш тела медодем, оҳиста-оҳиста суръат гирифта, гоҳе ба пеш ва гоҳе ба қафо баланд мешуд. Шамоли ин баландшавиҳо пероҳани ҳарири ба бар кардамро, гоҳе ба тан ва гоҳе ба сару рӯям мепечонид. Гарчанде ин лаҳзаҳо маро шарм зер карда бошад ҳам, аммо имкони дастамро сар додан ва куртаамро оростан надоштам. Қаиқ рафта-рафта, чунон баланд, шуд, ки гумонам, ҳоло ё андак пас чаппагардон мешавад. Аз тарси дар дилам маконгирифта, беихтиёр овози тарсомезе баровардам: – Орзу! Орзу! Қаиқро дор! Дор, мегӯям! Меафтам, меафтам!

Орзу нидоҳои имдодталабонаамро шунида, аз қаикронӣ

худдорӣ намуд. Суръати ҳаракати қаиқ рафта-рафта паст шуд ва оқибат дар ҷойи муқаррариаш қарор гирифт.

Орзу, ки ин ҳолат дар таҳлука афтода буд, дастамро мустаҳакам дошт ва маро аз қаиқ ба замин фаровард. Ҳини поямро ба замин гузоштан аз бемаҷолӣ яку якбора худамро дар оғӯшаш партофтам. Ӯ сару рӯямро силакунон аз ман пурсид:

– Аз чӣ тарсидӣ, ҷонакам?

– Дилам таҳ кашид ва тарсидам.

– Хавотир нашав. Ҳамааш ба хубӣ анҷомид. Ба гумонам, бори аввал ба чунин қаиқ савор шудӣ?

– Не. Бори аввал, не. Вале одат накардаам, ки накардаам.

Орзу дасташро аз паси пуштам гузаронид ва маро назди нишастгоҳи чӯбине бурд, баъд хоҳиш намуд:

– Биё, ин ҷо каме шинем. Ба худ ки омадӣ, сонӣ ба ягон қароре меоем.

Ҳарду бари дар бар болои нишастгоҳи чӯбин нишастем.

Ҳарчанд рӯз бегоҳ шуда истода бошад ҳам, торикии боғро чароғҳои барқӣ фурӯзон месохт. Орзу дасташро аз болои китфонам гирифта, ба чашмонам нигоҳкунон аз ман суол кард:

– Ба гумонам, гурусна метобӣ.

Ба ин пурсишаш бе ибо ва бо табассум гуфтам:

– Рост гуфтӣ, азизам. Гурснагиамро эҳсос карда истодаам.

– Ин тавр ки бошад, дарҳол аз ҷоят хез! Ҳатман рафта хӯрок мехӯрем.

– Ба куҷо?

– Ба куҷо мешуд? Ҳо, ана ба он «Ресторан», ки дар кунҷи боғ воқеъ аст.

Аз шунидани номи «Ресторан» ба фикр фурӯ рафтам.

– «Ин ҷавоне, ки дӯсташ медорам мудом оддию фурӯтан ва камбағал менамояд. Пас, аз кадом ҳисоб пул ёфта, маро ба «Ресторан» даъват мекунад. Охир, нархи хӯрокҳо дар чунин ҷойҳо хеле гарон аст. Илова бар ин, дар ҳар вохӯриамон дастагуле харида ҳадяам мекунад…»

Ногоҳ овози Орзу риштаи хаёлотамро гусаст:

– Чаро ин қадар дар фикр фурӯ рафтӣ?

– Ҳеҷ гап не. Ҳамту. Хаёле ба сарам омад.

Орзу хушнудона аз таги дастам дошт ва ҷониби «Ресторан» роҳравон:

– Рафтем, азизакам. Рафтем, – гуфт.

Чун, вориди «Ресторан» шудем, садои мусиқӣ ва чақчақу хандаи одамони сархушшуда ба гӯшам ва даву ғеҷи пешхизматзанҳо дар нимравшании золи калон ба чашмам расид. Бӯйи нохуш ва дилбеҳузуркунандаи сигору нӯшокиҳо бо араќи бадани он ҷо будагон якҷоя шуда ба димоғ расида табъи касро хира мекард.

Лаҳзае нагузашта зани ҷавоне ба истиқболамон омад. Ӯ моро назди мизи дар як гӯшаи зол буда гуселонид ва ба нишастан таклиф кард:

– Марҳамат. Ин ҷо шинетон!

Ва ба чеҳраи Орзу табассумкунон нигариста:

– Хӯш. Бифармоед!

Орзу низ ба чеҳраи зебойи зан нигоҳкунон оромона аз ӯ хоҳиш намуд:

– Нимкосагӣ карамшӯрбо, мурғи кабоб, мевагӣ, шарбати мева, оби зулол, як шиша «Шомпон» ва яхмоси шоколодӣ.

Ҳине ки Орзу ба пешхизматзан номгӯйи хӯрокҳо, махсусан мурғи кабобу «Шомпон» ва яхмоси шоколодиро ба забон мегирифт, ман дар ҳайрат монда будам. Гумон доштам, ки яккосагӣ шӯрбо ё мастоба хӯрда, гуруснагиамонро рафъ намуда, аз ин ҷо дарҳол меравем. Охир, ин номгӯйи хӯрокҳо, алалхусус, дар чунин «Ресторан»-ҳои боҳашамат, арзиши хеле баланд доранд. Пешхизматзан бо табассум фармудаҳои Орзуро қабулкунон:

– Ба чашм, худи ҳозир ҳамашаро меорам, – гуфт.

Орзу нигоҳашро аз пешхизматзан бо мулоиматӣ гирифт ва сӯям ҳалимона нигариста:

– Хӯш. Ин ҷо ба ту маъқул? Ё не?

– Агар ба Шумо хуш омада бошад, шояд лаҳзаҳое фаро расад, ки ба ман ҳам хуш ояд. Аммо, ин қадар ташвиш кашидан ва хароҷоти зиёд кардан лозим набуд.

– Эҳ, нодонаки ман. Барои ту барин духтари зебо ва бофаросат ин хароҷотҳо арзише надоранд.

Орзу ҳанӯз ҳарфзаниашро ба итмом нарасонида, наздамон марди миёнаумри босаловате ҳозир шуд. Орзу, бо дидани мард, барои эҳтиромашро ба ҷо овардан дарҳол аз ҷой бархост ва бо ӯ вохӯрдӣ намуд. Ҳарду аз ҳар боб суҳбате доштанд. Ин лаҳзаҳо баъзе ҳарфзаниҳои мард ба гӯшам мерасид:

– Саломатии модар ва бародаронат хуб аст? Ба падарат саломи маро, албатта расон. Худо насибам гардонад, ягон рӯз хабаргирӣ меоям…

Мард боз ким чиҳои дигар гуфту бо Орзу ва бо ишораи сар бо ман низ худоҳофизӣ намуд ва назди шариконаш рафт.

Ин муносибати марди калонсол ва босалобат нисбати Орзу, ки дар синну сол аз ӯ хеле хурд буд, маро дар ҳайрат мононд. Ва сабрро ихтиёр накарда, аз ӯ:

– Агар мумкин бошад, гаперо пурсидан мехоҳам, – гуфтам.

– Марҳамат. Гӯшам ба шумо.

– Ин марди хеле босалобату калонсол ва ба наздамон омадагӣ, кистанд?

– Ҳа? Ин мард, шогирдони падарам мебошанд. Бо мо чун дӯсти хонадон рафтуомад мекунад. Маро дида, наздам омад…

Ба наздамон ҳозир шудани пешхизматзан суҳбати моро ба фарҷом расонид. Пешхизматзан фармудаҳои Орзуро бо як маҳорат ва нозукиҳои ба худаш хос болои миз гузошт ва:

– Иштиҳои хуш! – гуфта, аз наздамон дур шуд.

Орзу қадаҳҳои ҳаҷмашон калони ҷиллонокро моломоли «Шомпон» намуд. Ӯ қадаҳи аввалро низди худаш гузошт ва дувумашро ба дасти ман дода истода, бо табассум ба чеҳраам нигоҳкунон:

– Барои он менӯшем, ки дар ин дунё мо якдигарро ёфтем. Барои он менӯшем, ки то ҳаёт ҳаст, бо ҳам бимонем.

Қадаҳро аз дасти Орзу гирифтам. Ӯ қадаҳашро бо тамом нӯшид. Ва сӯям ҳайрон-ҳайрон нигариста пурсид:

– Чӣ, магар гуфтаҳоям ба ту хуш наомад?

– Чаро хуш намеомадааст, баръакс ба ман хеле маъқул шуд.

– Пас чаро қадаҳатро нанӯшидӣ?

– Ҳозир менӯшам. Аммо, аз шарбати мева.

Магар ин ҳозирҷавобиам ба ӯ хуш омад, ки бо ханда сарашро ҷумбонида истода, қадаҳи дигаро пур аз шарбати мева кард ва сӯям дарозкунон:

– Ба ростӣ, ки қоил кардӣ. Мани содда гумон кардам, ки қадаҳи аввалро менӯшӣ.

– Орзуҷон! Агар гап дар нӯшидан равад, пас чӣ фарқ дорад, ки «Шомпон» нӯшам ё шарбати мева.

– Ҳо, балояке. Фарқ дорад. Агар «Шомпон»-ро менӯшидӣ, каме сархуш мешудӣ. Ҳазлу шӯхиҳоят бештар мешуд.

– Чӣ, магар ин ҳазлу шӯхиҳоям бо ту маъқул нестанд?

– Маъқул. Маъқул, азизакам.

Суҳбату ҳазл ва шӯхиҳои гувороямон хеле тӯл кашид. Пас аз қадаҳҳои пайёпаро нӯшидан ва сархуш шудан, Орзу пешхизматзанро наздаш хонд. Ин лаҳза гумон доштам, ки бо ӯ ҳисобӣ мекунад ва баромада меравем. Вале гумонам хато баромад. Ӯ ба пешхизматзан сигор фармуд. Орзу қутти сигорро кушода, аз дохилаш як адад сигор гирифта, байни лабонаш гузошт ва сипас бо гӯгирд оташ гиронда фориғболона ба сигоркашӣ даромад. Ман ҳарфе назада, хомӯширо ихтиёр кардам. Ва ба сигоркашии ӯ ва атрофиён, ки қисме давра ороста ва қисме бо садои мӯсиқӣ мерақсиданд ва баланд суҳбат мекарданд, нигоҳкунон сабру тоқатам ба фарҷом расида буд. Бисёр мехостам, ки ҳар чи зудтар аз ин бинои бадбӯю пурғавғо ба ҳавои тоза бароям.

Орзу ба чеҳраи каме коҳида ва хирагаштаам назар карда пурсид:

– Ба фикрам, вақти рафтан ҳам шудааст. Ту чӣ мегӯйӣ?

– Дуруст. Ҳар чи зудтар аз ин ҷо равем, ҳамон қадар хуб мешавад.

– Ман розӣ, аммо бо як шарт.

– Гӯшам ба Шумо.

– Ҷонакам. Биё, мо ҳам биракқсем.

Ҳарфе нагуфта бо ҷумбонидани сарам розигиамро додам.

Бо садои мусиқии фораме, ки ҳангоми аз ҷой хестанамон садо дод, якдигарро оғӯшкунон ба рақсидан даромадем. Монанди мо дигарҳо низ мерақсиданд. Ва ҳини ба итмом расидани мусиқӣ аз «Ресторан» берун шудем.

Акнун бо таъбу рӯҳи болида дасти ба даст сайркунон бо роҳи калони мошингарде омада расидем.

Орзу автомашинаи тамғаи «Таксӣ»-доштаеро нигоҳ дошт ва маро то назди хонаамон гусел кард. Сипас бо нигоҳҳои умедбахш ва пур аз меҳру муҳаббат то вохӯрии ояндаамон бо ҳам худоҳофизӣ намудем.

* * *

**Р**ӯзе ҳини вохӯрии навбатиамон дар чеҳраи Орзу як навъ парешонҳолию хастагиро ҳис намуда, аз ӯ пурсон шудам:

– Чаро имрӯз, хаставу парешонҳол ва табъат хира менамояд? Оё ягон воқеае рух надода бошад, азизам?

– Ҳа. Қариб, ки дарёфтӣ. Аммо ин сиррест, ки ҳоло ба ту ифшо карда наметавонам, кабутаракам. Бо мурури вақт ҳамаашро ба ту, албатта мегӯям.

Пас аз чунин ҳарфзаниҳои Орзу пайхас намудам, ки ӯ аз чизе азият мекашад ва сабру тоқатро ихтиёр карда, ҳақиқати ҳолро ба ман аз гуфтан худдорӣ кард. Вале ваъда дод, ки рӯзе ҳамаашро ба ман қисса мекунад.

Дар чунин ҳоли номусоиде, ки имрӯз ману Орзу бо ҳам суҳбат меоростем, ногаҳ дар чеҳраи Орзу ғайри чашмдошт хушнудие ҳувайдо шуд ва бо лаби пуртабассум сӯям нигоҳкунон:

– Медонӣ чӣ, Ҳавас?

– Не! Ҳоло намедонам. Агар гапатро гӯйӣ, шояд ба гуфтаат сарфаҳм равам, – гуфта ба пурсишаш бо табассум посух додам.

– Эҳ, ҷонакам. Агар гапамро гӯям, ту ҳам шодӣ мекунию ҳам мерақсӣ.

– Оҳо, чӣ гапи нав бошад. А? Майлаш, хапу хомӯш ба гапат медиҳам гӯш.

– Э, ба фикрам, шоиртабъ менамойӣ?

– Охир, хабари хуш ҳам ба кас илҳом мебахшад.

– Модоме ки ин тавр бошад, бо диққат ба гапам гӯш деҳ, эй марҳами ҷон ва тақдиркушоям.

– Хайр, ту ҳам дар суханпардозӣ хеле боло рафтӣ, беҳтараш, гапи мегуфтагиатро зудтар гӯй, ки тоқатам тоқ шуд-е.

– Пагоҳ рӯзи шанбе. Яъне барои ман, ки муҳандиси Муассисаи шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе ба шумор меравам, рӯзи истироҳатӣ аст. Барои ҳамин туро, ҷонакам, ба сайру истироҳати дараи зебоманзари Ромит сидқан таклиф мекунам. Ва боз хоҳишам ҳамин, ки кореро ё сабаберо баҳонаҷӯйӣ намуда, хоҳишамро рад нанамойӣ. Ана, гапи мегуфтагиаю таввалою илтиҷоям, Ҳавасҷонакам!

– Ба ростӣ, ин иқдомат хушам омад, вале дар умрам ҳам дар чунин ҷойҳо набудам ва одат кардагӣ ҳам нестам.

– Бисёр хуб. Ҳам мебинӣ, ҳам ҳаловат мебарӣ. Табиати нотакрор ва чашмаҳои обаш сарду зулол ва ширинаш, ба шаршараву дарёча, дарёи пуртуғёни Кофарниҳон, талу теппаҳои сабзапӯш ва гулпӯш, қуллаҳои осмонбус ва барфпӯши кӯҳҳояшро, ки бо ҳам омезиш ёфтаанд, дида, аз ин дунёи пурасрори кӯҳистони Ватанамон – Тоҷикистони азиз ва ба ҷон баробар рӯҳи илҳоми тоза мебардорӣ.

– О-о-оҳ! Чӣ тавр тасвири манзараҳои ин дараи гуфтагиат, яъне Ромитро бароям афсонаомез қисса кардӣ. Аз афташ ҳангоми дар мактаби ҳамагонӣ таҳсил намуданат иншои хубе менавиштӣ.

– Охир, беҳуда нагуфтанд, ки «Шунидан кай бувад монанди дидан». Қиссаамро, ки шунидӣ, акнун ба ман гӯй, пагоҳ дуямон ба ин дараи хушманзара ва афсонавӣ меравем. Ҳа? Меравем?

– Бо ҷону дил. Ман ризо. Ҳатман меравем.

* * *

**Р**ӯзи дигар, пагоҳии барвақт ману Орзу дар наздикии бозори калоне, ки «Саховат» ном дошт, бо ҳам вохӯрдем. Ва якҷоя вориди бозори пур аз меваҷот, нуқлу хӯрданиҳо ва

серодаму пурғавғо шудем.

Ман, ки баробари ӯ дохили бозор қадам мезадам, хушнудона сӯям нигариста, бо нармӣ огаҳ намуд:

Ҳоло каме хӯрока харид мекунам. Хоҳиш мекунам, ки монеъ нашав. Аммо, чӣ хоҳише дошта бошӣ, фавран бе ягон дудилагӣ ба ман бигӯ, ҷонакам.

– Хуб шудааст. Ман ба хоҳишат розӣ.

Сипас дар халтаҳо, аввал дуто нони гарм, баъд мурғи бирён, самбӯсаи гарми варақин, каме мевагӣ ва помидору бодиринги аз гармхонаҳо ба тозагӣ воридшуда, инчунин оби зулол ва шарбати мева харид намуда, аз бозор берун шудем.

Орзу бошитоб қадам мезад, ман ҳам аз ӯ қафо намонда, гоҳе роҳравон ва гоҳе дав-давон назди мошини напа нави хокистарранги тамғаи «Мерседес»-е расидем. Орзу истодан замон аз киссааш калидеро баровард ва бо зер кардани тугмачааш дари мошин кушода шуд.

Мани дар ҳайрат монда саросемавор аз ӯ пурсон шудам:

– О, ту чӣ кор карда истодаӣ?

– Ҳа? Ба ту чӣ шуд, Ҳавас?

– Чӣ хел, чӣ шуд? Ба мошини шахси бегона чи кор дорӣ? Боз сарамонро дар ягон бало гирифтор накунӣ, А? Биё, беҳтараш, бо автобус ё мошинҳои «таксӣ», меравем. Биё, мегӯям!

– Ҳавас! Ту чиҳо гуфта истодаӣ!

– Чӣ ҳам мегуфтам? Охир, аз тарси ҷонам ин гапҳоро ба ту гуфтам.

– Азизакам! Вақте бо ман бошӣ, тарсу ҳаросро аз худат дур созӣ, беҳтар мешавад.

– Ин тавр бошад, ба ман гӯй, ин мошин аз они кист?

– Ё, тавба. Азони худам. Боз аз кӣ мешуд?

– Худоё! О, ин тавр ки буд, чаро аз мошиндориат ба ман ҳарфе назадӣ ва дар тӯли ин қадар рӯзҳои шиносоӣ ва бо ҳам буданамон боре ҳам туро савори ин мошини пурдабдабаат надидаам.

– Азизам. Аз шиносоӣ ва дӯстии мо то кунун рӯзҳои бешумор сипарӣ нашудааст. Худо розӣ бошад, аз ҳолу аҳволи ман бо гузашти вақт огаҳӣ ёфта, ҳамаашро фаҳмида мегирӣ.

Гуфтаҳои ботафсили Орзуро шунида ҳарфе назадам ва бо ишораи сарам тасдиқ намудам.

Орзу халтаҳои пурборро дар қафои мошин ҷой намуд ва сӯям табассумкунон аз ман хоҳиш кард:

– Бифармоед! Ҷонакам! Дар бари ман гузашта шин! Худо хоҳад, ба сафар мебароем.

Орзу эҳтиёткорона аз қафои мошинҳои бисёре, ки аз тамбашавишон гоҳе меистоданд ва гоҳе роҳ мепаймуданд, мошинашро ронда истода, пас аз чанде аз шаҳр баромад ва ҷониби дараи Ромит роҳ пеш гирифтем. Ӯ мошинашро идора карда истода, гоҳе ба манзараҳои зебойи ду ҷониби роҳ ва гоҳ-гоҳ сӯям нигоҳи нарме меандӯхт. Ва пас аз чанд лаҳзаи хомӯшӣ ӯ хандакунон аз ман пурсон шуд:

– Гумон кардӣ, қобилияти дӯздӣ низ дорам?

– Баъди маро сахт тарсонданат, боз бо ман ҳазлу шӯхӣ мекунӣ? Агар росташро гӯям, бовар надоштам, ки дари мошини худатро мекӯшойӣ. Он лаҳза нофаҳмида ба хатогӣ роҳ додам. Ба фикрам, қалбатро озурда кардам. Агар тавонӣ, маро бубахш.

– Кирои бахшидан надорад.

Баъди чанд муддати ҳаракат, мо аз байни деҳаҳое, ки дар назди талу теппаҳои сабзпӯш ва сердолу дарахт ҷойгир буданд, гузашта, ба дараи Ромит наздик мешудем.

Дар ин мавзеъ, ки гирдогирдашро кӯҳҳои сарбаланд ва барфпӯш иҳота карда буданд, гармии офтоб сӯзон набуд, балки шамоли салқини пайваста вазанда, ки аз қуллаҳои кӯҳҳои осмонбӯс ибтидо мегирифт, ба ҳар як сокини ин макон ва меҳмонон неруи тозае ато мекард.

Тамошою суҳбаткунон билохир дар назди дарвозаи осоишгоҳ қарор гирифтем. Орзу мошинашро дар беруни осоишгоҳ зери дарахти сояафкане гузошт. Ӯ баъди мошинаашро ба посбони дар назди дарвозаи осоишгоҳ истода супоридан, борҳоро аз қафои мошин гирифт ва қулфи дарашро баст.

Чун вориди осоишгоҳ шудем, саҳну гулгаштҳо, биноҳои маъмурию истироҳатӣ, ошхонаву ҳавзи шиноварӣ ва майдончаҳои дамгирӣ, пас аз таъмири навбатӣ хеле зебо ва

мунаққаш ба чашм мерасид. Осоишгоҳ ба муассисаи давлатии роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буда, истироҳаткунандагонро аз роҳҳои дуру наздик барои дамгирӣ ва табобат дар ҳуҷраҳои барҳаво, озода ва бо тарзи замонавӣ ҷиҳозонидашуда қабул намуда, барои истироҳати хубашон ҳамаи шароит муҳайё кардааст. Инчунин барои истироҳаткунандагони аз шаҳри Душанбе ва навоҳии дуру наздик меомадагиҳо баҳри истироҳати якрӯзаашон дар лаби дарёи Кофарниҳон ҷо-ҷо аркҳои аз чӯб сохта ва гулкорӣ кардашударо, ки дорои катҳои чӯбин ва мизу курсиҳо буданд, пешкаш менамуданд. Инчунин дар ин мавзеи зебоманзар тӯйи арӯсӣ ва домодӣ низ баргузор мегардид.

Пас аз каме пурсу суроғ намудан, Орзу кати чубинеро, ки зери дарахти сояафкан, дар лаби дарё ҷойгир буд, то охири рӯз ба иҷора гирифт. Болои кат бо қолин ва курпачаҳо ва якчанд болишт муҷаҳҳаз шуда буд. Мӯйсафеди лоғарандоми қоматхамидаи хурдҷусса, ки чашмонаш дар косахонаи сараш фурӯ рафта ва шояд аз набудани дандонҳояш ҷоғи поёнаш каме монда буд, ки ба бинии каҷи бо мурури замон поёнфуромадааш расад, наздамон омад. Риши сафеди хурдаш ба қиёфаи рӯяш шинам афтода буд. Мӯйсафед ба синни аз ҳафтод гузаштааш нигоҳ накарда, серҳаракату чолок менамуд. Шӯху давраоре будааст ӯ. Ҳини моро то ҷойи истироҳатамон, ки назди кат, интихоб шуда буд, оварданаш аз ҳар боб пурсупоскунон суҳбат меорост. Агар кас ба тарзи ҳаракат, ҳарфзанӣ ва ба ҳазлҳои хандаовараш аҳмият диҳад, дар назар ба Хоҷа Насриддини масхарабози зираку доно шабоҳат дошт. Вале ҳини худашро ба мо муаррифӣ намудан донистем, ки ӯро бобои Иззатулло гуфта ном мебурдаанд.

Мӯйсафед, пас аз нишон додани ҷойи дамгириамон, моро ба ҳоли худ гузошт ва аз паси корҳои худ шуд.

Болои кати барҳаво ва соядор шамоли мудом вазандае дошт, ки Орзу ҳаловат бурда истода, каме дароз кашид. Ӯ пас аз андаке гузаштани вақт маро низ барои дамгирӣ болои кат хонд. Дарёи пуртуғиёни Кофарниҳон, ки бо суръати хеле тез ҷорӣ мешуд, ба сангҳои хурду бузурге, ки садди

роҳаш мешуданд, бархӯрда, кафккунон бо садои баланд роҳашро идома медод.

Ба сеҳру неруи ин дарёи кӯҳӣ, ки аз қуллаҳои барфпӯш ва пиряххои азим ибтидо гирифта, ҳини ҳаракаташ ба он, дарёчаву чашмасорон ва шаршараҳои кӯҳӣ ҳамроҳ шуда, серҳаракат ва бузургтараш месохтанд, қаноатманд дида медӯхтем.

Дуртар аз ҷойи нишастамон ба чашми Орзу ҷойе намудор шуд, ки кунҷковона он сӯ равон гардид. Чун ба ҷойи дидааш наздик шуд, майдончаи аз сабза ва себарга сабзпӯш, ки байнаш гулҳои зарду кабудчатоби диққатҷалбкунанда дошта аёнаш гашт. Каме поинтар аз сабзазор дар лаби об тахтасанги калоне бовиқор меистод.

Орзу аз ин ҷойи қулаю истироҳатбоб ва аз ҳама муҳимаш, аз назарҳо канораро дида, хушнуд шуда буд, ки маро ҷеғ зад:

– Ҳавас! Ҳавас! О, зудтар, наздам биё!

– Ин ҷо бароям қулай. Боз чӣ биё-биё дорӣ?

– Медонам. Медонам. Аммо боз ҷойи қулайтаре ёфтам. Зудтар бош! Ҷонакам.

Бо исрор хоҳиш карданашро ба инобат гирифта, наздаш ҳозир шудам. Назди майдончаи гулпӯшу себаргазор расида, дилам боғ-боғ шукуфт. Хурсандиамро пинҳон карда натавониста, бо шодмонии тамом нидо кардам:

– Ваҳ. Ваҳ! Ана, ҷою мана ҷо. Ба ростӣ, ту муҳандиси ихтирокор не, балки дар ботинат сиреро низ ниҳон кардаӣ, ки ҳама чизро мебинию ҳама ҷоро кашф менамоӣ.

– Дуруст мегӯйӣ. Агар чунин қобилятро доро намешудам, туйи якравро ба ин осоишгоҳ оварданам ғайри имкон буд.

Мо хандакунон аз табиати зебо, ҳаракатҳои нотакрори мавҷу кафкҳо ва ба санг бархӯрдану чун дурдонаҳо ба ҳар тараф пошхӯрии оби дарё рӯҳу дармон гирифта, дарду ғами зиндагиро ин лаҳзаҳо каме ҳам бошад, аз ботинамон дур месохтем.

Ин манзараҳоро тамошокунон Орзу эҳтиёткорона ба оби сарди дарё даромад. Ӯ болои тахтасанги калони каме дуртар аз лаби дарё истода баромад ва маро наздаш хонд:

– Ҳавас! Ин ҷо, ҷойи беҳтаринест барои дамгирӣ. Зуд наздам биё! Ба ту низ хуш меояд.



– Фаҳмидам. Аввал поҷомаамро каме боло бардорам, то

ин ки шерозаҳояш дар об тар шуда рангаш наравад.

Ман, ки имрӯз дар тан курта ва поҷомаи атлас ба бар карда будам, ҳини ба оби хунук поямро гузоштан, бидуни ихтиёр имдодталабона яку якбора садо баланд кардам:

– Во-о-ой! Во-о-йе! Э, пойҳоям карахт шуд-е! Ба ростӣ, ин оби оддӣ не, балки аз яхоб ҳам хунуктар аст…

Ҳанӯз нидоҳои гилаомезамро ба охир нарасонида, Орзу бо як чаққонии ба худ хос маро бо ду дасташ аз об боло бардошт ва оғӯшкунон болои тахтасанг бурда, оҳиста гузошт ва худро дар барам ҷафс кард.

Аз ин иқдоми ҷавон хушнудона лаби домани куртаи болошудаамро поин намуда, мӯйҳои фатилаи сарамро бо дастам ба тартиб даровардам.

Пас аз каме нафасросткунӣ Орзу суҳбаткунон аввал ба пойҳои сафед, дастони булурин ва панҷаҳои пою дастонам, ба қомати мавзун ва абрувони барҷаста, ба чашмони сиёҳи махмур ва лабони майгун, ба тоби ҷаъди гесувони мушкосо, ба ғабғабаҳои камина, пеши барам нигоҳҳои дилфиреб афканда, гӯё маро бори аввал медида бошад, моту мабҳут гашт. Ӯ маро ба оғӯши гарми худ ҷо намуда, аз лабони шаҳдборам бӯсаҳои бешумор ситонид. Ман низ дӯстдоштаамро мебӯсидаму мебӯйидам.

Вақте мо ба худ омадем, ақрабаки соати дасти Орзу аллакай аз рақами як гузашта буд. Ин маънои онро дошт, ки соате чанд дар ҷаҳони ишқу ошиқӣ ғӯтта зада, ишқу муҳаббатамонро поку пурҷилло ва шикастнопазир намудем.

Орзу маро эҳтиёткорона аз болои санги азим бардошта аз об гузаронид. Баъд аз оғӯшаш беозор болои сабзаву себарга гузошт.

Пас аз шустушӯ намудан дар оби сарду мусаффо ва пок шудани ҷисму ҷонамон гуруснагиро эҳсос намуда, ҷониби кате, ки болояш нуқлу хӯрданиҳо моро интизор буд, шитофтем.

Болои кат баромада, яке аз халтаҳои пурборро холӣ намуда, болои қолини кат чун дастархон густурдам.



Баъд ба болояш нон ва хӯрокаҳои дигарро гузоштам. Аз помидор, бодринг ва кабудиҳои овардаамон дар табақчае хӯруши шакаробӣ омода сохтам. Ва Орзуро барои тановули хӯроки нисфирӯзӣ даъват намудам:

– Марҳамат. Ҳама нуқлу хӯрданиҳо бароятон омода. Ана, дар ин табақча мурғкабоб, дар инаш самбӯсаи варқин, дар ин табақча хӯриши шакаробӣ, оби зулолу шарбати мева дар наздат.

Орзу ба тарзи тайёр кардани хӯриши шакаробӣ ва ё бо маҳорат дастархон кушоданам бошад, ки аввал табассум намуд ва сипас хушнудона:

– Офарин ба ту, эй маликаи ҳусну зебойӣ. Беҳуда нагуфтаанд, ки танҳо шахсони зебо бо ақлу хирад мешаванд.

– Модоме ин тавр бошад, марҳамат карда даст ба нон ва хӯрокҳои тайёр кардаам дароз кунед!

– Чаро дароз накунам? Ҳозир, – гуфт ва ба хӯрдан шурӯъ намуд. Ман ҳам бо иштиҳои том ӯро ҳамроҳӣ намудам.

Баъде ки мо шикамҳои худро сер карда ва аз нӯшидани

обу шарбатҳои овардаамон ҳаловат мебурдем, садои мусиқии дилнавоз ва овози ҳофизи хушхоне диққати маро ба худ ҷалб кард. Аз ҳарфзаниҳои шунаво ва фаҳмои одамони ҷамъшуда маълум буд, ки базму бозӣ на он қадар дуртар аз мо баргузор шуда истодааст. Хушнудона ба Орзу нигариста, хоҳиш кардам:

– Ба гумонам, дар он ҷо тӯйи арӯсӣ ва домодӣ баргузор шуда истодааст. Бисёр хуб мешуд, ки рафта ин базму базиро бо мурод тамошо кунем.

Вай ҳарфе нагуфта, аввал аз лабонам бӯсид ва сипас:

– Рафтем! Бо мурод гуфтанат хушам омад.

Мо ба садои мусиқӣ ва сурудхонии ҳофизи мумтоз диққаткунон роҳ паймуда, назди издиҳоми ҷавондухтарон ва ҷавонписарони зиёди дар тан сару либоси олуфта дошта, ки бо арӯсу домод якҷоя мерақсиданд, омада қарор гирифтем. Ба арӯс ва домоди хушбахт назар афканда, лаззат мебурдем.

Чун ҳофиз ба иҷрои суруди навбатиаш гузашт, чашмам ба духтараки зебое афтод, ки мӯйи дарози ҷингила, юбкаи сиёҳи кӯтоҳ ва куртаи сафеди беостин дошт, ки домонашро дохили юбкааш карда буд. Дар пойҳояш туфлиҳои ялаққосии пошинабаланд пӯшида, сурхии нохунҳои дасту лабонаш баръало ба чашм мерасид. Ӯ ба духтари дар наздаш буда, моро нишон дода, ким-чиҳо мегуфт. Аз ин кори духтари зебо дар таҳлука афтодам. Орзуро дарҳол огоҳ намудам ва бо ишора духтарҳоро ба ӯ нишон додам.

Бо дидани духтараки ҷингиламӯ рангу рӯи Орзу канд ва чун мурғи тирхӯрда ба ман рӯ оварда:

– Зуд бош! Аз ин ҷо меравем! Зуд бош, мегӯям!

– О, ба ту чӣ шуд, ки яку якбора аз ин ҷо равем будаст.

– Рафтем! Баъд ҳамаашро ба ту мефаҳмонам, – гуфт ва шитобон ҷониби кат роҳӣ шуд. Чун назди кат шудем, бо овози баланд ба ман нигоҳкунон:

– Ҳавас, хавотир нашав! Вақте ки ҳамаи гапро бу ту гуфтам, албатта ором мешавӣ. Ҳоло вақти суҳбаторойиву фаҳмондан нест. Беҳтар мешуд, ки анҷомҳоямонро ғундошта, зуд ба роҳ бароем, – гуфта буд, ки он ду духтар

ва ҳамроҳашон ду ҷавони қадбаланд ва тануманд наздамон ҳозир шуданд.

Духтари ҷингиламӯй ба Орзу наздик шуда, ба рӯяш торсакии обдоре зад ва бо хашму ғазаб ӯро ба айбдоркунӣ даромад:

– Ана, тӯли ин ду-се ҳафтайи охир ту ба чӣ корҳо машғул шуда, ба зангҳои телефониам боре ҳам ҷавоб нагардондӣ? Боз дар хонаамон ҳама ин марди занакабозро ҷавони шармгин ва ояндадор гуфта, таърифаш мекунанд. Канӣ, шарм надошта ба ман гӯй, ки бо ин холашкаат ин ҷо чӣ кор мекунӣ? Охир, бо бӯсидани ман ғайратат намерасиду боз дар ин дара, ин зани гумроҳшударо чӣ овораву сарсон карда гаштай? Гап зан! Номард?

– Ман номард нестам. Ин духтари зебо холашкаам не, балки дӯстдоштаам мебошад.

– Эҳе! Инро бинед-е.Булбулакаш ин қадар зебо мехонаде. О, вақте ки бо ман як соли дароз ба театру кино, сайри дараи Варзобу боғу роғи Душанбешаҳр мерафтию лабони зебойи ақиқмонандамро бӯсида, хуморатро мешикастӣ, дар дилам шуълаи умедро рӯз аз рӯз фурӯзонтар намудӣ, ки оқибат дӯстат доштам, магар маро дӯст надошта будӣ? Ё, ин қилиқҳоят найрангбозӣ буд? Гап зан аблаҳ!

– Дар хотир дошта бош, Наима, ки ҳеҷ гоҳ ман туро дӯст надоштаам ва намедорам.

– Ин тавр бошад, чаро зуд-зуд ба хонаи мо меҳмон шуда меомадӣ?

– Ин бо хости волидайни туву ман буд.

– Суҳбатҳои самимию умедбахш, оғӯшу бӯсу канорҳоят ҳам бо супориши волидайн буд? Чаро хомӯшӣ? Чунки гунаҳгорӣ. Гузашта аз ин, аблаҳ ва номард низ ҳастӣ. Медонӣ?

– Ҳар чӣ хоҳӣ, гуфтан гир, гуфтам-ку, дӯстат намедорам. Вассалом.

– Аммо, ман туро дӯст медорам. Ба суханҳои ширин ва бӯсу канорат одат кардам. Дар умрам якумин бор бо ту будам ва ба ту дил додам. Инро нағзакак дар гӯшат гиру ин холашкаатро сарашро бо гапҳои ширин ва умедбахшат гич

масоз. Фаҳмидӣ?

– Не нафаҳмидам! Ва фаҳмидан ҳам намехоҳам!

Ин ҳолат яке аз ҷавонҳо бо дасти пурқувваташ аз таги ҷоғи поёни Орзу дошта, ӯро боло бардошт ва хитобкунон:

– Нафаҳмида бошӣ, чунон мефаҳмонемат, ки онаҷонакатро фаромӯш мекунӣ! –гуфт ва ӯро болои кат тела дод. Ва ба духтарҳо рӯ оварда:

– Ба гумонам, матлабамонро хуб фаҳмидааст. Раваду иҷро накунад, рӯзаша хоҳад дид.

Наима бо қираи чашмаш аввал ба Орзу сипас ба мани шахшуда ва ҳайратзада нигариста бо нафрат:

– Туфф ба Шумо барин инсонҳои гӯлу шилқин! – гуфту аз қафои дӯстонаш бо қаҳру ғазаби ин ҳолат вуҷудашро фаро гирифта роҳ пеш гирифт ва аз назари марди дустдошта ва зани рақибшудааш нопадид гардид.

* * *

**Т**елефони дастиамро хомӯш карда, муддати чанде хонашиниро ихтиёр намудам.

Модар таъби хира, димоғи сӯхта ва хонанишиниамро дида истода аз ман пурсон шуд:

– Духтарам. Ба ту чӣ шуд, ки чанд рӯз боз бо димоғи сӯхтаву таъби хира шабатро рӯз ва рӯзатро шаб мекунӣ? Ё бо дӯстдоштаат Орзу гапатон гурехт-мӣ?

– Бале, модар. Бо Орзу гапам нагурехтааст, балки аз ин ҳам баддтар шудааст.

– Канӣ, канӣ, духтарам, унту фаҳмотар ба ман ҳамаашро нақл кун! Сонӣ, ба ягон хулоса меоем.

Ҳамаи воқеаи шудагиро нарезонда ва начаконда ба модарам қисса намудам. Модар оҳи пурдарде кашид ва оби чашмонашро поккунон ба чеҳраи коҳидаам назар афканда:

– Духтарам! Минбаъд ҳини ба шаҳр баромадан худатро эҳтиёт кун! Аз дасти ҷавонони ҳозиразамон ҳамаи кор меояд. Илоҷе карда Орзуро низ огоҳ намо, то ин ки ин бачаи бечора ба ягон бало гирифтор нашавад. Замона пеш меравад, аммо зӯроварии асримиёнагӣ ҳоло ҳам амал мекунад-е. Наход барои мансаб шуда фарзанди худро зӯран ба духтари

вазири саноат диҳӣ. А? Куҷо шудааст ақлу хиради ин гуна мансабдорон. Охир, дар урфият; « – Дил, дили Зайнаб гуфтаанд». Писар бошад, ё духтар, фарқ надорад ба нағздидаи худ зану шавҳар мешаванд. На ба хоҳиши падар ва модари сахтгиру бераҳм.

Теғи нигоҳамро ҷониби модар давонида аз ӯ хоҳиш намудам:

– Модарҷон! Бисёр асабӣ нашав. Боз касал шуда намонӣ. Ҳамааш хуб мешавад. Хоҳиш мекунам, ғами беҳуда махӯр.

– Эҳ, духтарҷонакам. Чаро ғам нахӯрам, ки акаат Нурулло то ҳанӯз безан гаштааст. Умри одамизод чун оби дарё зуд мегузарад. Синну солаш ба ҷое расида бошад ҳам, пули ёфтагиашро бо ёру дӯстон ва гумон мекунам, ки бо оимчаҳои бадахлоқу танноз низ сарф карда, дар фикру зикри зану фарзанд ва ободии хонадонаш нест, ки нест, – гуфт модар ва ашки чашмонаш боз ба гунаҳои рангпарида ва харобгаштааш ба рехтан даромад. Ин ҳолати модарро дида, ӯро оғӯшкунон ва таввалокунон:

– Модарҷон! Гуфтам-ку худатро бисёр азоб мадеҳ. Бисёрии мардҳо пас аз чилсолагиашон зандору хонадор шуда, ба муродашон мерасанд. О, акаам ҳама шуда, бисту ҳафтсолагиаашро буд карда, қадам ба баҳори умри бисту ҳашт гузошт. Худо хоҳад, ба ҳамаи орзуву омолаш мерасад ва боз хизмати шуморо низ мекунад модарҷон!

Модарро суханҳои гуфтаам магар таскин дод, ки оҳи сарде кашид ва ҷониби хонаи хобаш қадамзанон орзу кард:

– Кош, ҳамин тавр шавад. Ана, баъд болои турбатам сабза барояд ҳам дар дили пурдардам аз ин дунёи дун ормоне намемонад…

* * *

**О**рзу тайи се-чор рӯзи охир аз надидани дидори маъшуқааш Ҳавас хеле андӯҳгин шуда, дар ранҷиш ва канорҷӯии ӯ худро гунаҳгор медонист. Борҳо кӯшиш кард ки таввасути телефон ба ӯ фаҳмонад, ки дар роҳи интихоб-кардааш гомҳояш устворанд. Ва ишқи поки худашу маъшуқаашро ҳеҷ гоҳ доғдор нахоҳад кард. Шарики зиндагиаш танҳо Ҳаваси дустдоштааш шуда метавонад, на дигар

кас.

Шиносой бо Наима бо хоҳиши худаш набуд, балки бо хоҳиши волидайни Наимаву ӯ буд. Барои ҳар чи зудтар баргузор шудани тӯйи арӯсӣ ва домодии Орзуву духтараш вазири саноат падари домодшавандаро аз муовинӣ ба раисии корхонаи азими яхдонбарорӣ таъйин намуд. Орзуро низ аз муҳандиси қатории дифои релегӣ ба муовинии раиси «Шабакаҳои барқии шаҳр» бо кумаку ёрии дӯстонаш вазифаашро баланд бардошт. Вале Орзу ба ҳамаи ин иқдомҳои хусуршавандааш қаноат накарда, дар «Донишгоҳи техники»-и шаҳр ба ҳайси муаллими соатбайъ, ҳафтае даҳ соат ба донишҷуён аз фанни дифои релегӣ таълим медод. Инчунин бо роҳбарии яке аз устодони донишгоҳ, доктори илмҳои техникӣ, рисолаи номзадиашро ҳимоя карданӣ буд. Бо амалҳои боло гуфтанӣ буд, ки волидайн дар интихоби ширики ҳаётии фарзандони хеш мансаб ва дороияшонро истифода набаранд. Охир, замона дигар шудааст, босуръат пешравии илму техникаи ҳозиразамон аз мо барин ҷавонони имрӯза донишу ихтироъкорӣ ва навовариро тоқазо мекунад. Яъне, дар интихоби касбу ҳунар ва шарики якумрии ҳаётии фарзандон монеъ нашуда ҳаёти онҳоро хору хазон насозанд.

Падар ва модари бузургворашро хеле ва хеле дӯст медорад ва ҳурмат мекунад. Вале ҳеҷ гоҳ барои мансаби худаш ва падараш шуда, ба духтари вазир издивоҷ нахоҳад кард. Вазир, агар вазифаашро гирад, истеъдодашро гирифта наметавонад.

Наима духтари эрка буда, хеле сатҳӣ андеша меронад. Ӯ аз вазифа ва дороии падараш истифода бурда, дугона ва ёру ҷӯраҳои зиёде дорад. Ҳарчанд ӯ донишҷӯйи соли сеюми Донишгоҳи тиббӣ бошад ҳам, вале вақти қимати хешро дар тӯю «дискотека» ва хонаҳои ёру дӯстонаш мегузаронад. Ба донишгоҳ ҳамон вақт баҳри сабақомӯзӣ меравад, ки хушаш ояд. Хуш надошта бошад, қадам ранҷа намекунад. Аммо, аз хотири дадоҷонакаш баҳои хубу аълоро пеш аз ҳама мегирад. Мисли ин Наимаи танноз ва фориғиғбол садҳо, балки ҳазорҳо чунин фарзандони мансабдорон ҷойи бисёр дӯстдорони илму адабро, ки аз табақаи камбизоат мебо-

шанд, гирифтаанд. Ва шояд аз онҳо олим ва табибҳои арсаи байналмилалӣ, чун Абулқосим Фирдавсӣ, Абуабдуллоҳи Рудакӣ, Ибни Сино, Бобоҷон Ғафуров ва садҳо дигар шахсиятҳои барӯманди миллати тоҷик баромада, ба халқу Ватани хеш манфиати калоне меоварданд. Ақидаашро ба Наима дар назди дӯстонаш вазеҳу равшан гуфта буд. Агар дар майнаи сараш каме ҳам ақли солим дошта бошад, баъди иқрор шуданаш, ки дӯсташ намедорад, бояд ӯро ба ҳоли худаш гузорад ва пайи зиндагии ба худаш муносиб кӯшиш ба харҷ диҳад.

* * *

**А**з надидани дидори Ҳавас тобу тоқати Орзу намонда буд. Имрӯз, ки якшанбе буд, барояш рӯзи истироҳатӣ ба шумор мерафт. Ӯ ришашро тарошид ва сару либоси шинамашро ба бар карда, ҷониби хонаи маъшуқааш Ҳавас роҳ паймуд. Аввал назди гулфӯрушон рафт ва як дастагули зебоеро барои дилдодааш харид. Сонӣ боҷуръат ва бо сад умеду хаёлҳои дар қалбу майнаи сараш маконгирифта ба дари хонаи дӯстдоштааш рафта расид.

Тугмачаи занги дарро зер кард ва мунтазири кушоданаш шуд. Пас аз лаҳзае дар кушода шуд ва дар рӯ ба рӯяш модари Ҳавас, Саодат холаро дида, бо каме саросемагӣ:

– С-салом, холаҷон! Шуморо як бинам гуфта омадам.

– Воалекат ба салом. Кори хубе кардӣ, писарам. Марҳамат карда ба хона даро! Даро!

Хушнудона вориди хона шуда буд, ки Саодат хола бо овози баланд:

– Ҳавас! О, Ҳавас! Канӣ бачам, аз ҳуҷраат берун баро! Охир, Орзу ба наздат омадааст.

Пас аз лаҳзае симои маҳтобии Ҳавас дар чашмаш намудор шуд, ки хеле ғамгин ва озурдахотир менамуд. Ӯ ба Орзу наздик шуд ва салом дода истода:

– Марҳамат, биёед, – гуфта буд, ки вай дастагули зеборо сӯяш дароз кард. Ӯ дастагулро бе ягон мулоҳиза аз дасташ гирифт ва мисли гулҳои тару тоза, ин лаҳза шукуфон шуда истода миннатдориашро баён намуд:

– Ташшакур, Орзу! Ташвиш кашида ба наздам омадӣ?

– Азизакам! Ёд дорӣ, ҳини ба Дараи Ромит рафтанамон, ман ба ту гуфта будам, ки сирре дорам ва албатта, рӯзе ба ту мегӯям. Аммо воқеъае, ки дар он ҷо шуд, сирру асрори маро бармаҳал ба ту кушод. Ин аст, ки ихлосу боавариат нисбатам коста шуд. Ба зангҳои телефонам ҷавоб намедодагӣ шудӣ. Ба қавле, гардани шайтонро шикаста, боре ҳам ба ман занг назадӣ. Ҳавасҷон, дониста мон ҳаёт ин худ мубориза аст. Аммо ту бе мубориза мехоҳӣ шикаст хӯрӣ.

Ҳавас ба гилаву дарди дили Орзу гӯш дода истода, гулдастаро дар ҷои муқарариаш даруни зарфи обдор гузошт. Ва ба ӯ наздик шуда ба симояш синчакорона назар карда:

– Ту бо ин духтари танноз як соли дароз дӯстӣ ва ишқу ошиқӣ доштӣ, пас чаро ба ман ин коратро раво дидӣ?

– Ҳавас! Охир, буду шуди гапро дар наздат ба Наимаву ҳаммаслаконаш рӯирост ва қатеъона гуфтам, ки «Дӯстат намедорам», пас чаро боз ба ман бовар намекунӣ?

– Ин тавр бошад, чаро рӯзҳои аввали шиносоиямон арӯсдор буданатро аз ман пинҳон доштӣ?

– Вақте ки ман туро дидам, ҳама чизро фаромӯш кардам. Ҳатто худамро. Аз диданат, ҷонакам аз зиндагӣ розию худро шахси хушбахттарини олам мешуморидам ва мешуморам. Охир, дӯстат медорам! Медонӣ! Туро дида, бовар кардам, ки дар ҳақиқат, дар рӯи олам ишқ вуҷуд дорад. Ба гумонам, ишқ он аст, ки симову суратат, нигоҳҳои дилрабоят, садои ҳарфзаниҳои зебоят, хӯи неку шарми занонаат ҷисму ҷонамро тасхир кардаву бе ту лаҳзае ҳаётамро тасаввур карда наметавонам. Агар имкон дошта бошӣ, гуноҳамро бубахш, ҷонакам.

Ин лаҳза ашки чашмони Ҳавас бари гунаҳои зебо ва каме коҳидааш беихтиёр ҷорӣ шуданд ва чакрае чанд ба пероҳанаш афтод. Модар ашки чашмонашро поккунон аз духтараш хоҳиш намуд:

– Духтарам, ман чун модар ба ту кафолат медиҳам, ки Орзу, дар ҳақиқат, туро дӯст медорад. Ҳар чӣ зудтар ӯро бубахш ва аз пайи ҳифзи ишқи беолоиши ҷавониатон шавед!

Бо шунидани суханҳои рӯҳнавоз ва раҳнамунсози модар

Ҳавас худро ба оғӯши Орзу партофт. Садои гиряи пур аз сӯзу дардаш хонаро пахш намуд.

* * *

**П**адари Орзу, Қаландари Савдо воқеаи нохуши дар Дараи Ромит рухдодаро шунида, имрӯз рӯзи якшанберо рӯзи истироҳатӣ баҳона карда аз хона мисли ҳарвақта набаромад. Ӯ бо қаҳру ғазаб ва нафрати зиёди дар дилаш маконгирифта роҳи Орзуро мепойид.

Пас аз чанде Орзу хушҳолона вориди хона шуд. Ҷавон бо падараш рӯ ба рӯ шудан замон арзи эҳтиром ба ҷо овард:

– Салом падар!

– Ҳа? Саломро медонию олими оянда шуда, чаро одамгариро намедонӣ? Канӣ, ба пурсишам ҷавоб деҳ!

– Падар! Охир, чӣ гап гузашт, ки бо ман чунин муносибатро раво мебинед?

– Чӣ, ба фикрат, ягон гап нашудааст? Ба ихтироотӣ корҳои дақиқ сарфаҳм меравӣ, ана боз дар Донишгоҳи олии техникӣ дарс додан, вазифаи муовини раиси Шабакаҳои барқии шаҳрро низ ба ӯҳда гирифта, шабу рӯз чун тортанак барои пешрафти корҳоят тор таниданро медонию саволи додаи маро намедонӣ?

– Падарҷон! Агар гуноҳе содир карда бошам, кушоду равшан гӯед. Ҷавобашро, албатта мегиред.

– Кушоду равшан мегӯйӣ?! Туро бо духтари Паҳлавони Далер, вазири саноат, одами андак мундак не, номзад кардем. Ризогиатро додӣ, тӯли зиёда аз як сол мешавад, ки бо ӯ дӯстӣ дорӣ. Ва намедонам, ки боз бо ӯ ба кадом корҳо машғулӣ. Ба хонаашон меравӣ, нону намакашонро мехӯрӣ, бо ӯ сайру саёҳат мекунӣ. Ва ҳар даъфае аз ту пурсон шуда, барои омадагии тӯйи арӯсиву домодиатон ризогиатро гирифтанӣ шавам, ба ман чунин ҷавоб медиҳӣ:

« – Падарҷон! Ҳоло мо якдигарро хуб наомӯхтаем».

– О, ҳамаи корҳоро бо ӯ карда, тавонистӣ боз чӣ хел ӯро наомӯхтӣ?

– Бале, падар. Дар ҳақиқат, Наимаро омӯхта натавонистам. Дӯсту дугонаҳояш аз мӯйи сараш ҳам зиёданд. Ва гу-

мон мекунам, ки дар байни ин қадар дӯстонаш, ки ҳамааш аз табақаи ваоломақоманду бо онҳо шабу рӯз якҷоя гашту гузор мекунад, ман дар наздаш чун донаи арзан қадру қиммат надорам. Ва қудогии туву Паҳлавони Далер як меваи сармозадаеро мемонад, ки дер ё зуд пӯсида ба хок яксон мешавад.

– Сафсаттагӯиро бас кун! Дониста мон! Сарам аз тан меравад, вале дӯстиву қудогии ман ва Паҳлавони Далер не! Акнун ба мақсадам сарфаҳм рафтӣ?

– Не, падар! Ба он хотир, ки Наима ба ман маъқул нест. Тайи зиёда аз як сол ӯро хуб омӯхтам. Ман ҳамчун мард ба ӯ шавҳарӣ карда наметавонам.

– Барои он, ки номардӣ карда истодаӣ!

– Баръакс! Намехоҳам, ки бо чунин олиҳаи эркаву пулпараст ва ба қадрам намерасидагӣ номардона чун чӯриҳо ба атсаи задааш «лаббай» гуфта умр ба сар барам. Охир, Худованди бахшандаву меҳрубон ба бандагонаш як бор умр ато кардаасту халос. Духтаре, ки дӯсташ медорам, рафтору хислаташ хушам омадааст. Босаводу доно ва итминони комил дорам, ки ба қадри ману шумо мерасад.

– Ту ба ман қиссаи афсонаомези хешро ифшо мекунӣ? Аммо, ман ба Паҳлавони Далер аз ин китоби афсонаҳои ишқомезат кадом бобашро ба ӯ пешкаш намоям?

– Боби ҳақиқатро! Бигзор донад, ки бо пулу мол ва мансаб одамро чун ғуломони асримиёнагӣ хариду фурӯш кардан дар ин замони ҷаҳонишавӣ кори муҳол ва номумкинест.

Бо шунидани суханҳои ҳикматомези писар, падараш аз киссаи шимаш дастрӯмолро гирифта, хомӯшона арақҳои ҷабинашро ба поккунӣ даромад ва бо овози хирриву хасташуда ба Орзу рӯ овард:

– Писарам, маро дар дами пириам ба азоб гирифтор накун. Агар ту духтарашро ба занӣ нагирӣ, Паҳлавони Далер ману туро бе бало намемонад. Акнун ба гуфтаҳоям сарфаҳм рафтӣ? Аммо, дар урфият мақоле ҳаст: «Агар аз чумчуқ тарсӣ, арзан макор.»

– Вале ман ба ту мегӯям, агар ту духтари Паҳлавони Далерро бо тамоми нуқсон ва камбудиҳояш дар нимараҳ гу-

зошта, ба ин духтари бе пушту паноҳат издивоҷ кунӣ, туро аз хона пеш мекунам.

– Падарҷон! Оид ба ин масъала ташвиш накаш. Худи ҳозир ман аз хона баромада меравам, – гуфт ва дар борхалтае сару либос ва анҷомҳои лозимашро омода сохтан гирифт, ки садои фиғони модари Орзу, Саодатбону баланд шуд.

Ӯ фарзандашро бо борхалтааш дида ба Паҳлавони Далер ва духтари таннози ӯ нафраткунон ба гиристан даромад. Ва барои хонаро тарк кардани Орзу монеъ шуд.

Қаландари Савдо ин ҳолати занашро дида ба ӯ дӯғу пуписакунон:

– Занак! Ба иҷрои мақсадам монеъ нашав! Фарзанде, ки гапамро намефаҳмад ва ҳамфикрам нест, албатта, бо мо зиндагӣ карда наметавонад. Сари роҳашро нагир! Мон, ба куҷое, ки хоҳад, рафтан гирад!

Орзу ба зораву таваллои модари муштипар ва суханҳои таҳқиромези падар гӯш надода, аз хона бо дили пурдарду алам ва ашки резон берун шуд.

* * *

**П**аҳлавони далер сӯзу фиғон ва ашки резони духтари эрка ва дӯстдоштааш Наимаро дида аз қаҳру ғазаб чун шахси моргазида дар хонааш ҷойи нишаст намёфт. Ӯ бадбахтии ба сари духтараш омадаро шунида, рӯзи якшанбе гуфта баҳона кард ва дар хонааш бидуни рӯзҳои пешин чайла зада роҳҳои ҳаллу фасли ин кӯргиреҳро меҷуст.

Садои гуфтори гилаомез ва таъсирноки духтар, магар қалби падарро нороҳат сохт, ки ба қавоқи гирифта сӯяш нигоҳкунон пурсид:

– Чӣ ин қадар нолаи ҷонкоҳ мекунӣ? Ё ҳамон дӯстдоштаи падарлаънатат ҷон ба ҳақ супоридааст?

– Намедонам! На-ме-донам! Вале аниқ медонам, ки ӯ маро дӯст намедорад, падарҷон!

– Ин тавр ки буд, чаро бо ин ҷандапӯш таги як сол дӯстӣ намудӣ? О, ин қадар ҷавонони зебоандоми одамони олимансабу воломақомро мебинам, ки қариб ҳар рӯз бо баҳонае

наздат ба хона меоянду бо ту суҳбат мероянд, чаро аз байнашон ба худат ягон муносибашро интихоб накардӣ? Вале аз чӣ бошад, ки бо ин якрави бепушту паноҳ ва кӯтоҳақл умри ҷавонатро хазон мекунӣ.

– Гапҳои гуфтаатон, ҳамааш дурустанд, падар! Аммо, Орзу аз ҷавонҳои мегуфтагиат фарқи калон дорад.

– Чӣ фарқ дорад! Фарқ медошт, туро дар нимароҳ намегузошт.

– Орзу ҷавони бо ақлу идрок ва босаводе мебошад. Ҳарчанд шумо ӯро кумак карда, ба вазифаи муовини раиси Муассисаи шабакаҳои барқии шаҳр таъйин намуда бошед ҳам, ӯ ҳоло дар Донишгоҳи олии техникӣ ба ҳайси муаллим дарс мегӯяд. Илова бар ин, ба наздикӣ рисолаи номзадии илмҳои техникиро ҳимоя менамояд. Ана, сабабаш ин буд, ки тайи як сол кӯшидам, ки дар хонаи дилаш барои худ ҷое ёбам ва шарики якумриаш шавам.

– Офарин, духтарам! Ман вазир шуда аз чунин шахсиятҳо огоҳ нестам. Ту, духтарам, беҳуда худро азобу машаққат надодаӣ. Ва ман ҳам беҳуда бо Қаландари Савдо қудо шуданро пеша накардаам.

Пас аз каме таваққуф, Паҳлавони Далер ба духтараш рӯ оварда:

– Наима! Духтарам. Модоме ки кор то ба ин дараҷа омада расидааст, дар ақидаат устувор бош. Ин сагбачаи бофаҳму фаросатро дар гарданаш занҷир баста, нӯгашро ба дастат медиҳам. Фаҳмо?

– Падарҷон! Ин кори номумкин аст. Охир, ӯ маро дӯст намедорад. Бисёр кӯшидам, вале афсӯс, мароде ҳосил нашуд.

– Дар дунё кори намешуданӣ нест. Каме сабр кун, чунон дӯстат дорад, ки Лайлиро Қайс чунин дӯст надошта буд. Худатро ба даст гир, духтарам. Ғами беҳуда нахӯр. Ҳамааш хуб мешавад. Беҳуда дар урфият нагуфтаанд, ки:

« – Поёни шаби сиёҳ, сафед аст.»

* * *

**Р**ӯзи душанбе, пас аз гузаронидани маҷлиси панҷдақиқагӣ Паҳлавони Далер ба котибааш амр кард:

– Қаландари Савдоро зуд ба наздам ҷеғ зан! Ба ӯ гӯй, ки бо ҳисоботи ҷамъбасти нимсолаи соли равон ба наздам ҳозир шавад. Бе ягон луқмапарто ва суфлёри дигар! Фаҳмидӣ?

– Бале. Фаҳмидам. Худи ҳозир занг зада, ҳамаашро ба ӯ фаҳмонда медиҳам, – гуфт котиба ва аз наздаш баромад.

Тақрибан пас аз ним соат Қаландари Савдо ҳаккаскунон ва дав-давон дар қабулгоҳи вазир ҳозир шуд. Котиба ба марди фарбеҳи умрхӯрдаи арақзеркарда, ки тапиши дилаш аз тарс бошад, ё аз ғояти мондагӣ, қафаси синаашро, зуд-зуд пасту баланд мекард, нафратомезона нигоҳи сарде кард ва аз ӯ пурсид:

– Ба фикрам, шумо хеле дер омадед? Муҳтарам вазир бори сеюм аст, ки аз омадан ва наомаданатон пурсон шуд, – гуфт ва гӯшаки телефони ростакиро бардошта ба вазир мужда расонд:

– Муҳтарам вазир, Қаландари Савдо ҳозир шуданд…

– Гӯед, зуд дарояд!

Бо шунидани овози вазир, ки аз телефон ба гӯш мерасид, Қаландари Савдо дигар ба котиба эътибор надода, шитобон дари дуқабатаи чармини сиёҳро кушод ва вориди утоқи кории вазир шуд. Ӯ саломдиҳон даст дароз карда хост бо вазир вохӯрдӣ кунад, аммо ӯ ба саломаш эътибор надод. Балки ба ӯ фавран супориш дод:

– Дар он ҷо гузашта шин! Дасти бадбӯятро, аввал, хуб шуста аз ифлосию ҳаромӣ тоза намо, сонӣ бо ман салом кун! Фаҳмидӣ, аблаҳ!

– Муҳтарам, вазир! Чаро бо ман чунин муносибат мекунед? Магар камбудие содир кардам?

– Камбудӣ мегӯйӣ. Ҳозир мебинем, ки ту камбудӣ дорӣ, ё не. Канӣ, ҷамъбасти нимсолаатро ба ман нишон бидеҳ!

Қаландари Савдо аз ғояти тарсу ҳарос дастонаш чун барги хазон дар дами бод меларзиданд. Айнакашро илоҷе карда аз ғилоф гирифт ва ба чашмонаш гузошт, вале аз байни коғазҳои зиёд, ҳисоботи нимсолаи фаъолияти кории корхо-

наро ёфта наметавонист. Ин ҳолат, ки хеле тӯл кашид, магар ба дили вазир зад, ки ӯ наъразанон дасти росташро бо тамоми қувваташ бардошт ва бо шаст мизро кӯфт. Аз зарби дастони пурқуввати вазир, қаламдон чаппа шуда, чандтоаш болои қолини зери пояш афтиданд. Мактуб ва коғазҳои дар наздаш гузошта, ҳар тараф пош хӯрданд. Котиба бо тарсу ҳарос дарро кушода чизе гуфтанӣ буд, ки вазир сӯяш нигариста бо тамоми овозаш дод зад:

– Даъф шав!!! Дарро пӯш!

Қаландари Савдо, ки ин лаҳза ҳисоботро наъве карда ёфта буд, бо таббасусми базӯракӣ, қадаме сӯяш гузошта:

– Ёфтам! Марҳамат, – гӯён якчанд коғази дӯхташударо сӯяш дароз кард.

Вазир ҳисоботро аз дасти ӯ бо шаст гирифта, боз овозашро баланд кард:

– Дар ҷоят шин!

Сардори корхона итоаткорона болои курсии мулом нишаст ва бо рӯймолча арақҳои ҷабину гунаҳояшро ба поккунӣ даромада буд, ки овози ҷонхарош ва баланди вазир ӯро ба худ овард:

– Чаро нақшаи истеҳсоли яхдонҳои барқӣ сад, ё яксаду як нею, наваду панҷ фисад иҷро шудасту халос?! Ҳа? Гап зан!

– Муҳтарам вазир, чӣ хеле, ки ба шумо маълум аст муҳаррикҳоро мо аз Украина мегирем. Дар чоряки дуюми соли равон, бо вуҷуди шартномаи бастаамон, завод сари вақт моро бо муҳаррикҳои барқӣ таъмин карда натавонист. Ҳарчанд аз онҳо тариқи телефонӣ хоҳиш кардем, аммо бо ҳар гуна баҳонаҳо муҳаррикҳоро сари вақт равон накарданд. Пас, аз ба сафари хидматӣ ба шаҳри Киев равон кардани намояндагонамон даҳ рӯз пеш соҳиби муҳаррик шудем.

– Сари вақт равон накардан ва дер омадани муҳаррикҳои барқӣ, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шумо, Қаландари Савдо, аз ӯҳдаи кор намебароед!

– Муҳтарам вазир, дар моҳи аввали чоряки савум, Худо хоҳад, нақшаро яксаду даҳ фисад иҷро мекунем.

– Аз ваъдаҳои дурӯғинат безор шудан он тараф истад, ҳатто қимоб шудаам. Мефаҳмӣ? Чунки рӯи хунукатро би-

нам, сарам аввал чарх мезанад, сонӣ ба дард медарояд.

– Ҳамааш хуб мешавад, муҳтарам вазир.

– Бало мешавад! Хуб мешавад. А?

Паҳлавони Далер, андак хомӯширо ихтиёр кард. Сонӣ бо дасти чапаш мӯийҳои сари ба қафо шоназадаашро ба тартиб даровара истода, ба рӯи Қаландари Савдо маънидорона нигариста овоз баровард:

– Ана, акнун ба масъалаи дуюм мегузарем. Медонӣ кадом мавзӯъро дар бар мегирад?

– Котибаатон, ба ман танҳо оид ба ҷамъбасти нимсола гуфту халос. оид ба масъалаи дуюм, намедонам чиро дар назар доред, ҳарфе назада буданд.

– Аблаҳ! Ҳа? Худатро мӯсичаи бегуноҳ барин ба нодонӣ мезанӣ? Э, садқаи хубиҳоям шавӣ. Кӯрнамак!

– Муҳтарам вазир! Маро бубахшеду охир, пардапӯшона нею рӯирост гап занед, ки мақсадатонро фаҳмида тавонам.

– Ҳа-а-а. Харат, ки аз ҷӯйбор парид, бо ман масхарабозӣ мекунӣ? Дониста мон, ки масхарабозиҳоят ҳам сари худатро мехӯрад ва ҳам сари бачаи маймунмиҷози номардатро!

Қаландари Савдо акнун ба маънӣ ва суханҳои вазир сарфаҳм рафт. Ин ҳолат сурхии рӯяш ба зардӣ табдил ёфт. Гӯйё бори гаронеро болои китифонаш гузошта бошанд, ки қоматаш каме хам зада, аз сару рӯяш арақ мешорид. Ва азбаски хомӯширо ихтиёр карда буд, ҳарфе намезад. Кас гумон мекард, ки аз гапу гуп монда, ба қавле зунукаш гирифта бошад.

Вазир муддате ба башараи нохӯши ӯ синчакорона нигоҳ кард ва яку якбора бо овози баланд:

– Чӣ, магар забонатро хурдаӣ? Мақсадамро, ки фаҳмида бошӣ, боз чаро хапу хомӯш шишта, вақти қиммати маро мегирӣ? Канӣ, гап зан, охир! Ин қилиқҳои норавоятонро нисбати духтари ман, чи хел маънидод мекунед?

– Ба ростӣ, ки дирӯз оид ба ин масъала бо Орзу суҳбат доштам Аз ӯ қатеъона талаб кардам, ки рафта аз Наима бахшиш пурсад ва дӯстиашонро давом диҳанд.

– Кадом дӯстӣ?! Дӯстӣ не, балки ҳар чи зудтар зану шавҳар шаванд. Ба ту ва бачаи шӯрапуштат як ҳафта

муҳлат. Агар дар давоми як ҳафта туйи арусии духтарам баргузор нагардад, аз худат гила кун, аз ман не!

– Охир, дар ин муҳлати кӯтоҳ баргузории тӯйи арӯсию домодии фарзандонамон ғайри имкон аст. Илова бар ин, Орзу бо Наима издивоҷ кардан намехоҳад.

– Сабаб?!

– Сабабаш, ин, ки ӯ Наимаро дӯст намедорад.

– Пас чаро як соли дароз бо ӯ муносибати хуб дошт? Бо ҳам ба тамошои шаҳр мебаромаданд. Ягон бор худату писарат нисбаташ арзу шикояте накардед. Масалан, нагуфтед, ки духтарат бадахлоқ, нокора, бадрӯй, тундмиҷоз, ё забондароз ва қилиқҳои нораво дораду хешу табориро дар ҳафтаҳои аввал бо мо қатъ мекардед? Ҳа? Ҳамин тавр не?

Ба саволам худам посух диҳам, ба гумонам беҳтар мешавад. Чунки дар ин муддат шуморо аз хотири духтарам чун хешу табор иззат ва ҳурмат намуда, соҳиби вазифаи калон ва обурӯманд гардонидам. Акнун ки шиками гуруснаатон сер ва ҷандаҳои танатон нав, соҳиби хонаву дар, мошину «дача» шудед ва дар ҷисму ҷонатон қуввату дармон пайдо шуд, мағзи ҳароми саратон корашро дигар кард. Ва Орзуи як вақтҳо аз биниаш зардоб мечагидагиро имкон додем, ки духтари дӯстдошта, меҳрубон ва паричеҳраамро бо лабҳои ифлосаш бӯсад ва дар бағали бадбӯяш ба оғӯш кашад. Ин номард бо бӯсу канори ҳаромаш зебойӣ ва таровати духтарамро коста, бо ваъдаҳои дурӯғинаш ӯро фиреб дода, дилшикаста намуд. Дар давоми як сол хуморашро хуб шикаст ва акнун ӯро дӯст намедоштааст ва бо духтари дигаре ишқварзӣ оғоз намудааст. Ё муболиға мекунам?

– Ба фикрам. Ҳамаи гапҳои гуфтаат, дар ҳаққи писари бенангу номусам дурустанд. Аммо, барои онҳоро бо ҳам дӯсту хонадор шуданашон аз дасти ман, дигар ягон кор намеояд. Чунки Орзуро барои ана ҳамин кори норавояш, ки шумо дар боло гуфта гузаштед, муттаҳам сохтам. Ва гуфтам, ки агар бо Наима хонадор нашавӣ, беҳтараш, аз хона баромада рав! Ҳоло ӯ дар хона нест. Дигар бо мо зиндагӣ намекунад.

– Не-е-е! Ҳамаи ин гапҳои гуфтаат бозиҳои

муввақатианд. Ҳама корҳо, ки тинҷ шуд, боз ба хона бармегардад. Майлаш, агар фарзандатро ту ба роҳи дуруст даровварда натавонӣ, ман метавонам. Танобкашҳо, таноби чандин аблаҳонро чун Орзуи фиребгари ту кашидаанд. Таноби ӯро низ хеле хуб мекашанд.

* * *

**П**аҳлавони Далер, бегоҳии ҳамон рӯз, пас аз кор дар хонааш оид ба баргузор гардидан ё нагардидани тӯйи арӯсии духтараш бо Орзу маҷлиси хонагӣ барпо намуд.

Ӯ аз суҳбати имрӯзааш, ки дар утоқи кориаш бо Қаландари Савдо баргузор гардида буд, ба зану духтараш, қисса намуд. Сипас аз духтараш пурсон шуд:

– Наима, духтарам! Оё бо зӯроварӣ дили инсонро ба даст оварда мешавад? Барои хотири ту шуда аз худи пагоҳ ин ҳаромиҳоро аз кор озод мекунам. Вассалом. Дигар ягон кор карда наметавонам. Агар ӯ туро дашном медоду лату кӯб ва туҳмату беномус мекард, аз дастам ягон кор меомад. Ба ҳар ҳол, имрӯз падарашро хеле истинтоқ карда, ба қавле, аз ғалбер гузаронида, мӯҳлати баргузории тӯйро ба зиммааш гузоштам. Вале бовар дорам, ки аз дасти ин худобехабари шумрӯ ягон кор намеояд! Боз бадии кор дар он, ки барои аз ман шаллоқ нахӯрданаш бо Орзу муноқиша намуда, аз ӯ қотеъона талаб кардааст, ки бо ойимчаи навёфтааш падруд гуфта аз пайи тӯямон шавад. Аммо ин фисини шилқин гуфтааст, ки ҳеҷ гоҳ ин корро намекунад. Сипас, ӯро аз хонааш рондааст. Ҳоло ӯ намедонад, ки ин фарзанди ҳаромиаш дар куҷо сарпаноҳ ёфтааст.

– Падар! Ба Қаландари Савдо кор надорам. Охир, ӯ бо сад орзуву ҳавас мехост, ки ман келинаш шавам ва аз пушти ман рӯзгораш беҳ гардад. Вале бо айби фарзанди гӯлу гумроҳаш ба мақсадаш нарасид. Аммо, то оне, ки ҷон дар бадан дорам, рӯзи Орзуро сиёҳ ва қанчуқи думгирифтаашро бадбахт месозам.

– Наимаи ҷон! Ман ҳамаи шартҳоямро назди падараш гузоштам, тавонад хуб, натавонад бало ба пасаш. Дар урфият мегӯянд, ки «Ба гузашта салавот». Ту ҳоло ҷавон ҳастӣ, аз

сад гулат як гулат ҳам нашукуфтааст. Илова бар ин, дар шаҳр ҷавонони тарбияёфтаи боақлу идрок аз шахсиятҳои воломақом хеле бисёранд. Хуб мешуд, ки бо ягонтои ба дилат мувофиқаш, дӯстӣ пайдо карда, ӯро бо мо шинос мекардӣ? Ману модарат дарҳол аз пайи барпо кардани тӯю сур мешудем. А? Чӣ гуфтӣ, бачам?

– Хоҳишатонро, албатта амалӣ мекунам, вале пеш аз он,ки бо ин корҳо машғул шавам, аввал бо Орзуи номарди корчаллон ҳисобамро баробар мекунам!

– Духтарам! Боз кадом ҳисоб будааст?

– Охир, ин одами шилқин, як соли дароз бо ман дар хонаву шаҳр ва берун аз шаҳр гашту гузор карда, худро шавҳари ғамхору дӯстдори ояндаам нишон дода, маро чун гулҳои атромез мебӯйиду мебӯсид. Бадани лоғару харобашро дар бадани нозуку мулоимам ҷафс карда, ҳаловат мебурд. Ҳусуну ҷамоламро хеле коста карда тавонисту боз маро дӯст намедоштааст. Ана, барои маро ва шуморо писанд накардану ба сарамон санги ноҳақ задан ва хиёнат карданаш, ҳар чи аз дастам ояд, дар ҳаққаш карда, қасосамро, албатта, аз ӯ меситонам. Аммо дар ин кор шумо, падарҷон, ба ман шарикӣ накунед. Охир, шумо мансаби хеле калон, вазири саноати ҷумҳуриро бар дӯши хеш доред. Мо худамон як навъ карда, ҳисобамонро баробар мекунем. Хайр, шабатон хуш, – гуфт ва ҷониби хонаи хобаш рафт.

* * *

**Н**аима пас аз дарс, дӯстони ба дил наздик, ҳамсабақ ва дар шаҳр доштаашро ба яке аз қаҳвахонаҳое, ки дар шафати ҷойи кории Орзу, «Шабакаҳои барқӣ»-и шаҳр воқеъ буд, даъват намуд. Онҳо то ғурӯби офтоб оид ба бо кадом тарз ҷазо додан ё розигии Орзуро барои баргузории тӯйи арӯсу домодӣ гирифтан нақшаҳо кашиданд.

Пас аз гуфтугӯзори хеле тулонӣ Наима риштаи суханро ба даст гирифта, чун сардори гурӯҳҳои зудамал қарорашро баровард:

– Нақшаҳо бисёр шуд. Ҳамаашро амалӣ кардан ғайри имкон аст. Ҳаматон бодиққат ба гуфтаҳоям гӯш диҳед, пас

фикрҳоятонро ба ман иброз намоед. Амалиётро танҳо бо ду гурӯҳ ба анҷом мерасонем. Сардори гурӯҳи якум, ки бо Орзу сару кор гирифтанаш даркор аст, Игорро таъйин мекунем. Сардори гурӯҳи дуюм, ки бо Ҳавас сару кор мегирад, Баха таъйин мешавад.

– Хуш! Ба ин таклифи ман розӣ ҳастед?

Нидоҳои «Розӣ!», «Розӣ!», – баланд садо доданд.

– Ин тавр, ки бошад, хеле хуб. Акнун аз қумандонҳои таъйиншуда хоҳиш мекунам, ки ҷойи нофаҳмиданӣ ё суоле оид ба гузаронидани ин амалиёт дошта бошанд, аз ман пурсида гиранд. Сараввал овози ғафс ва босалобати Игор шунида шуд:

– Хай, итаки боша, кай амалиёта сар кнем?

– Ҳар чи зудтар сар кунед, беҳтар мешавад.

– Дар вахти гзаронидани амалиёт яке мурда бона, чӣ?

– Эҳ! Игорҷон. Корро ба ин дараҷа нарасон-да. Чунки баъд ҷойи ҳамаамон паси панҷара мешавад. Гуфти гапҳо, ин «сволч»-а аз мурдан бадтараш кун, вале намурад. Азоби яксола кашидаамро даҳ сол кашад, ана баъд дилакам тар мешавад, ки тар мешавад.

– Майлш, Наимаҷон. И мрға кореш мекнм, ки тхмои танаш, дар чанд соат чӯҷа брораи. Гуфти гапо, онаи зорша дар чшмш нишон метм, ки дига ай қанатакзанӣ бона. Фаҳмидӣ, Наимаҷон!

– Игорҷон! Агар ман ба шумо барин дӯстони ҷониам бовар накунам, пас ба кӣ бовар карда метавонам? Боварӣ дорам ва минбаъд ҳам бовар мекунам.

– Итаки боша, Наимаҷон, и сағирара корош трбай. Ягон майда ғам наху, ҳамаша туғурӣ мекнем. Даркор шава, бо тенчш мекнем.

Пас аз баромади Игор, ки нақшаву гуфтаҳояш ба ҳаммаслаконаш хуш омада буд, Наима суханро ба сардори гурӯҳи дуюм Баха дод. Ӯ ҷавони қоматбаланди газгӯшт. Рӯи дарози аспмонанд, мӯйи сараш, сиёҳи сурхчанамо ва мудом андаке баланд шудани ришу мӯйлабашро меписандид. Дар нигоҳи аввал, ӯ ба «Гладиатор»-ҳои Рими қадим шабоҳат дошт. Аммо, фарқи ӯ аз афсарҳои Румӣ дар шамшеру сипар

ва найза не, балки мотосикли дучархаи сиёҳи варзишии арзишнокаш буд.

Баха дар чандин мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, ҷойҳои сазовор гирифт ва соҳиби чандин мукофотҳои арзишнок гашта аст. Ӯ баъзан ҳини дар кӯчаҳои шаҳр пайдо шуданаш бо садои гӯшхарошу гулдурросӣ ва рондани тезу хатарноки мотосиклаш одамон ва раҳгузаронро дар тарсу ҳарос мегузошт. Онҳо дар ҷойҳояшон шах шуда, аз ӯ канорҷӯйи менамуданд. Ӯ бе ибо аз байну пеши мошинҳои дар роҳ ҳаракаткунанда ногаҳон пайдо шуда, ронандагонро дар таҳлуқа меандохт. Баъзан сабабгори садамаҳо низ мешуд. Вале ӯ ногаҳон ва ноаён чунон ғайб мезанад, ки кофтану ёфтанаш ғайри имкон буд. Ӯ ҳини ҳаракат кардан дар бисёр мавридҳо чархи пешашро аз замин баланд бардошта, танҳо бо чархи қафояш ҳаракат мекунад. Дар бисёр маврид, ӯро дар сар «Шлем»-и айнакдор ва дар тан бо либосҳои варзишӣ дидан мумкин аст. Бо Наима дӯстиашон хеле хуб буда, борҳо ӯро бо мотосиклаш ба сайру гашт бурдааст.

Баха пас аз хомӯшии на он қадар тӯлонӣ арзи матлаб кард:

– Ростша бгум, намедонм чӣ бгум. Охи, нишони ма занакаӣ. Мардак мешид, ягон балош мекадм.

– Баха! Ҳоло вақти дилсӯзӣ нест. Баръакс, фурсати ҷазодиҳӣ расидааст.

– Э, хай, сад нобутш. Ами матасикл қати, ки барш додм, мехоҳа намехоҳа, ягон ҷош мешкана. Ами басш нестаӣ, мегум?

– Илоҷе кун, ки намурад, шудан мегирад.

– Майлш. Итаки боша, ягон балош мекнм.

* * *

**Р**ӯз қариб торик гардида буд. Орзу дар муассиса корҳояшро ба анҷом расонида, барои хӯроки шом хӯрдан, каме шаҳрро чарх задан ва бухси дилу мондагии имрӯзаашро баровардан, ҷониби боғи калони шаҳр роҳ пеш гирифт. Ӯ фориғболона, қадамзанон аз назди фаввораҳои зебо ва салқини назди театри «Опера ва балет» гузашта дар

назди студияи телевизиони давлатии «Сафина», инчунин китобхонаи калони нав ба истифода дода шудаи хеле зебо ва боҳашамат қарор гирифт. Ӯ муддате чанд ба тарзи меъморӣ ва сохти бино таваҷҷуҳ намуд. Сипас хушҳолана роҳашро ҷониби боғи аз нав барқарор кардашуда ва хеле зебо ва дилоро идома дод.



Ҳини аз назди ҳайкали баланд, қоматафрохта ва диққатҷалбкунандаи шоҳ Исмоили Сомонӣ гузаштан маро-

тибаи дувум дар ҷояш истод ва аз шоҳкориҳои маъморон ҳаловат бурда, ба ҳайкал, ки рамзи давлатории зиёда аз ҳазорсолаи пешини тоҷикон аст, бо эҳтиром таъзим намуд, сипас роҳашро идома дод. Чун ба гӯшаи боғи биҳиштосои марказӣ расид, ба чашмаш фаввраҳои рангоранг ва баланди диққатҷалбкунанда намоён шуд. Аз тарафи рост ва чапи фавворaҳо одамон дар нишастгоҳҳои бароҳати чӯбин такя зада, аз шамоли солқин ва пошхӯриҳои оби мусаффои форамаш дами беғам мезаданд. Орзу низ, чун одамони дар ин ҷо буда дар ҷое нишаста, фурсате чанд таъбашро болида сохт. Сипас ҷониби ошхонаи парҳезии қисмати болои боғ роҳ паймуд. Вале гумон намекард, ки ноҷавонмардони зиёде бо сардории Игор ӯро чун мурғи саҳроӣ шикор карда, дошта, бояд ба азобу шиканҷа гирифтораш кунанд.

Ӯ баъди аз назди дарахти азимҷуссаи арча гузаштан ва даҳ-дувоздаҳ қадами дигар гузоштанаш, вориди ошхона мешуд, аммо ин лаҳза дастони боқуввате аз қафояш даҳон ва чашмонашро маҳкам дошт. Нафари дигаре корди нӯгдарозеро ба бари шикамаш халонида, сиёсаткунон:

– Агар овозта брорӣ, бо ами корча дилу ҷигарта чок мекнм. Фамидӣ? Мурғ. Э! Тра гуфтесам. Фамида бошӣ, каллата бҷмбон, мегум!

Орзу аз тарси ҷон як бор нею чанд бор каллаашро ҷумбонид. Дигараш ба ӯ наздик шуда фармон дод:

– Байни мода, хшрӯ рафтан бгӣ. Ҳозир дстма ай даҳант мегирм, неки ба рӯи мо нигоҳ накн. Гуё, ягон гап нашида боша. Агар Хдо кна майли овоз бровардану ай иҷа бдагиҳо ёрдам-пордам, прсиданӣ шавӣ ё, ки грехтани шавӣ, бо ами корча даррав корта буд мекнм. Фамидесаӣ, ариф?!

Ҷавони асирафтода бо имои сараш онҳоро бовар кунонд, ки гуфтаҳояшонро ба иҷро мерасонад. Садои шахси аввалӣ, ки даҳон ва чашмонашро баста буд, шунида шуд:

– Ита боша, ина дсма мегирм. Неки гапои гуфтагима фромш накнӣ бо!

Орзу ҳамроҳи нафарони ҷонситонаш роҳ мерафт ва чун оҳуи рамида дир-дир меларизид. Онҳо ӯро ба гӯшаи хилвати боғ, таги дарахте, ки равшании чароғи барқӣ кам мера-

сид, бурда, қарор гирифтанд. Баъд бе ягон пурсу пос, бандеро аз даруни халтаи «селофан»-ӣ баровварда, қадре аз он бурида, гирифтанд. Пас пушташро ба дарахт ҷафс карда, бо банди дарозе гардан, тан ва пойҳояшро ба тани дарахт мустаҳкам бастанд то ин, ки имкони кушодан ва гурехтанро пайдо накунад. Нафари дигарш ба ӯ амр кард:

– Э, Хдозада! Ку даҳнта воз кн! Э, тра гуфтесам, чумо! Мегӯм, вахту махтат бо сар накада боша. Э, даҳанта калон ҳӯй кн, мегӯм! Гапма, аку фаҳмидӣ?

Ӯ бо овози хиррии каме шунаво:

– Фаҳ-ми-дам, – гуфт.

– Фаҳмида, ки бошӣ, аввал арақа бху бад қатит гап мезанем, – гуфт ва даҳони кушодаи шишаи арақро ба даҳонаш гузошта ба рехтан даромад.

Ҷавон нолишкунон ва ҷонканон мехост гӯяд, ки нӯшида наметавонад, вале дашному мушти ба сараш бархӯрда ӯро сокит сохт.

Шахси ба даҳонаш арақрез шишаро аз даҳонаш гирифта буд, ки Игор ба ӯ наздикшавон пурсид:

– Э маймуни найрангбоз, Наимара ба зани мегирӣ ё не?

Орзуи ин ҳолат сару рӯяш арақзеркада ки аз таъсири арақи ба даҳонаш рехташуда худро хеле бад ҳис мекард, хомуширо ихтиёр кард. Ин рафтори ӯ хашму ғазаби Игорро дучанд намуд, ки бо муштҳои калон ва барзангияш аввал ба сарӯ рӯяш, сипас ба қабурғоҳояш ба задан даромад. Ҳине ки овоз бадар кард, якеаш латаи лундаи тубчамонандро ба даҳонаш тиққонид, то ин ки овозашро касе нашунавад.

Игор боз ба нафари арақрез амр кард:

– Арақи мондагира ҳамаша дар даҳанш соз брез, ки дуруншда дромада брава. Гапа, ки намефаҳма, ҳолш ай и бата!

Ҷавони шишабадаст арақи боқимондаро то адо шуданаш ба даҳони Орзу рехта буд, ки садои имдодталабонаи нафаре аз байнашон шунида шуд:

– Уй бачкон! Вайба нигоҳ кунтон, мугум! Гумонамба вай муддагӣ бойин. Мана, мана почакаш, а кор мондагӣ.



Игор бо шунидани суханони имдодталабонаи ҷавони дар байнашон буда хавотиромезона овоз баровард:

– Э-э-э! Чиба, и лоха грифта оварден! Ай гапзаниҳош маълумай, ки ҳама ҷода рафта мелақа.

– Э, шумо, қизиқӣ накунед, Игорако! О, ман ҳам шумо бо-

ин, дӯсти Наимабону. Бовар кунтон, ягон ҷова рафта намелақам. Ҳа? Вай чизе буд? Гуфтагӣ боин, ақлама худагимӣ?

– Хай, шид! Иҷа барои хта гӯш кадан наёмадем, – гуфту ба дигарон супориш дод:

– И ҳаромира, зайле банденш, ки поҳошда чхт истода бтона.

Се нафар бошитоб ӯро ба танаи дарахт аз нав таранг кашида бастанд. Аммо, сараш аз ғояти беҳушӣ, ё сархушӣ бошад, ки рост намеистод, гоҳе ба тарафи чап ва гоҳи дигар ба тарафи рост овезон мешуд.

Игор боз ба Орзуи нимҷон ва азҳушрафта наздик шуда, пурсид:

– Э! Тра мегуме! Наимара ба зани мегирӣ ё не? Медонӣ чӣ артистита пеши атаи найрангбозта кн. И номрот мода намегзара, гуфтесам? Агар розӣ нашай, пага авсарида омада аловт мезанем. Ами хел хап карда бест, бад очаи зорта мебинӣ! Ва зуд ба ҷавони дар наздаш буда амркунон:

– Баклачкаи бензина, дар гарданш кашол када тайёр бон! Авсарида омадем, розӣ шид, хуб, нашид, аловш мезанему зуд янима мешем. Ҳаматон гапома соз фаҳмиден!

Ҳама бо як овоз:

– Фаҳмидем! Фаҳмидем! – гӯён Орзуи ин лаҳза аз дасти нопокашон маҷруҳу маслуқшуда ва беҳушро ба ҳоли худ гузошта аз наздаш дур шуданд.

* * *

**С**уҳби барвақт, ҳанӯз чашми рӯз накафида, агар кас вориди боғи истироҳатӣ мешуд, аз накҳати гулҳои атромезаш, аз хониши мурғону булбулакони хушхон ва аз насими серуни он, ки аз қаторкӯҳҳои Қаратоғ ибтидо мегирад, рӯҳаш болида, димоғаш чоқ мешуд. Бо равшаншавии рӯз дар ин боғ кас бо зебоиҳои наотакроре рӯ ба рӯ гашта, худро сабук ва хушҳол дармеёфт. Гулҳои бешумори рангоранг, дарахтони сояафкани дилрабову нодир, фавворaҳои обашон софу беғубор, майдончаҳои сабзапӯш ва диққатҷалбкунанда касро дар ҳайрат монда, моту мабҳут мегардонад. Ва зебоии

боғро боз гаштугузори одамон, хоса занону кӯдакон ва духтарони соҳибҷамолу атласпӯши Душанбешаҳр ва Кӯлобидухтарони чаканпӯш ҳусну таровати нотакроре зам мекарданд.

Рӯз каме равшан шуда истода буд, ки овози қуд-қуди мурғе диққати яке аз занҳои ҷорӯбкаши боғро ба худ ҷалб намуд. Одатан, қисми зиёди ҷорӯбкашони боғ, ки занҳо мебошанд, бо мардҳо якҷоя субҳи барвақт вориди боғ мешаванд. Ва то омадани истироҳаткунандагон қитъаҳои ба онҳо вобасташударо тоза ва озода менамуданд.

Зани ҷорӯбкаше бо шунидани садои қуд-қуди мурғ аз қафояш думболгирӣ намуда, ба як гӯшаи хилвати боғ расида, аз дидани чизи ғайричашмдошт, ки шабеҳи ҳайкали шахшударо дошт, аз тарсу ҳарос дилаш ба тапидан даромад. Зан баъди андаке ба худ омадан ҷониби шахси ба дарахт баставу хуншор ва беҳолу мадор, эҳтиёткорона қадам монд. Чун зинда будани ӯро аз тапиши дилаш дарёфт, бо тамомӣ қувваташ садои имдодталабонае бароварда, атрофиёнро назди худ хонд:

– Ёрӣ диҳед! Зуд бошед! Ин ҷо, одам. Зудтар бошед, ки мемурад!

Занони ҷорӯбкаш ва мардони боғкор бо шунидани садои пуртаҳлукаи ҳамкорашон сӯйи ӯ шитобиданд.

Аввал марди ришдори миёнаумре наздашон ҳозир шуд. Ӯ дарҳол ба кушодани банди бадани ҷавони аз ҳуш рафта пардохт. Кормандони дигар низ наздашон расида омаданд. Марди ришдор дарҳол аз нафари ҳамкораш хоҳиш намуд:

– Э, зудтар рафта, милисаи дар назди ҳайкали Исмоили Сомонӣ бударо хабар деҳ! Баъд худаш илоҷи корашро меёбад.

Мард бо ишораи сар хоҳиши ҳамкорашро ба инобат гирифт ва ҷониби ҳайкал шитофт.

Пас аз лаҳзае чанд мард ҳамроҳи милисаи қадбаланди лоғарандом, ки рутбаи «прапоршик»-ро доро буд ва гоҳ-гоҳ месулфид, ҳозир шуданд.

Милиса марди беҳушу хуншор ва майзадаро бо зарфи дохилаш пур аз маводи сӯхти дар гарданаш овезон дида, бо

хавоси парешон тавассути телефони мобилиаш занг зад:

– Рафиқ командир! Дар боғи марказӣ нафареро ёфтем, ки бо банд баста шуда, аз зарби лату кӯб сару танаш хуншор мебошад, Илова бар ин, аз таъсири нӯшидан бошад ё беҳушӣ, ки чун мурда хобидааст.

Баъди лаҳзае чанд мошини ёрии таҷъилӣ бо якчанд нафар табибони хилъатпӯш ва намояндагони органҳои тафтишотӣ ҳозир шуданд. Пас аз муоина ва сурат гирифтан, ӯро ба мошин бор карда, ҷониби беморхона раҳсипор шуданд.

* * *

Субҳидам, дар ҳолате, ки ҷисми нимҷони Орзуро дар мошини ёрии таъҷилӣ бор мекарданд, Игор, бо ҳамроҳонаш, барои боз ҳам давом додани истинтоқ ва гирифтани ризогии ӯ оид ба баргузории тӯйи арӯсиву домодии Наима вориди боғ шуданд. Онҳо аз барор нагирифтани корашон якдигаро дашному гунаҳгоркунон пас гашта рафтанд.

Игор ба Наима занг зада, воқеаро ба ӯ нақл кард. Наима аз шунидани хабари барояш нохуш ғазаболуд шуд ва ба Игор супориш дод:

– Ҳамаатон зуд, боз дар ҳамон қаҳвахона ҷамъ шавед! Худи ҳозир ба наздатон меоям. Сонӣ аз ноуҳдабароиятон ба ман қисса мекунед.

Игору ҳаммаслакони гургтинат ва худобехабараш, ки ба чунин кирдори ноҷавонмардона ва ғайриинсонӣ даст зада, ҳаёти як ҷавони бегуноҳ ва беозорро хору зор карда, каме монда буд, ки бо ин дунёи ҳастӣ падруд гуяд, боз барои несту нобуд сохтанаш, дар ҷои муқаррашудаашон ҷамъ омаданд.

Пешхизматзани ҷавоне дарҳол наздашон ҳозир шуда аз онҳо хоҳиш намуд:

– Бифармоед! Ман омадаи хизмат.

Онҳо ба ҷойи минатдорӣ баён намудан масхараомезона сӯяш хандаҳои кароҳатомез намуданд. Духтар шӯрапуштӣ ва беодобии ҷавонони зебоандом ва хушсару либосро пайхас карда, гарчи дар ҳайрат монда бошад ҳам, аз тарс хомӯширо ихтиёр кард. Игор сӯяш нигоҳи

тамасхӯромезонае намуда, сипас пурсид:

– Ҳа? Чӣ блблакт ай хондан монд? «Бифармоед! Омодаам!» Хай омода бошӣ, пеш ай хестанм дар гушт гапма мегӯм, майлш?

Пешхизматзани ҷавон ҳарфе нагуфта бо ишораи сараш гапашро тасдиқ намуд.

– Хай, инайи гапи дига. Зиқ наша. Хоҳишота, албатта иҷро мекнм. Барои хотирт бра ба мора, ки шаш касем, шаш кофе бигиву тез бдав! Ҳа-ҳа-ҳа-ҳа-а-а…

Пешхизмат бо кайфи парида:

– Хуб шудааст, – гӯён аз паси супориши додаи ӯ шуд.

Босуръат қадаммонию садои баланди пошнаҳои кафши Наимаи аз худ рафта, ки вориди қаҳвахона шуд, диққати дӯстону ҳаммаслакҳояшро ба худ кашид, ки ҳамаашон яку якбора ба истиқболаш аз ҷой бархостанд. Наима, ба қаҳру ғазаби дар дилаш маконгирифта нигоҳ накарда, бо ҳар кадомаш дастӣ салом кард. Баъд ба чеҳраи ин лаҳза коҳидаи дӯсташ Игор ва дигарон нигариста пурсид:

– Канӣ! Ҳамаашро нарезонда ва начаконда, бо пуррагӣ ба ман ахборот деҳ!

Игор азобу истинтоқи дишаб дар боғи шаҳр ба Орзу кардаашро муфассал нақл намуд.

Бо шунидани ахбороти додаи Игор, Наима худро ба даст гирифта натавониста бо нафрат ба рӯи ӯ нигарист ва бо овози баланд изҳори норозигӣ кард:

– Наход каллаи шаш йигити чор кас медидагӣ то ин андоза корношоям бошад! А? Кадом одами солимақл дар боғи истироҳатӣ, ки одамони ишқварз, майзада, бехонаву овورагард, шаб то ба рӯз ин ҷойро иҷора мегиранд, чунин амалиётро гузаронад-е?!

Ӯ нигоҳашро аз Игор наканда боз ба маззаматаш идома дод:

– О, ту ба ман ваъда дода будӣ, ки ҳамааш хуб мешавад. Яку якбора ҳамаи корҳо расво шуд-ку? Оё, медонед, ки дар беморхона худи ҳозир кормандони милиса чайла зада, чашм кушодану ҳарф задани Орзуро мунтазиранд. Баъди бо ӯ ҳамсуҳбат шудани кормандони милиса ӯ симову гуфтаҳои

ҳар кадоми шуморо ба онҳо нақл мекунад. Пеш аз ҳама, қиссаи ишқварзии ману худашро. Ана, акнун, кормандони танобкаш назди шумо не, аввал маро суроғу пай намуда, ҳамаашро аз ман пурсон мешаванд. Ба гуфтаҳоям сарфаҳм рафтӣ? Игор?!

– Фаҳмидм. Охи, оли мо чумо нашидем-ку! Ҳозир мо балнеса рафта кор мебарем. Бад, натиҷаша, хдтда мегем.

– Майлаш-куя, лекин коре накунед, ки боз аз пештара дида ҳамаро расво карда партоед.

Игор ва ҳаммаслаконаш аз қаҳвахона баромада, ҷониби беморхонаи Қария Боло, ки он ҷо Орзуро ташхис карда ба худ меварданд, раҳсипор шуданд.

* * *

**И**гор бо ҳаммаслаконаш шитобкорона ҷониби беморхона равон шуданд. Пас аз пурсу поси зиёд, ба онҳо аз натиҷаи ташхиси «Рентген»-ӣ маълум гардид, ки ду қабурғааш шикаста, дасти чапашро ҳини бо қувваи калон ба қафо гардонидан ва ба дарахт бастан баровардаанд. Аз зарбаҳои сахт ва бераҳмонаи ба сараш бархӯрда ӯ то кунун ба худ наомада беҳуш дар утоқи алоҳида, зери назорати табибон буд.

Игор дар натиҷаи ҷустуҷӯ ҷойи хоби Орзуро аниқ дарёфт карда тавонист. Ӯ боз шоҳиди он гашт, ки дар рӯ ба рӯйи дараш як нафар корманди милиса бо либоси низомӣ нишаста, зуд-зуд аз табибон оид ба саломатии ӯ пурсон мешуд. Ӯ мушоҳидакорона назди духтари хилъатпӯши зебое, ки паси миз нишаста, ким чиҳо менавишт, наздик шуд. Духтар симои гирифта ва нохуши ӯро дида, сӯяш ҳайрон-ҳайрон нигарист ва билохир ҷуръат пайдо карда пурсид:

– Хизмат? Ако!

Игор ҳарфе нагуфта, як қадар пули шараққосии панҷоҳ – сомониро аз ҷайбаш баровард ва болои миз, наздаш гузошт ва аз ӯ хоҳиш кард:

– Пула бигӣ! Неки зуд се халат, се кулоҳи сфеда оварда, дсти мада бте!

Духтар пулро бо дасти нозукаш аз наздаш сӯйи ҷавон

телладиҳон, истода бо исрор гуфт:

– Ин корро карда наметавонам. Мисли дигарон як хилъат бахшатон ҷудо мекунаму халос.

Игор дид, ки бо хубӣ кор намеанҷомад, ноаён аз атрофиён кордро аз ғилофаш баровард ва ба шиками нозуки духтар гузошта истода:

– Э-э-э… Қанчқ! Ами овозта брорӣ, ё ба касе блаққӣ, инами корча қати реза-резат мекнм. Мара чи хел фаҳмидӣ, мегӯм?

Духтар, ки ин ҳолат, аз тарси ҷонаш, ранги рӯяш канда, сап-сафед шуда буд, бо овози ларзон ва оҳиста:

– Аз қафоям омадан гиред! – гуфт ва пас аз чанд утоқи кориро гузаштанашон назди даре қарор гирифтанд. Духтар бо тарсу ҳароси ин лаҳза дар дилаш макongирифта ба Игор нигоҳкунон аз ӯ хоҳиш кард:

– Шумо дар ҳамин ҷо каме сабр кунед. Худи ҳозир фармудаатонро гирифта меорам.

Дар навбати худ Игор бо овзи каме гирифта, ӯро огоҳ кард:

– Бо, мегум, бзи мзи накния! Иҷада мо бисёрием. Як дамда хокта мебезем. Гапи мара фаҳмидӣ?

– Ако! Ташвиш накашед. Ҳозир кори шумоя буд мекунам.

– Буд накну рӯзта бин! Итаки боша, бҷмб, охи! Бо чӣ иқа бсё бд-бд дорӣ!

– Хуб шудааст, – гуфт ва пас аз фурсате духтар се хилъат ва се кулоҳи дарзмолкардаи тоза ва озодаи сафеди кабудчатобро ба дасти Игор дода хоҳиш намуд:

– Коратон, ки буд шуд, ҳамаашро ба худам баргардонед, ако!

– Мебинем, – гуфт дар ҷавоб Игор. Ва аз назди духтар ба назди ҳаммаслаконаш, ки ӯро интизор буданд шитофт.

Баъди чанд лаҳза ҷавони кулоҳдор ва хилъатпӯше дар бари милисаи паси дар буда нишаст. Ду нафар хилъатпӯши дигар дарро кушода, назди Орзу даромаnд.

Ин лаҳза духтури навбатдор дар раги дасти Орзу

сӯзандору мегузаронид. Ӯ доругузарониро ба анҷом расонида, чизе гуфтанӣ буд, ки яке аз он хилъатпӯшон кордро дар гулӯяш гузошта сӯяш:

– Овозта брорӣ, сволч, рез-резат мекнм, – гуфт ва зуд ба ӯ амр кард:

– Ай ақиби ма, ба берун омандан бги!

Онҳо аз дар баромадан замон, Игор кордашро дар гӯлуи Орзу гузошта, амр кард:

– Миҷморуқи ҳаромӣ! Ба фикрм, мара нағз шнохтӣ. Амита не?

Орзу бо ишораи сараш гуфтаи ӯро тасдиқ кард. Игор боз ӯро таҳкидкунон:

– Итаки боша, гапома соз гӯш кну да гӯшт бгӣ! Агар ҳини тафтишот, да бораи мо, Наимаву аташ, яке блаққӣ, бо ами корча ҳам сари хта ай тант ҷдо мекнм, ҳам арӯст Ҳаваса, ҳам очата. Неки мода кор нагирӣ, мо ҳам тда дига кор намегирем. Чор тарафт қибла. Гапома фаҳмидӣ, мегум!

Орзу бо ҷумбонидани сар ва нигоҳҳои тарсомезаш гуфтаашро қабул кард. Игор боз сӯяш теғи нигоҳи сарду кароҳатнокашро давонида истода, таҳдид ва таъкидашро идома дод:

– Гапома соз дар гӯшт бгӣ! Ба шарте бзӣ накниву даҳанта пӯшӣ, аввал корои хтд туғуриву тенҷ мешава, бад ай мо. Неки, гуфтм-ку! Ай ҷони хдту арӯст, ҳам очаҷонакат сер шида бошӣ, ӯ тарафша хдт медонӣ, – гуфт ва аз дар баромад.

Милисаи дар паси дар нишаста ҳини аз дар берун шудани Игор ӯро духтур пиндошта, наздаш шитофт ва аз ӯ пурсон шуд:

– Аҳволаш чӣ хел, духтур?

Игор худро ба даст гирифта, ба пурсиши ӯ бо мулоиматӣ посух дод:

– Саломатиш хуб шидесай. Як соат пас гапзан мешава.

– Ҳа! Хайрияте. Раҳмат, духтур, – гӯён, боз дар ҷояш нишаста, мунтазири ба худ омадани Орзуи азияткашида ва ҷабрдида шуд.

* * *

**Р**ӯзи дигар, яъне сешанбе раиси «Шабакаҳои барқии шаҳр» дар оғози кор барои ҳаллу фасли як мактуби таъҷилӣ, ки аз Ҳукумати шаҳр омада буд, муовинонашро наздаш даъват намуд. Аммо, аз Орзу Қаландаров дараке набуд.

Сардор котибаашро ҷеғ зада супориш дод:

– Ҳар чи зудтар, Орзуи Қаландарро наздам ҷеғ занед!

Котиба бо имои сар супоришро қабул намуд ва аз дар баромад. Пас аз андаке гузаштани вақт ба раис ахборот дод:

– Муҳтарам раис! Орзуи Қаландар то кунун ба кор наомадааст. Бо пайдо шуданаш ӯро огоҳ мекунам, ки таъҷилан ба наздатон дарояд.

– Майлаш. Иҷро кунед! – гуфт раис ва суҳбаташро бо муовинони дар наздаш буда идома дод.

Холаи Орзу, Равшанбӣ апа, ки баъди Орзуро падараш аз хонааш рондан, бо ӯ мезисту бегоҳӣ мисли ҳарвақта, пас аз кор ба хона барнагашта буд, дар ташвиш монда, шаб то ба рӯз нахобида буд.

Ӯ барои сабаби ба хонааш наомадани ҷиянашро фаҳмидан аввал ба модараш Саодатбону занг зада пурсид:

– Саодатбону?

– Лаббай, гӯш мекунам.

– Маро шинохтӣ? Ман Равшанбӣ.

– Бале, шинохтам. Хуб ҳастед?

– Ҳа? Хубу, вале хостам, пурсам, ки шаб Орзу ба хонаи худатон барнагашта буд?

– Нею. Орзу бо шумо зиндагӣ мекунад. Чаро аз ман мепурсӣ?

– Барои он мепурсам, ки шаб ба хонаи мо наомада буд. Тамоми шаб роҳашро нигоҳ кардам. Наёмад, ки наёмад. Ана, барои чӣ ба ту занг задам.

– Исто! Исто! Канӣ, ман ба хонаи Ҳалимабону – модари Ҳавас занг зада пурсам, ки он ҷо набошад?

– Занг зада, аниқ кун, сонӣ ба алоқа мебароем.

– Ҳозир, – гӯён модари Орзу ба рақами телефонии Ҳавас,

ки Орзу ба ӯ дода буд, занг зад.

Ҳавас бо шунидани занги телефони «мобил»-иаш, онро шитобон аз болои миз бардошта васл карда буд, ки овози модари Орзу ба гӯшаш расид.

– Духтарам, Ҳавас! Бачем,аз ту як гапро пурсам?

– Ҳа? Холаҷон, хуб ҳастед?

– Шукур, духтарам. Вале ба ман гӯй, ки баногоҳ Орзу шаб хонаи шумо наомада буд?

– Не. Холаҷон. Орзу то ҳоло ягон маротиба шаб меҳмони мо нашудааст.

– Фаҳмидам. Гап дар сари он, ки имшаб дар хонаи холааш нахобидааст. Акнун намедонам чӣ кор кунам. Холааш бесаранҷом шуда, ба ман занг зад. Ман бошам, ба шумо. Дилам аз духтари бешарму ҳаёи Паҳлавони Далер дар ташвиш аст.

Ҳавас ҳақиқати ҳолро фаҳмида, аз тарсу ҳарос бо овози гиряолуд ва ларзон, ба модари Орзу:

– Рост мегӯйӣ, холаҷон. Дили ман ҳам дар ташвиш афтод. Худи ҳозир ба ҷойи кораш рафта, ҳамаашро аниқ мекунам. Баъд ба шумо натиҷаашро хабар медиҳам.

– Илоҳо, барака ёбӣ, духтарам. Худоҷон, ҳардуятона ба мақсадатон расонад, – гуфта телефонашро хомӯш кард.

Ҳаваси ин лаҳзаҳо тамоми вуҷудашро тарсу ҳарос фарогирифта дав-давон аз хона баромада, «такси»-еро дошта, аз ронанда хоҳиш намуд:

– Хоҳиш мекунам. Маро ҳар чӣ зудтар ба назди «Шабакаҳои барқии шаҳр» бурда расонед.

– Хуб шудааст, хоҳарам.

Пас аз чанд лаҳзаи баҳисоб Ҳавас ба ҷойи кори Орзу омада расид. Ӯ шитобон дохили биное, ки Орзу он ҷо ба ҳайси муовини раис кору фаъолият мекард, ворид шуда, аз котибааш пас аз салому алек пурсон шуд:

– Бубахшед, ба ман Орзуи Қаландар лозим.

– Пурсидан айб нест, шумо ба он кас кӣ мешавед?

Ҳавас, каме шармгинона хомӯширо ихтиёр кард ва сипас, ба пурсишаш посух дод:

– Дӯсти наздикаш.

– Фаҳмо. Тақрибан ним соат пеш аз беморхонаи Қария Боло ба мо хабар доданд, ки ӯро дар ҳамон ҷо табобат карда истодаанд.

– Чӣ гуфтед? Табобат. Ба ӯ чӣ шудааст?

– Ба инаш ҳеҷ чиз гуфта наметавонам, духтари нағз. Ба наздаш, ки рафтед, ҳамаашро фаҳмида мегиред.

Ташшакуркунон, Ҳавас шитобон ба берун баромада, аз хабари шунидааш модари Орзу ва худашро огаҳ намуд.

Вақте Ҳавасу модараш Ҳалимабону ва модари Орзу Саодатбону ба аёдати Орзу рафтанд, аллакай ӯ дар иҳотаи ёру дӯстон ва ҳамкоронаш қарор дошт. Ва канда-канда бо овози хаста ва гирифта бо онҳо суҳбат мекард.

Онҳо ин лаҳза, орзуи сарлуч ва дастонаш бо дока печонидашуда, рангу рӯи зардшудаву чашмони ба косахонаи сараш фурӯрафта ва гирдогирдаш сиёҳшудаи беҳолу мадорро дидан замон, дар чашмонашон, ашк ҳалқа зад. Нафарони он ҷо буда онҳоро оромкунон, хоҳиш карданд:

– Ҳоло вақти гиристан нест. Баръакс, ӯро дилбардорӣ кардан зарур аст, ки зуд шифо ёфта, аз паси кору бораш шавад.

Баъди суҳбати начандон тӯлоние онҳо бо хоҳиши духтури навбатдор ӯро ба ҳоли худ гузоштанд. Ва ҳине, ки бо ӯ хайру хӯш мекарданд, Орзу аз Ҳавас хоҳиш кард:

– Ҳавас! Ин дастагулро, барои ту ин ҷо нигоҳ доштам, – гӯён ба дастагули зебои болои миз ишоракунон илова намуд:

– Бо худ бигир! Охир, ту гулро дӯст медорӣ, ҷонакам.

Ҳавас хушнудона дастагулро гирифта бӯйид. Баъд аз рухсораҳои зардшудаи дилдодааш бо меҳр ва садоқати бепоён бӯсид. Сипас ҳамроҳи модар ва хушдоманшавандааш аз беморхона берун шуданд.

* * *

**Т**ақрибан як соат пас аз рафтани Ҳавас ва ҳамроҳони ӯ ду нафар корманди шуъбаи корҳои дохилии шаҳр, ки дар китфи якеаш рутбаи «прапоршик» ба чашм мерасид ва соатҳои

тӯлонӣ дар паси дар, ҳамроҳи ҳамкораш, ки ҷавони қадбаланд ва рутбаи лейтинанти калонро доро буд, барои муайян кардани шахсиятҳое, ки дишаб ба ҷонаш сӯиқасд карда буданд, наздаш даромаданд.

Духтури навбатдор ин лаҳза набзашро санҷида истода аз онҳо хоҳиш намуд:

– Мариз, ҳоло пурра ба худ наомадааст. Камқувват буда, сараш сахт осеб дидааст, ки бисёр муоширaт кардан барояш хатарнок аст.

Онҳо хоҳиши табибро ба инобат гирифта бо мулоиматӣ бо ӯ суҳбат оғоз намуданд. Лейтинанти калон, аввал ба чеҳраи коҳида ва зардшудаи Орзу назар афканда пурсид:

– Шитоб накарда воқеъаи дирӯзаро нақл кун! Ва агар он шӯрапуштҳое, ки туро ба чунин ҳолат гирифтор кардаанд, ном ва насабашонро донӣ, ҳамаашро ба мо муфассал нақл кунӣ, беҳтар мешавад.

Орзу воқеъаи дирӯзаро, пас аз кор то назди ошхонаи парҳезӣ омадан ва бо ӯ рух додаро пурра ба онҳо нақл кард. Ва баъд давомашро ба онҳо бо тарзи зайл фаҳмонид:

– Вақте хостам ба ошхона дароям, дасти пурқуввате даҳон ва чашмонамро дошт. Якчанд нафар маро дар байни худ гирифта, ба сарам зарбаи ногаҳонӣ заданд, ки аз ҳуш рафтам. Баъди ин амалашон, онҳо бо ман чӣ кор карданд, ё накарданд, дигар дар ёд надорам.

– Охир, онҳо туро ба танаи дарахт баста, ба даҳонат як шиша арақро рехта, аз афташ, чизеро пурсиданӣ буданд? Вақте ки муродашон ҳосил нашуд, туро лату кӯб карданд, ки дар натиҷа ду қабурғаат шикаста, як дастатро аз ҷойи пайвасташ, аниқтараш аз буғуми оринҷ, рагҳояшро канда бароварданд. Бо зарбаҳои мудҳиши муштҳояшон ба сарат зада, майнаатро хароб кардаанд, наход, ки ту ҳеҷ чизро дар ёд надошта бошӣ?

– Гуфтам-ку! Аз зарбаи аввалини ба сарам бархӯрда дигар ягон чиз дар хотирам намондаст.

– Ҳини туро доштан надидӣ, ки ягонтааш ба ту шинос буд, ё рангу намудашон дар ёдат боқӣ мондааст?

– Лаҳзае, ки ман мехостам вориди ошхона шавам, яке аз

онҳо хапу хомӯш бо дасташ чашму даҳонамро маҳкам дошта маро ба гӯшаи боғ бурданд. Дигар на илоҷи гап задан доштам ва на ба симояшон назар кардан.

Лейтинанти калон мадкашон, ба ҳолу аҳволи Орзу нигоҳкунон ва хаёломез пурсишро идома дод:

– Хайр, майлаш. Бо гуфти худат ягон нафари онҳоро на дида тавонистӣ ва на шинохта. Хуш. Ин тавр, ки бошад, дар бораи рақибонат, ё шахсиятҳое, ки бо ту дар ҷойи кор зуд-зуд муноқиша мекунанд, бад мебинанд, ба ту суханҳои таҳқиромез мегӯянд. Ё, аз пушти хонуме бо касе муноқиша кардаед, ана ҳамаи ҳамин гуфтаҳои боло, ки сабабгори чунин ҳодисаҳои нохуш мегардад, чӣ гуфта метавонӣ?

Орзу каме ба фикр фурӯ рафта, сипас бо овози ҳазин ба муфаттиш фикрашро иброз намуд:

– Он чӣ, ки шумо дар боло гуфта гузаштед, бо ман рух надодааст. Аз ин лиҳоз, маро бубахшед, дигар гапи мегуфтагӣ надорам.

Духтур ҳолати Орзуро дида, аз онҳо хоҳиш кард:

Илтимос, ӯро ба ҳоли худ гузоред! Ӯ дигар бо шумо маҷоли гуфтугӯ карданро надорад.

Лейтенанти калон норозиёна «протокол»-и тартибдодаи ҳамкорашро ҷониби Орзу дарозкунон:

– Протоколро дида имзо кунед!

Орзу ҳуҷҷатро аз назар гузаронид ва ҳарфе нагуфта имзо кард ва ба дасташ дод. Онҳо бе ягон хайру хуш аз наздаш баромада рафтанд.

* * *

**О**рзу ҳанӯз муоличаашро дар табобатхона идома медод. Гарчанде аз овардан ва дар беморхона хобидани ӯ ду ҳафта сипарӣ шуда бошад ҳам, қабурғаҳояш бо пуррагӣ шифо наёфта буданд. Ва дарди шадиди қабурғаҳо ҳар дам ӯро нором месохт.

Дар ин муддат Ҳаваси дӯстдошта ва мунису ғамхораш, ҳар рӯз ба айёдаташ омада, таъбашро болида мегардонид. Ва ҳини ба хона баргаштанаш дастагули барояш омода сохтаро бо худ мебурд.

Наима, ҳарчанд умедашро аз Орзу канда бошад ҳам, хабари ҳар рӯз ба аёдати Орзу рафтан ва бо дастагули арзишноку тару тоза ба хонаашон баргаштани Ҳавас ӯро ноором сохта буд. Рафта-рафта ҳисси бадбинӣ ва бахилӣ ӯро барои амалӣ кардани нақшаи дувумаш, ки бояд дӯсташ Баха, ба ичро мерасонид, таҳрик дод. Дар ин хусус бо дӯстонаш дар як гӯшаи хилвати шаҳр ҷамъ шуданд.

Вақте ки Наима оид ба амалӣ намудани нақшаи дувум ҳарф зада, аз Баха ба иҷро расониданашро талаб намуд, Игор риштаи суханро ба даст гирифта, фикрашро ба дӯстонаш чунин иброз намуд:

– Бачаҳо! Хай, мо гапи Наимаҷона да замин намонда, иҷрош кардем-ку? Аму бачара, ки ҳам да ҷои корш, ҳам да донишгоҳ ҳрматш мекнан, мо кори кадагимона кадемш. Бо да балниса рафта тарсш додем, ки милисаҳода, ҳине, ки прсиданш, бзӣ – мзӣ накна. Амихел нестай? Агане бзи мекад-ку, оли ҳамамон трмада бдем. Мо мардакворӣ ӯра гуфтем, ки ту бзи накниву ягон ҷода налаққӣ, корт намегирем. На ба хдт, на ба очат ва на ба отату, Ҳавас. Ана, бад, и чӣ хел мешава, Наима?

– Ягон гап намешавад, баръакс ҳамааш хеле хуб мешавад.

– Хай, барои хта хуб шава, мумкин, неки барои мора номардӣ мешава. Медонӣ?

– Э, Игор, Игор… корро ним кардию барои иҷро шудани нақшаи дуюм монеъги мекунӣ-, гуфта буд, ки овози Баха шунида шуд:

– Нақшаи дуюма ма бояд, амалӣ мекадм, албатта амалиш мекнм. Фақат барои хотири хдт, Наима!

Бо шунидани ҳарфзаниҳои Баха, Игор каме хомӯширо ихтиёр карда, баъд афсусхӯрон:

– Ма-ку, кортон надорм, неки ай пшти рашки Наима, саги хова бедор, ки каден, бад бисё қинтон меғалта-да.

Наима чунин ҳарфзаниҳои Игорро шунида, норозиёна ғурунгид:

– Э-э-э! Боз ба ту чӣ шуд, ки яку якбора тарсрӯ шуда мондӣ? А?

Игор ба чеҳраи Наима нигоҳи ғазаболуд намуда гуфт:

– Ма, ки тарсндку бекалла бошм, рафтм, – гуфт ҷавон ва аз ҷояш хеста бо дӯстонаш худоҳофизӣ накарда аз наздашон дур шуд.

* * *

**Ҳ**авас, пас аз аёдати навбатии дӯстдоштааш Орзу, бо дастагули зебо ва тару тоза ба хонаашон бармегашт. Ӯ аз дидорбинӣ бо Орзу ва рӯз аз рӯз солиму бардам шуданаш шоду қаноатманд менамуд. Ӯ кӯчаҳои шаҳрро сайркунон дар дили кӯчаку нозукаш орзуҳои ширин ва рангин мепарварид. Ва аз ҳама муҳимаш, барои ӯ, наздикшавии тӯйи арӯсӣ ва домодии худашу Орзуи дӯстдоштааш буд. Ин лаҳзаҳо ӯ чун моҳие дар баҳри фикру андешаҳо гоҳо ғӯтта мезад ва гоҳи дигар шино мекард, ки садои гӯшхароши мотосикли аз қафояш омада истода ӯро ба худ овард. Зуд ба қафо гашт ва нигоҳ карда дид, ки ронандаи «Шлемдор»-у айнакдори дар либоси варзишӣ буда мотосиклашро рост сӯяш меронад.

Ҳини ба ӯ наздик шудани мотосикл, дастагулро бо тамоми қувват сӯяш ҳаво дод. Ва давида паси дарахте паноҳ ҷӯст.



Аз бахти баланди Ҳавас дастагул рост ба рӯи ронанда бархӯрда, пеши чашмонашро яку якбора пӯшонид. Ва аз тарс бошад ё саросемагӣ, ки мард бо мотосиклаш, тарафи дасти чап тоб хӯрд ва бо шаст ба «ҶИП»-и рангаш сафед ва оинаҳош сиёҳ кардашуда бархӯрд. Чархи тарафи ронанда сарашро зер кард. Ва «шлем»-у сарашро якҷоя дар рӯи замин чун тарбӯзи аз даст афтида пора-пора намуд.

Ҳавас аз тарси ҷон зери дарахти дуртар аз роҳ макон дошта паноҳ бурд ва дарахтро оғӯш намуда гирякунон, дир-дир меларзид. Нафарони каме дуртар аз ӯ истода, ки шоҳиди ин воқеъаи нохуш буданд, духтарро ҳалқавор печонида, ӯро тассалӣ медоданд.

Пас аз лаҳзае чанд нозирони хадамоти ҳаракати нақлиёти роҳ ва мошини ёрии таъҷилӣ омада расиданд. Онҳо дарҳол ба тафтиш ва ташхиси ронандаи автомошинаи «ҶИП» ва ҷавони ба ҳалокатрасидаи мотосиклсавор ва духтари ҷабрдида шурӯъ намуданд.

Марду занҳое, ки дар назди Ҳавас буданд ва ин воқеъаро бо чашмони худ дида буданд, шоҳидони асосии воқеъа ба шумор мерафтанд. Аз байни онҳо зани тануманди ҷавоне қадаме чанд ҷониби милисае, ки бо кормандони хадамоти ҳаракати нақлиёти роҳ, омада буд, гузошта, тавбакунон ба ӯ арз намуд:

– Тавба! Сад тавба! Агар ба ман ин воқеъаи нангинро нақл мекарданд, ҳеҷ гоҳ бовар намекардам. Охир, ронандаи ҳамин мотосикл бо овози гӯшхарош ва суръати хеле баланд мотосиклашро рост суйи духтар ронд. Ҳини ба духтар наздик шудан мисли сиркбозон чархи пешашро баланд бардошта, ӯро заданӣ буд, ки ӯ аз тарси ҷон дастагули дар browsers даст таш будаpo — 

Ё тавба, тавбае. Дар як нафас ин ҷавони қоматбаланду нозанин аз шӯрапуштӣ ва атвори бадаш ҷон ба ҳақ супурд. Дилу ҷигари падар ва модари нокомаш реш-реш мешавад.

О, ба ин ҷавон чӣ намерасид, ки барои ҳадафи нопокаш шуда ҷони худро беҳуда қурбон кард. А?

* * *

**Т**абибони бо мошинаи ёрии таъҷилӣ омада ва ду нафар милисаи рутбаи офитсерӣ доштаи ба онҳо ҳамроҳшуда низ, ҷасади беҷону хуншори Баха ва духтари тарсхӯрда ва ҷабрдида Ҳавасро ба мошин савор карда, босуръат ҷониби табобатхона равон шуданд.

Кормандони Хадамоти ҳаракати нақлиёти роҳ соате чанд ҷойи ҳодисаро чену чоқ карда, баъди бо нафароне, ки ин ҳодисаро бо чашмони худ дида буданд ва шоҳидони асосӣ ҳисоб мешуданд, суҳбат оростан, бо ронандаи автомашинаи тамғаи «ҶИП», ҷониби муассисаашон равон шуданд.

Пас аз як ҳафтаи гузаронидани санҷиш ва ташхиси садамаи нақлиётии рухдода, чӣ кормандони хадамоти нақлиётии назорати роҳ ва чӣ кормандони шуъбаи корҳои дохилии шаҳр, гуноҳро ба ҷавони умраш ба баҳори соли бисту як расида Мумтози Салим, ки ёру дӯстон ва ҳамсабақонаш ӯро Баха ном мебурданд ва писари яке аз соҳибкорони бадавлат, сокини Душанбешаҳр, Салим Ғанӣ буд, бор карданд.

Ронандаву Ҳаваси ҷабрдидаро, пас аз санҷиш ва пурсиши якҳафтаина, бегуноҳиашонро собит намуда пурсу посро бо онҳо қатъ намуданд. Бо шунидани ҳодисаи нохуши бар сари дӯстдоштааш Ҳавас омада, Орзу табобаташро қатъ намуда, тӯли як ҳафтаи давом ёфтани санҷиш ва тафтиши садамаи рухдодаи нақлиётии шуда гузашта, ки боиси марги ҷавонмарди бистуяксола, донишҷӯйи соли сеюми Донишгоҳи технологии шаҳр Мумтози Салим ё худ Баха шуда гузашта, Ҳаваси ҷабрдида ва хотирпарешонро ҳамроҳӣ менамуд.

Наимаву Игор, ҳаммаслакон ва дӯстони Баха, аз шунидани марги фоҷиавию нобаҳангоми дӯсташон андӯҳгин шуданд. Игор ба Наима ва дӯстони ҳаммаслакаш аз

ҷавонмардии Орзу, ки бори гаронро бар дӯши худ гирифта, онҳоро ба органҳои танобкаш хабар надод, ҳарф зада, барои минбаъд бо чунин амалҳои нангин даст назаданашон байни худ маслиҳат оростанд.

Падари Наима баъди чанде ҳамкораш Қаландари Савдоро наздаш хонда, аз ӯ барои дашномҳои қабеҳу нораво доданаш узр пурсид:

– Агар имкон дошта бошӣ, Савдо Қаландарович, маро бубахш. Ман нисбати духтарам Наима хеле бепарво будам. Натиҷааш ҳамин шуд, ки ӯ дар хона як духтари эркаю танноз ба воя расид. Ва дар давоми як соли шиносоӣ ва дӯстиаш бо Орзу ба дилу дидаи ӯ ҷой гирифта натавонист. Аз мансаби ман истифода намуда, ӯ дӯстон ва дугонаҳои чун худ эрка ва бепарвойи зиёдеро пайдо карда тавонист, ки ба ҷои илм омӯхтан ва соҳиби касбу ҳунар шудан, ба корҳои нопок даст заданд. Ана натиҷааш марги ҳаммаслакашон, фарзандӣ яккаву ягонаи яке аз соҳибкорони номдори шаҳр, Салим Ғанӣ гардид. Ман ҳасад мехӯрам, Савдо Қаландарович, ки чун Орзуи шумо фарзанди қобил надорам. Ӯ ба синну соли ҷавонаш нигоҳ накарда дар истеҳсолот роҳбарии чанд шуъба ва умурро ба зимма дошта, дар донишгоҳи олии техникии шаҳр аз фанҳои дақиқ ба донишҷӯён дарс гуфта, ба наздикӣ рисолаи номзадии илмҳои техникиро низ ҳимоя мекардааст. Ҳамин тавр не, Савдо Қаландарович?

– Дуруст гуфтед, муҳтарам вазир.

Вазир каме нафасашро рост карда, бо чеҳраи кушода ба Қаландари Савдо нигариста, суҳбатро боз идома дод:

– Оиди ин ҳодисаи нанговар бо занам якҷоя духтарам Наимаро дар ҳалок шудани Мумтози Салим муттаҳам намудем. Аз ӯ қотеъона талаб кардем, ки бо дӯстони бадахлоқ ва шӯрапушташ алоқаашро якумрӣ канад, дар акси ҳол, ману модараш аз ӯ алоқаи падарӣ ва модариро меканем.

Ӯ ҳоло аз рафторҳои норавояш нисбати Орзу пушаймон аст. Аммо, чӣ суд, ки дигар оби рехтаро ҷамъ карда намешавад. Акнун ӯ ба модараш дар кори хона ёрӣ мерасонадагӣ

шуд. Аз ин лиҳоз фазои хона аз пештар дида, хубу дилкаш шудааст. Дигар бо мошини хизматии ман ба мактаб нарафта, балки пои пиёда ё бо мошинҳои мусофирбар рафтуомад мекардагӣ шудааст. Илова бар ин, гарчанде Орзу шарики якумриаш шуда натавонад ҳам, ба ҷавонмардиву дурандешии ӯ худаш ва дӯстони пешинааш қоиланд.

Савдо Қаландарович! Ба мардонагии Орзу рӯирост иқрор мешавам. Азобу истинтоқе, ки бо роҳбарии духтари ман нисбати ӯ раво диданд, агар ба кормандони шуъбаи корҳои дохилӣ хабар медод, ҳаёти даҳ-дувоздаҳ ҷавони гумроҳшудаи аз сад гул як гулашон нашукуфта дар паси панҷараи маҳбасҳо хазон шуда, рӯзашон сиёҳ мешуд. Ман чун падари яке аз ин роҳгумзадаҳо, ба Орзу албатта расонед, ки ба вазириам нигоҳ накарда дар наздаш сари таъзим фуруд меорам. Ба шумо ҳам, падаре, ки тавонистед чунин фарзанди банангу номусро ба воя расонед, – гуфт ва аз курсиаш хеста, ба зердасташ Қаландари Савдо таъзим баҷо овард.

Қаландари Савдо аз чунин рух гирифтани кор саросемавор аз ҷойи нишасташ хест ва қомати хами вазирро росткунон изҳори таассуф намуд:

– Муҳтарам вазир! Ин коратон зиёдатӣ буд. Чаро ба ман, ки аз пушти шумо соҳиби кор ва зиндагии хуб шудам, фарзандонамро хононда маълумотнок ва соҳибу касбу кор намуданам, ки ҳамааш аз кумак ва дастгириҳои шумоянд, сари таъзим фуруд овардед?

Акнун ҳамаи хубиҳои шуморо ба инобат гирифта ман дар назди шумо таъзим мекунам, – гуфта таъзим карданӣ буд, ки вазир ӯро аз ин иқдомаш манъ дошт. Ва ӯро яку якбора ба оғӯши худ кашид. Онҳо муддате чанд якдигарро дар оғӯши гарми хеш гирифтанд. Ва ба қавле, ғубори бадбинӣ ва душманиии дар дилашон маконгирифтаро шуста, тоза намуданд.

* * *

**П**ас аз орому сокит шудани воқеъаҳои нангини рухдода, Игор ба Наима зуд-зуд занг мезадагӣ шуд.

Рӯзе онҳо пас, аз фарҷоми дарсҳояшон, ки Игор дар Донишгоҳи варзишӣ ва Наима дар Донишгоҳи тиббии пойтахт донишҷӯёни соли сеюм ба шумор мерафтанд, бо маслиҳати пешакӣ бо ҳам вохӯрданд.



Онҳо бо роҳи пиёдагард суҳбаткунон ба назди фаввораи

дар шафати меҳмонхонаи «Вахш» буда расида, дар нишастгоҳи чӯбине зери дарати калони серсоя, бари ҳам нишаста суҳбатшонро идома доданд.

Бо торикшавии рӯз чароғҳои барқӣ фурӯзон шуда, гирду атрофро равшан намуд. Оби фаввора хеле баланд баромада, сипас пошхӯрон дохили ҳавз мешорид. Насими андак-андак вазидаистода бо шамолу заррачаҳои хурди оби фаввора омезиш ёфта, гирду атрофро нам ва салқин менамуд. Ва гоҳ-гоҳе ба сару рӯ ва тани ду ҷавони бо ҳам суҳбат ороста пошхӯрон, таспи баданашонро мерабуд.

Игор ба мӯйҳои ҷингила, чашмони ғизолӣ, абрӯвони камонӣ, лабони чун ақиқ хурду зебо ва ғабғаби каме барҷаста ва қомати шамшодии Наимабону нигоҳ карда, дунёи ишқу ошиқии ҷавониаш, оҳиста-оҳиста чун гулҳои наврустаи баҳорӣ рӯ мезад. Акнун ҳини суҳбат бо Наимабону дилаш дар сандуқи синааш беқарор ва овозу дастонаш, меларзидагӣ шуданд. Наимабону магар чизеро эҳсос намуд, ки бо табассуми зебо ва чашмони ин лаҳза хуморшудааш аз Игор пурсид:

– Ҳа? Ба ту чӣ шуд? Як ҷавони ҳузраби чор кас медидагӣ дар назди як духтари мушти пар тамоми вуҷудатро ларза фарогир шуда, бо забони гирифта ҳарф мезанӣ?

Игор дасти зебои духтарро бо дасти пурқувваташ дошта истода, беихтиёр изҳори муҳаббат намуд:

– Охи, дус-т-т ме-до-рм, На-и-ма-ҷон!

Наимабону аз муҳаббат ва дӯстдории Игор нисбати худаш бармаҳал пай бурда бошад ҳам, худро ба нодонӣ мезад. Чунки шарики ҳаётиаш Орзуро интихоб карда буд. Ва ҳарчанд ӯ бо Орзу, чун ҷавони лаёқатманди ояндадор издивоҷ карданӣ буд, вале дар кунҷи дили кӯчакаш ишқи Игор гоҳ-гоҳ фурӯзон шуда, ӯро ба ҷаҳони орзуву хаёлҳои ширин, ҷониби ӯ раҳнамун месохт. Аммо, сабр ва тоқатро ихтиёр карда буду халос. Ӯ дар нигоҳаш ин эҳсосотро хаёлҳои рангини ҷавонӣ пиндошта буд. Ва лаҳзае, ки ба ёдаш мерасид, кӯшиш ба харҷ медод, ки фаромӯшаш кунад.

Инак, шуълаи умеди дар кунҷи дилаш буда фурӯзон,

чеҳраи зебояш зеботар, нури чашмони ҷодуяш равшантар, тапиши дили кӯчакаш ба тапиши дили бузурги Игор ҳамоҳанг шуда, ба дунёи зебои ишқи ҷавонӣ раҳ пӯйида худро дар оғӯши гарми ҷавони паҳлавонҷусса ҷо намуд.

Ҷавон гоҳе аз лаб ва гоҳе аз гунаҳои зебо ва гоҳе аз гесувони атромези духтар бӯсаҳои нарму гарми асалин меситонид. Ва ҳар гоҳе, ки дар ин дунёи зебову рангини ишқварзӣ ноаён фурӯ мерафтанд, шаббода ва заррачаҳои оби фаввора онҳоро ба худ меовард. То ки аз чашидани меваи ишқу ошиқӣ лаззат бардоштану баҳраманд шуданашонро эҳсос намуда, бо нигоҳи нарму умедбахш ва самимӣ меҳрашонро дар қалби якдигар қавитар гардонанд.

* * *

**Қ**аландари Савдо хабари нохушро дар бораи писараш Орзу шунида, баҳс ва мунозираи байнашон шуда ва аз хона рондани ӯро аз хотири духтари вазир-Паҳлавони Далер фаромӯш карда, ҷониби беморхона, бо дили ғамгин ва пурҳарос роҳ пеш гирифт. Ҳине ки назди фарзандаш Орзу нишаста, ҳолу аҳволи ӯро бо чашмони худаш дид, ҷисму ҷонаш ба сӯзиш даромад. Охир, сару рӯяш варамида, пилки чашмонаш сиёҳ ва рангу рӯяш низ зард шуда буданд, ки ба Орзуи зебоандом монандӣ надошт. Ӯро гиря гулӯгир намуд. Орзу ин ҳолати падарро дида, бо овози хаста ва каме шунаво:

– Падарҷон! Бисёр ғам нахӯред! Худо хоҳад, ҳамааш хуб мешавад, – гуфт ва боз илова намуд:

– Хоҳиш мекунам, оид ба ҳодисаи бо ман рухдода ба идораҳои танобкаш муроҷиат накунед, ки кор беҳтар нею бадтар мешавад. Худам ҳамаашро медонам ва чӣ гуна рафтор карданамро баътар ба шумо фаҳмонда медиҳам. Ҳанӯз суҳбаташонро ба итмом нарасонида, духтури навбатдор бо сӯзандорӯҳояш наздашон ҳозир шуд ва аз падари Орзу хоҳиш кард:

– Суҳбати имрӯзаатон кифоя будагист. Ба ӯ дору рехтан лозим.

Падар бо фарзандаш худоҳофизӣ намуд ва аз дар берун

шуд.

Рӯзе, ки ба ҷони Ҳавас сӯйиқасд карда буданд, Қаландари Савдо ба шуъбаи корҳои дохилии шаҳр рафта, пас аз анҷоми тафтишоти онрӯза Ҳавас ва Орзуро бо мошини хизматиаш савор кард. Ӯ аввал Ҳавасро дар назди хонаашон аз мошин фаровард. Сипас Орзуро, ки дар хонаи холааш мезист, он ҷо набурд. Ва баръакс, мошинро ҷониби хонаи худаш ронд. Ин амали Қаландари Савдо аз он шаҳодат медод, ки ӯ ба ҳалли масъалаҳои байни Наима ва Орзу, ки аз ин пеш дуруст сарфаҳм нарафта, фарзандашро беасос аз хона ронда буд, акнун бо меҳрубонию ғамхорӣ айбу гуноҳашро шустан мехост.

Баъди ба итмом расонидани санҷишу тафтишот ва сӯйиқасди бар ҷони Ҳавас ташкилкардашуда ва садамаи нақлиётии рӯхдода байни ронандаи мотосикл ва ронандаи мошинаи сабукрав, ки дар натиҷа дӯсти Наима, Баха бо ин дунёи ҳастӣ падруд гуфта буд, Ҳавас ва ронандаи мошини сабукравро аз тафтишот озод намуда, ҷавоб доданд.

Шабе пас аз хӯроки шом Қаландари Савдо бо писараш Орзу ҳамсуҳбат шуд:

– Писарам! Дар урфият «Ал-ваъдаву дайн»-гуфтаанд. Акнун фурсати он расидааст, ки сӯйиқасди бар ҷонат карда – шударо ба ман қисса кунӣ.

Орзу каме ба фикр фурӯ рафт. Сипас оромона ба чеҳраи падар нигариста, хоҳишкунон ва таъкидкунон ба нақл оғоз намуд.

– Падар хоҳишатонро ба ҷо меорам. Аммо, бо як шарт. Он чизе, ки аз ман мешунавӣ, на танҳо ба модарам, балки ба куртаи танаатон нақл намекунед!

Падар бо шунидани чунин хоҳиш ва таҳкидҳои писар ҳайратзада шуда бошад ҳам, хоҳишашро қабул намуд.

Пас аз шунидани қиссаи пур аз ҷабр ва вахшонияти асримиёнагӣ ашки чашмони падар беист бари гунаҳояш ҷорӣ шуданд. Ӯ барои бовар намудан ба чунин кирдорҳои нангин аз Орзу бо овози хаста ва ларзон суол намуд:

– Писарам! Ба ростӣ, ки ин худобехабарҳо ба даҳонат як шиша арақро ботамом рехтанд?

– Бале, падар! Зиёда аз ин, Игор, ки варзишгари беҳтарин дар ҷодаи муштзанӣ мебошад, бо зарбаҳои ҷонкоҳаш аввал ба сарам зада маро қариб беҳуш намуд, сипас ду қабурғаамро шикаст. Илова бар ин, дар гарданам зарфи маводи сӯхтдорро овехтанд.

– Зарфи маводи сӯхтдоштаро чаро дар гарданат овезон намуданд?

– Агар онҳо пагоҳӣ пеш аз ҷорӯбкашони боғ меомаданд ва ҳини пурсиш ва истинтоқи навбатиашон розигиамро барои ба занӣ гирифтани Наима намедодам, бо ҳамон маводи сӯхти дар зарфи плассмасӣ буда маро оташ мезаданд.

– Э, Худо ҷазоятонро диҳад! Худобехабарҳоро-е! Ин тавр ки бошад, ин ҳайвони Игорро ҳатман ба дасти ҳимоятгарони қонун супоридан лозим аст. Охир, пеши роҳи ин гуна ҷавонони ваҳшигаштаро мо одамони солимақл нагирем, кӣ мегирад? О, ҳамин, нодидагирифтанҳоямон худаш гуноҳи азим аст, писарам. Онҳо ба ин кирдори ғайриинсониашон одат карда, боз сари даҳҳо ҷавонони дигарро хӯрда, садҳо ва зиёда аз ин инсонҳои бегуноҳро якумрӣ маъюбу маслуқ мекунанд.

Падар ашки чашмонашро поккунон, ҷониби фарзанди ҷабрдидааш нигариста, норозигиашро идома дод:

– Орзу! Писарам, ту ба ман кор нагир! Худи ҳозир рафта ба шуъбаи корҳои дохилии шаҳр хабар медиҳам, то ин ки пеши роҳи ин набакорро гиранд. Ба гумонам ҳоло ҳам дер нашудааст.

Орзу аз чунин нийяти падар дар таҳлуқа афтода, илтиҷокунон аз ӯ хоҳиш намуд:

– Падарҷон! Охир, шумо пеш аз нақл карданам ваъда дода будед, ки ҳар гапе аз ман мешунавед, хапу хомӯш мемонед ва ба касе, ҳатто ба модарам намегӯед.

– Охир, аз ҳад зиёд, ин лаънатиҳо туро азобу шиканҷа додаанд!

– Падар! Сабрро ихтиёр кунед! Ҳамааш хуб мешавад.

Писар ба симои пур аз хаёлот ва коҳидаи падар андаке назаркунон:

– Ин падарлаънати гуфтагиат, яъне Игор, ҳини дар бе-

морхона буданам ба наздам омада буд.

– Хуш! Хуш! Давомаш.

– Давомаш ин, ки ҳамаи кирдорҳои норавояшро нисбати ман ба хотири он кардааст, ки Наимаро дӯст медоштааст. Чунки ҳини бо ману Наима рӯ ба рӯ шуданаш ҳис мекардам, ки сӯям бо нафрат нигоҳ мекунад. Ҳарчанд дар дилаш ҳавас ва орзуи зиёдеро нисбати духтар парваридааст, аммо боре ҳам ба ӯ изҳори ишқу муҳабат накардааст.

– Оняндаи кор чӣ мешавад?

– Хуб мешавад, падар! Охир, ман Наимаро дӯст намедорам-ку! Марҳамат, акнун дӯст доштан гиранд. Илова бар ин, аз ман бахшиш пурсид. Ва боз ваъда дод, ки минбаъд ба чунин корҳои нангин ва ношоиста даст намезанад. Ҳаммаслаконашро низ, аз ин роҳи интихобкардаашон баргардондааст.

* * *

**Р**ӯзи дигар, пас аз наҳорӣ Қаландари Савдо каме ҳаял намуда, бо занаш Саодатбону суҳбати яклаҳзагӣ орост:

– Занак! Ҳарчанд вақтам камӣ мекунад, аммо бо ту як масъалаи хеле муҳимро маслиҳат карданӣ ҳастам.

– Хуш! Чӣ маслиҳат будаст? Канӣ, шунавем.

– Сари Орзуро ҷуфт карданамон лозим. Синну солаш ҳам ба ҷое расид. Дар баҳори умри бистуҳафтсолагиаш қадам мемонад.

Зан бо шунидани ин хушхабар хушнудона:

– Кори хубе мекунӣ мардак, – гуфта буд, ки чи хаёле ӯро маҷбур сохт, ки аз шавҳараш даъфатан пурсон шуд:

– Мардак!

– Лаббай.

– О, зан доданро гуфтӣ, лекин заншавандаашро не. Боз духтари вазират набошад? А?

– Занак! Ту чиҳо мегӯйӣ. Худат хуб медонӣ, ки писарамон Ҳавасро дӯст медорад, боз вақти қимати маро гирифта, аз ман чӣ мепурсӣ?

– Ин тавр бошад, кори хубе мекунӣ. Мегӯянд, ки агар ду дилдодаро аз ҳам ҷудо кунӣ, гуноҳ ва агар ба онҳо имкони як ҷо шуданро диҳӣ, савоб мегирӣ.

– Хайр, таърифу тавсифатро як сӯ гузор ва ба гапам гӯш кун!

Имрӯз хӯроки нимрӯзиро дар хона мехӯрам, то ин ки оид ба ин масъала муфассалтар маслиҳат кунем. Ҳоло баъди ба кор рафтанам, ба модари Ҳавас, Ҳалимабону занг зада гӯй, ки бегоҳии ҳамин рӯз бо мардакам ба хонаатон меоем. Ва зану шавҳари ҳамсояи дасти ростамонро низ огоҳ намо, ки бегоҳ бо мо ҳамроҳӣ кунанд. Ӯ дорро кушода истода, ҷониби занаш нидо кард:

– Ман рафтам! ва дарро аз қафояш пӯшида, сӯйи мошини хизматиаш, ки ронандааш, ӯро интизор буд, шитофт.

Модари Ҳавас, Ҳалимабону ва бародараш Нурулло бо шунидани хушхабар аз пайи тараддуд ва қабули меҳмонҳои қадрдонашон шуда, барои омода сохтани хӯроки шом тайёрӣ медиданд.

Бо садо додани занги дари хона, модари Ҳавас, Ҳалимабону ва аз қафояш писараш Нурулло ба истиқболашон баромаданд. Пас аз вохӯрию ҳолу аҳвол пурсидан, меҳмонҳоро ба хона хонданд:

– Э, хуш омадед! Хуш омадед! Ку, ана, ба ин хонаи калон гузаред!

Меҳмонон ва мизбонон гирдогирди мизи калони дарозшакле, ки болояшро пур аз нозу неъматҳои болаззат: обу нӯшокиҳо ва газакҳои ғизоноки хӯрданибоб ороста буданд, ба курсиҳои нарму мувофиқ нишастанд.

Падари Орзу, Қаландари Савдо барои тансиҳатию ободии ин хонадон ва дӯстиву барори корашон даст бар дуо бардошт ва ҳама баробараш омин гуфтанд.

Баъди хӯрдани хомшӯрбои болаззат, оши палав ва хӯришу нӯшокиҳо, Қаландари Савдо бо қудошавандааш, модари Ҳавас, Ҳалимабону гапашро пазонд. Акнун ҳама якдилона рӯзи тӯйи арӯсӣ ва домодии Орзуву Ҳавасро муайян намуданд.

* * *

**Б**о садои карнаю нақора, зумзуқ ва доира шаҳу арӯси хушқаду қомат, ки ин лаҳза ҷуфти кабутарҳои баландпарвозро мемонданд, қадамзанон ва хиромон, вориди кохи

бошукӯҳ шуданд. Ин ҷо хешу наздикон, ҳамкорон ва дӯстони даъватшуда гирди мизҳои пур аз нозу неъмат нишаста, суҳбат ороста буданд.

Аҳли зол бо хушнидӣ ва қарсакҳои бардавомашон, онҳоро истиқбол гирифта, ба хотирашон аз ҷой бархостанд.

Бо садои мусиқии дилнавоз ва сарояндагони мумтоз шаҳу арӯсро то ҷойи нишасташон рақскунон ва шодикунон, раҳнамун сохтанд.

Пас аз фурсате ровии сухандон ва хушгуфтор тантанаи бошукӯҳ, тӯйи арӯсу домодии ду дилдода, ду гули наврустаи баҳориеро, ки ба боду сардӣ, боронҳои шадид ва жолаҳои сахту сард тоб оварда, бо амри тақдир аз сахои ҷонбахши офтоби оламафрӯзи баҳорӣ аз нобудшавӣ эмин монданд, ки зебойи ва тароваташон имрӯз ин толори пуршукӯҳро мунаввар, табъи омадагонро болида намуданд, кушода, ҳамаро барои қадам ранҷа карданашон, хайрамақдам гуфт ва барои шикастани нон даъват намуд.

Баъди ҳар баромади нафарони ба дил наздики арӯсу домоди хуштолеъ бо садои мусиқии дилошӯб ва овозхонони хушсадо базми рақсу бозӣ толорро ба ларзиш даровард.

Пас аз суханронии падари Орзу вазири саноат Паҳлавони Далер барои ҷавонони хуштолеъро табрик ва таҳният гуфтан омода шуда буд, ки ғайричашмдошт Игор ва Наимабону бо дастагулҳои калон ва тару тоза, сару либосҳои шинам ва ба худашон зебанда, вориди зол шуданд. Онҳо назди арӯсу домод шудан замон, Наима дастаи гулашро ба Ҳавас ва Игор дастагулашро ба Орзу дод. Сипас Наима дар бари Ҳавас ва Игор дар бари Орзу чун дӯст ва ҳамроҳони арӯсу домод истода буданд, ки садойи қарсак ва нидоҳои «Офарин», баланд садо доданд. Дар чашмони падару модари Орзу ва ҳам модари Ҳавас ашк ҳалқа зад.

Ин ҳолат магар дили Паҳлавонни Далерро тасхир карда буд, ки аз хушнудӣ ва қаноатмандӣ вуҷудашро ҳаяҷони гуворое пахш карда, каме таввақуф карданро ихтиёр намуд. Ва баъд ба табрики арӯс ва домоди хуштолеъ шурӯъ намуд.

Пас аз шодбошӣ ва суханҳои рӯҳнавози дар ҳаққи арӯсу домод гуфтааш боз илова намуд:

– Гумон мекунам, ки тӯйи арӯсию домодии ин ду ҷавони бо ҳам муносиб ва дилдода дар ҷодаи интихоби ҷуфти худ намунаи хубе ба ҳама ҷавондухтарон ва ҷавонписарони Ватани биҳиштосоямон шуда метавонад.

Бигзор, ҷавонон аз ҳаёту рӯзгор ва кору пайкори Орзу барин ҷавони бонангу номус ва меҳнатдӯст дарси ибрат омӯзанд. Ва ҳамеша чун ӯ мардона рафтор кунанд. Пӯшида нест, ки ҳоло ҳам бархе аз ҷавонони сабукфикр ва бадахлоқ, даст ба ҷиноят ва корҳои ношоям зада, боиси бадбахтии даҳҳо, садҳо ва аз ин ҳам зиёди мардуми осоишта мегарданд. Аз Парвардигори Карим орзуи онро дорам, ки дар диёри ҳамешабаҳори мо тинҷиву амонӣ, серию пурӣ, нишот ва сулҳу салоҳ доимо пойдор бошад. Тӯятон муборак, фарзандонам!



Садои қарсакҳои бардавом тамоми толорро пахш намуд.

Сипас сухан ба яке аз шахсиятҳои барӯманд ва шинохтаи ҷумҳурӣ, доктори илмҳои техникӣ, омӯзгори Донишгоҳи олии техникии шаҳри Душанбе, роҳбари кори илмии Орзу

Қаландар, Мадад Ҷомӣ дода шуд:

– Салому дуруди бепоён ба аҳли нишаст, падарон ва модарони гиромиқадр, арӯсу домод. Ман чун омӯзгори донишгоҳи техникӣ аз он шодам ва шоҳиди онам, ки имрӯз ба шоҳроҳи зиндагӣ гомбардории шогирдам Орзуи Қаландарро мебинам. Орзу аз солҳои донишандӯзиаш ҷавони серталаб, заҳматкаш ва болаёқат ба чашм мерасид. Ин буд, ки пас аз хатми донишгоҳ ӯро ба ҳайси муаллими фанни дифои релегӣ пазируфтанд. Имрӯз ҷавонон имкониятҳои хеле зиёд доранд. Аз ин лиҳоз, омӯзанд, соҳиби касбу кор шаванд ва дар гулгулшукуфии Ватани азизамон саҳм гузоранд. Аз ин фурсати қулай истифода намуда, аз ҳамаи ҷавонон, духтарон ва мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистони азиз ва ба ҷон баробар, хоҳиш мекунам, ки Ватанамонро дӯст дорем ва обод кунем. Ва чи хеле, ки Президенти муҳтарамамон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳар баромадаш ба мардуми шарифи Тоҷикистон таъкид мекунад, сарзамини ободу озодро ба наслҳои оянда ба ёдгор монем.

Тавассути ҷаҳду талошҳо, корнамоиҳои қаҳрамононаи ҳаррӯзаи Пешвоямон дар мамлакат роҳу нақбҳо, биноҳои истиқоматию истеҳсолӣ, мактабу беморхонаҳо, хонаҳои маъюбону осоишгоҳҳо, коххои варзишию донишкадаҳо, неругоҳҳои обии барқӣ ва садҳою ҳазорҳо иншотҳои дигар дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд.

Ба шумо ҷавонони хуштолеъ, ба Орзуву Ҳавас, аввало тани сиҳат, дар кору пайкоратон барор дар рӯзгоратон, нишоту хушнудии ҳаррӯзаро аз Яздони пок бахшатон таманно дорам. Ва ба модаре, ки Орзу барин фарзанди некро ба дунё овардааст, сари таъзим фуруд меорам.

Бо шунидани чунин суханони воло, аҳли толор бо нидоҳои: – «Офарин! Офарин!» аз ҷой бархостанд. Бо садои қарсаки бардавом ва пурмавҷ арӯсу домоди хуштолеъро ба хонаи умедашон гусел намуданд…

*04.11.2016*

## ФИРЕФТАШУДА
## (қисса)

Занги охирин дар мактаби ҳамагонӣ садо дод. Дар қатори дигар хатмкунандагони синфи ёздаҳ Ваҳоб низ, соҳиби номаи камол шуд. Роҳбари синф ҳамаи хатмкунандагони синфи ёздаҳро, барои мактабро бо баҳои хубу аъло хондан ва соҳиби номаи камол шуданашон табрик ва таҳният гуфт. Инчунин, барои ба донишкадаҳо дохил шудан ва касб омӯхтан ба онҳо барор ва комёбӣ орзу намуд. Сипас ҷониби толибилме, ки дар охири қатор местод, наздик шуд ва бо ӯ суҳбат оғоз кард:

– Ваҳоб! Навъе карда соҳиби номаи камол шудӣ. Лекин, бо баҳои сею чор мактаби миёнаро хатм кардӣ. Дар гумон аст, ки дар ягон донишгоҳ дохил шуда метавонӣ, ё не? Илова бар ин кирдорҳои норавоят ҳоло ҳам дар хуну пӯстат ҷой гирифтаанд.

Ҷавон бо шунидани суханони сарзанишомези устод худро дар назди ҳамсабақонаш ноҳинҷор ҳис кард, ки ба чашми ӯ густохона нигоҳкунон пурсид:

– Муаллим! Кирдор гуфта чиро дар назар доред?

– Кирдори нораво гуфта таккабурӣ, худписандӣ, аз худат хурду калонро ҳурмат накардан, бо ҳамсинфонат мудом munоқиша ва даст ба гиребон шудан, калонсолонро беэҳтиромӣ намудан, билохир сабақҳои додаи устодонро аз бар накарданро дар назар дорам. Акнун ба ҷавоби гирифтаат розӣ ҳастӣ?

– Муаллим, то ин дараҷа воҳима накунед-да! Дар мактаб ғайр аз ман бачаҳои дигар низ, ин гуфтаҳоятонро содир мекунанд. Вале пишаки онҳоро касе пишт намегӯяд. Чунки онҳо падарони сарватманд доранд, ки пуштибониашон мекунанд. Падари маъюб ва якпойи маро касе ба эътибор намегирад. Аз ин лиҳоз ба ман часпидед, ки часпидед.

– Касе, ки гунаҳгор аст, ҷазояшро зуд ё дер мегирад. Ту бошӣ ғами худатро хӯр! Оид ба рафтор ва кирдорат борҳо бо падару модарат суҳбат карда будем, аммо мебинам, ки онҳо ҳам ба дардат даво набахшидаанд. Ба ҳар ҳол, ҳамчун устод

бори вопасин ба ту мегӯям, рафтор ва кирдоратро дигар кун! Дар акси ҳол дар роҳу пайроҳи зиндагӣ пешпо мехӯрӣ.

– Кӯшиш мекунам, ки пешпо нахӯрам.

– Кушиш намо. Орзуи мо низ, ҳамин аст.

* * *

**Б**аъди тановули хӯроки наҳор Ваҳоб вориди хонаи хобаш шуд. Ӯ либоси варзишӣ, шим ва куртаашро аз ҷевон гирифт, баъд ҳамашро таҳ карда, ба дохили борхалтааш гузошт. Ҷавон бо борхалтааш аз дари хона берун шуданӣ буд, ки чашми падараш ба ӯ афтод. Мӯйсафеди каме дар ҳайрат монда, аз писараш пурсид:

– Ҳа? Ваҳоб! Дар дастат борхалта дорӣ? Ба ягон ҷо рафтанӣ ҳастӣ?

– Мехоҳам ба ягон донишкада дохил шавам.

– Ба кадом донишкада?

– Ҳоло намедонам. Ба шаҳри Душанбе, ки рафта расидам, он вақт ба кадом донишкада дохил шуданам низ, маълум мегардад.

– Охир, мегӯянд, ки бо баҳои се ва чор дар донишкадаҳо толибилмонро қабул намекунанд-ку?

– Ба ҳар ҳол бахтамро як санҷида диданам лозим, падар!

– Ба фикрат муқобил нестам, аммо шабатро дар куҷо рӯз мекунӣ?

– Дар куҷо мешуд? Дар хонаи амаам-да.

Холаи Шамсия бо шунидани суҳбати падару писар дарҳол наздашон ҳозир шуд. Ӯ ба суҳбаташон шомилшавон, аз писараш пурсид:

– Ваҳобҷон! Сафарҳо ба хайр?

– Хонданӣ меравам.

– Тавба, тавба. Бачаҳои ҳозира инқадар бемеҳр ва худписанд шудаанд. Ин тавр, ки буд, чаро маро огоҳ накардӣ? Бахшат кулча мепухтам, то дар ҷойи зистат азоб накашӣ.

– Модар, ғами худатро хӯр. Ба ман кор нагир. Илоҷи корамро худам меёбам.

Мӯйсафед нисбати модар беэҳтиромона гапзании фарзандашро шунида, риштаи суханро ба дасти худ гирифт:

– Очаҷонаш, аз тани Ваҳоб диққат накаш! Дар хонаи амааш Саодат зистан мехоҳад. Ӯ зани меҳрубон аст. Ваҳобро хор шудан намемонад, – гуфт ва ба писараш дуои сафар дод. Ҷавон бо волидайн худоҳофизӣ намуд ва роҳи шаҳри зебоманзар ва кӯҳанбунёди Душанберо пеш гирифт.

Ваҳоб ҳини ба шаҳр расидан ва ҷойи зисташро муайян намудан ба якчанд донишкада рафт ва ҳуҷҷат супориданӣ шуд. Аммо, аз паст будани савияи дониш ва муносибати дағалонааш бо шахсони мутасаддӣ, ӯро дар ягон донишгоҳи олӣ қабул накарданд. Танҳо ба ӯ маслиҳат доданд, ки бо чунин савияи дониш, эҳтимол дар ягон омӯзишгоҳ дохил шуда, касб омӯхта тавонад.

Ҷавон ба маслиҳатҳои додаи онҳо розӣ нашуд ва ба сайру гашти шаҳри зебоманзари Душанбе мароқ зоҳир кард.

Рӯзе ҳини сайру гашт, ӯ назди якчанд ҷавоне, ки онҳо бо ҳам суҳбат доштанд, наздик шуд ва аз онҳо пурсид:

– Аз шумо як гапро пурсам?

– Пурсидан гиред, – гуфт аз байнашон ҷавоне, ки риши кутоҳ ва дар сар кулоҳи сиёҳ дошт.

– Ба ман роҳи ягон толори варзиширо нишон медодед?

Бо шунидани матлаби ҷавон онҳо ба ҳамдигар маънидорона нигоҳ карданд. Сипас аз байнашон ҷавони тануманди ришдароз аз ӯ пурсид:

– Толор ба ту чӣ лозим?

– Машқ кардан мехоҳам.

– Чи гуна машқ?

– Машқи бадан. Сангбардорӣ. Ана боз гуштин ва бокс низ, ба ман маъқуланд.

Ҷавони ришдароз ба симои Ваҳоб бодиққат назар карда:

– Мо толор дорем. Розӣ бошӣ, бурда нишон медиҳем. Агар ба ту хуш ояд, метавонӣ бо мо якҷоя тамрин намоӣ.

Ваҳоб бе ягон мулоҳиза ва дудилагӣ ба пешниҳоди ҳамсуҳбаташ розӣ шуд ва хушҳолона:

– Ман розӣ, – гуфт.

– Модоме, ки розӣ бошед, рафтем, – гуфт ҷавони ришдароз ва онҳо якҷоя ҷониби биное, ки дар таххонааш толори машқкунӣ омода сохта буданд, раҳсипор шуданд.

* * *

**Р**ӯзе ҳангоми машқ ва тамрини навбатӣ ҷавони тандуманди ришдароз, ки роҳбарии гурӯҳро ба ӯҳда дошт, ба ҳаракати танбалона ва ноӯҳдабароёнаи Ваҳоб диққатдиҳон, сӯяш норозиёна овоз баровард:

– Э, сағираи қишлоқӣ! Ин ҷо хонаи очат нест, медонӣ? Машқ карданӣ бошӣ, кун! Нахоҳӣ, аз ин ҷо дафъ шав!

– Ака! Машқ карда истодаам-ку?

– Рӯта сиёҳ накун! Ба ҳарифат аз таги дил намечаспӣ.

– Қувватам ҳамин қадар аст, охир.

– Як моҳ шуд, ки нону намаки моро бало барин мехӯрӣ. Боз мегӯйи, ки қувват надорам. А? Лекин сағираи пурхӯр будӣ.

– Баройӣ нон ва намаки додаатон ташаккур.

– Бо ташаккури хушку холӣ хизматҳои моро барнамегардонӣ.

– Ака! Хайр, худат гӯй, чӣ кор кунам, ки шуморо хуш ояд.

– Худи ҳозир бо ман машқ мекунӣ. Ана баъд, гапе, ки дар дил дорам сонӣ ба ту мегӯям.

– Хуб шудааст. Ман розӣ.

– Ин тавр, ки бошад, ба ман ҳамла кун! Натарс! Тасаввур кун, ки ту ба рақиби қамқувватат қувваозмоӣ мекунӣ. Ҳамла кун, мегӯям!

Ҷавон, илоҷи дигар надошт. Ӯ бо тамоми қувваташ, бо ду даст, аз миёни ҷавони ришдароз дошт ва ӯро баланд бардошта пуштнокӣ болои замин афтонданӣ шуд. Аммо, ҳарифаш аз нияти ӯ огаҳӣ ёфт ва дарҳол бо ҳарду даст гулӯяшро фишурд. Ин ҳолат Ваҳоб нафасашро бароварда натавонист ва аз тангии ҷон дастонаш аз миёни устодаш кушода шуд. Устод ӯро пуштноки ба замин зер кард. Ваҳоб баъд аз гузаштани каме вақт ба худ омад ва аз ҷой хест. Ӯ ба симои ҷавони ришдароз бо ғазаб нигоҳ кард ва норозиёна:

– Наход, ки гӯштингирӣ ҳамин тавр бошад! А?

– Боз чӣ хел мешуд?

– Дар гӯштин одам ҳаромбозӣ намекунад, охир!

– Чӣ, ман ҳаромбозӣ кардам?

– О, аз тарси ба пушт афтиданат, бо ду даст гӯлуямро фишурдӣ-ку?

Ҷавонони дар толорбуда, ки ин ҳолат, машғули машқ буданд, бо шунидани суханони гилаомез ва худписандонаи ҷавони деҳотӣ наздаш ҳозир шуданд. Ва яке аз онҳо овоз баровард:

– Устод! Ин деҳотиро одобаша деҳ, ки бисёр забондароз метобад, – гуфта буд, ки ҷавони ришдароз бо мушт бар сари Ваҳоб чунон зад, ки ӯ калавида-калавида ба замин афтид. Дили устод, магар бо ин зарбаи задааш холӣ нашуда буд, ки бо зарбаи пойҳои боқувваташ сару тани ҷавонро ба кӯфтан даромад. Бо ҳар зарбаи задааш садои имдодталабона ва гӯшхароши ҷавони деҳотӣ толорро пахш мекард. Ҳине, ки ҷисмаш гулгун ва сараш беҳуш шуд, устодаш ӯро ба ҳоли худ гузошт.

Баъди ба худ омадани Ваҳоби ҷабрдида аз байнашон ҷавоне ба ӯ кумак намуд, то сару тани хуншорашро шуста пок намояд. Акнун ҳама чун пештара ҷамъ шуда, бо ҳам хӯроки шом мехӯрданд. Ҷавони деҳотӣ низ, ҳарфе назада, аз бими тарс хӯрок мехӯрд. Пас аз адои хӯрокхӯрӣ ҷавони ришдароз ба чеҳраи варамида ва қисман сиёҳу кабудшудаи Ваҳоб нигоҳи маънидоронае карда:

– Аз ин рӯз эътиборан дар гӯшат гир ва фаромӯш масоз, ки мо барои кори хайреро ба анҷом расонидан дар ин ҷо бо ҳам машқ мекунем. Ба гуфтаам сарфаҳм рафтӣ?

Ваҳоб, баъди каме ба фикр фурӯ рафтан бо мулоиматӣ овоз баровард:

– Не. Сарфаҳм нарафтам.

– Ту чӣ аз воқеъаҳои ҷаҳон огаҳӣ надорӣ?

– Воқеаҳо бисёранд. Намедонам кадомашро дар назар дорӣ?

– Аблаҳ! Ташкили давлати исломиро дар назар дорам!

– Ин гапҳоро шунидаам.

– Шунида бошӣ, тайёриатро бин! Машқу тамринатро мувофиқи талаботи ман ба ҷо меорӣ! Фаҳмидӣ?

– Не нафаҳмидам. Вале фаҳмидан мехоҳам.

– Ана ҳамин тавр. Агар гапамро фаҳмидан хоҳӣ ва ба

гуфтаҳоям амал намоӣ соҳиби пули калон, хонаву дари дак-каданг, мошин ва сарвати зиёд шавӣ.

– Майлаш, ба гуфтаҳоят амал мекунам. Вале хуб медонам, ки аз варзиш дар диёри мо касе сарватманд нашудааст. Пас, ман чӣ тавр соҳиби молу мулк мешудаам.

– Инро медонам. Маҳз барои ҳамин нияту мароми мо дигар аст.

– Ин тавр, ки бошад кушоду равшан гап занед.

– Мо барои барпо кардани давлати исломӣ, ба ҳимояи давлати Сурия ва Ироқи араб рафта, онро аз дасти душман озод мекунем. Акнун гапамро фаҳмидӣ?

– Гапатон фаҳмо, аммо ин корро карда наметавонам.

– Чаро наметавонӣ?

– Агар ман ба давлатҳои гуфтагиат равам, пас ҳоли падар ва модари пир ва барҷомондаам чӣ мешавад?

– Дар роҳи ҳақ ҷон бояд нисор кард. Мефаҳмӣ, галуи деҳотӣ? Агар аз хати кашидаам мебароӣ, чолу кампиратро ба ҷаҳанам мефиристам.

– Фикр карда мебароям, баъд хулосаамро ба шумо мегӯям.

– Фикратро зудтар ба ман иброз намо! Фаҳмо?

– Фаҳмо. Ба гуфтаат амал мекунам.

– Боз дониста мон, бо мо вохӯрданатро бо касе лаққида монӣ, аз ҷони ҷавонат умед накун!

– Ака! Мурданро ба зимма мегирам, аммо ин корро не.

* * *

**В**аҳоб рӯзи дигар бо иҷозати хоҷаи навпайдокардааш роҳи деҳаро пеш гирифт. Ҷавон дарвозаро кушода, вориди ҳавлӣ шудан замон, падари мӯйсафедашро дид, ки харашро қашоғӯ мекунад.

Падар бо дидани фарзандаш, қашоғӯи дасташро як сӯ гузошт ва хушҳолона ӯро пешвоз гирифт.

– А бача, мегум Ваҳобӣ?

– Бале, падар! Ба аёдататон омадам.

Мӯйсафед, писарашро оғӯшкунон, ҷониби завҷааш овоз баровард:

– Занак! Аз хона баро! Ваҳоб омад.

Кампири Шамсия бо шунидани хушхабар, дарҳол наздашон ҳозир шуд. Ӯ писари дербоз надидаашро оғӯшкунон, аз бари гунаҳояш бӯсид ва пурсид:

– Бачаяки яккаву ягонаам. Яку якбора куҷо шудӣ? Туро ёд кардем. Ману падаратро танҳо гузоштию ба шаҳр рафтӣ?

– Модар! Охир вақти дар хона нишастанам, паси сар шуд. Аз пайи беҳбудии зиндагӣ шуданам лозим.

Мӯйсафед ба сухани охирини писараш эътибор дода аз ӯ пурсид:

– Писарам, ту дар шаҳр кор мекунӣ, ё мехонӣ?

– Мехонам, падар!

– Пас чаро аз беҳбудии зиндагӣ гап мезанӣ.

– О, хонда соҳиби касбу кор, ки шудӣ, албатта дар ягон ҷо кор карда ризқу рӯзиатро меёбӣ-ку?

– Ана ин гапи дигар. Ин тавр, ки бошад, дар кадом донишкада дохил шудӣ?

– Гапатон дуруст баромад. Дар донишкадаҳои олӣ, ҳатто ҳуҷҷатҳоямро аз дастам нагирифтанд.

– Чаро?

– Мегӯянд, ки савияи донишат паст аст. Чунки ҳини хатми мактаби миёна аз бисёрии фанҳо баҳои се гирифтаам.

– Охир, оид ба ин гапи гуфтаат, туро огоҳ карда будам. Аммо, боварам накардӣ?

– Хайр, муаллимҳо ба ман баҳои хубу аъло надода бошанд, пас ман гунаҳгорам.

– Гапи беҳуда назан! Барои баҳои хубу аъло гирифтан, ба ту лозим буд, ки интизоматро дуруст ба роҳ мемондӣ, бо ҳамсинфонат мудом дастбагиребон намешудӣ, ба падару модарат дурӯғ намегуфтӣ, заҳмат кашида сабақҳои додаи устодонро аз бар карда, иззат ва эҳтиромашонро ба ҷо меовардӣ. Ва дониста мон, минбаъд ҳам ба якравию худписандиат хотима набахшӣ, ҳеҷ гоҳ ба мақсадат намерасӣ.

Модарро гарчанде суханҳои насиҳатомези мӯйсафед, нисбати фарзанди ноқобилаш, хушаш омада бошад ҳам, вале барои қаҳру ғазаби писарашро бедор накардан, аз шавҳараш хоҳиш кард:

– Э, шуд-е! Ба фикрам ба гапҳои гуфтаат сарфаҳм рафт. Минбаъд дар роҳи дуруст қадам мегузорад.

– Ана, бо ҳамин дилсӯзӣ ва тарафгириҳоят писаратро эрка кардӣ! Медонӣ дар урфият чӣ мегӯянд:

«Эрка балойи ҷон.»

Баъд ба симои коҳида ва сиёҳшудаи писараш назаркунон:

– Акнун ба ман гӯй, ки тайи зиёда аз чор моҳ дар шаҳр бо кадом кор машғул будӣ?

– Ба хондан машғул будам.

– Дар кадом донишкада?

– Дар омӯзишгоҳи варзишӣ.

– Муаллим шудан мехоҳӣ?

– Хоҳам, муаллим мешавам. Нахоҳам, варзишгар мешавам.

– Охир, ту муаллимонатро эҳтиром намекардӣ. Боз чӣ шуд, ки касби омӯзгориро интихоб намудӣ?

– Гуфтам-ку, нафорид, варзишгар мешавам.

– Дар омӯзишгоҳи гуфтагиат, магар донишҷӯёнро лату кӯб мекунанд?

– Не! Танҳо ба тамрин ва омӯхтани фанҳо шуғл меварзем.

– Ин тавр, ки бошад, пас чаро сару рӯят варамида, гирди чашмонат сиёҳ шудааст.

– Ҳини машқи бокс карданам дасти ҳарифам ба рӯям бархӯрд.

– Ба ҳар ҳол, худатро эҳтиёт кун. Ману модарат дар ҳаққат дуои нек мекунем. Лекин ҷони ширинат дар дасти худат.

– Кӯшиш мекунам.

– Агар ин тавр кунӣ, кори хуб мекунӣ. Боз як гапро аз ту пурсидан мехоҳам.

– Кадом гапро?

– Чаро бо телефони дастиат боре ҳам ба мо занг назадӣ? Мо занг мезанем, телефонат ҷавоб намедиҳад.

– Телефонам корношоям шуда буд.

– Бо телефони ягон ҳамсабақат бо мо алоқа мекардӣ. Аз ҳолу аҳволи якдигар огоҳ мешудем. Қалбамон ором мешуд.

Илова бар ин, аз Комиссариати ҳарбии ноҳия бахшат даъватнома оварданд.

– Даъватнома?

– Бале, даъватнома.

– Маро ба куҷо даъват мекунанд?

– Ба Комиссариати ҳарбии ноҳия. Дар он ҷо солимиатро ташхис намуда, баъд ба хизмати ҳарбӣ равон мекунанд.

Бо шунидани гуфтаҳои падар рангу рӯйи ҷавон канд ва бо нафрат эътироз баён кард:

– Кадом хизмат! Ман аз ягон кас қарздор нестам. Ҷӯраҳоям беҳуда дар шаҳр чашмамро накушодаанд. Ба ягон ҷо намеравам!

Аз ин тарзи баён ва эътирози ҷавон мӯйсафед дар таҳлуқа афтод ва илтиҷоомез аз ӯ хоҳиш кард:

– Писарам! Ту чиҳо гуфта истодаӣ? Охир, хизмати Модар-Ватанро танҳо ту ба ҷо намеорӣ. Садҳо ва ҳазорон ҷавонмардони ватанамон ба хизмати ҳарбӣ мераванд. Онҳо хизматро содиқона адо намуда, бо сари баланд ба хонаҳояшон бармегарданд.

– Падар! Агар миллионҳо одамон ба хизмат раванду оянд, аммо ман ин корро ба зимма намегирам. Вассалом!

Мӯйсафедро рафтори ноҷавонмардонаи писараш дар ҳайрат гузошт. Ӯ ба писараш наздиктар шуда, аз ӯ ҳоҳиш ва илтиҷо намуд:

– Ин тавр нагӯй, писарам. Маро назди шинос ва ҳамсояҳоямон сархам масоз! Беҳтараш, худи ҳозир даъватномаро гир ва ба Комиссариати ҳарбӣ рав! Дар акси ҳол, бо тамом шудани мӯҳлаташ, туро кофтуков карда зӯран ба хизмати ҳарбӣ мебаранд.

Бо шунидани суханони таҳдидомез ва насиҳатомези падар, ҷавон писхандзанон қалби мӯйсафедеро харошида ба хунукгуфторӣ даромад:

– Маро онҳо дастгир карда наметавонанд. Дар шаҳр ҷӯраҳоям ба ман машқҳое нишон додаанд, ки онаи зорашонро нишон медиҳам.

Мӯйсафеди аз чунин гапзании фарзанди ноқобилаш ба ҳаяҷон омада, дар таҳлука афтод ва сӯяш нигоҳкунон, гуфт:

– Писарҷонам! Ту чиҳо мегӯӣ? Ё шӯхӣ мекунӣ? Ҳа? Писарам аз ростӣ, ки гуфтаҳоят шӯхианд? Кадом ҷӯраҳо? Чӣ гуна машқҳо?

– Не! Ман шӯхӣ-мӯхӣ намекунам, ба хизмат ҳам намеравам.

Мӯйсафед, ки ин лаҳза аз ҳарфзаниҳои бокароҳат ва рафтори ношоистаи писараш мурғи тирхӯрдаеро мемонад, лангон-лангон аз ҳавлӣ ҷониби хонаи хобаш равон шуд.

Пиразани завҷааш, ки шоҳиди ин манзараи нохуш шуда буд, аз чунин рафтори ҷигарбандаш қалбаш ғамгин ва рӯҳаш озурда гардид. Ӯ ба чеҳраи писари ноқобилаш нигоҳи нафратомез намуд ва аз қафои шавҳараш вориди хонаи хобашон шуд.

Мӯйсафеди беҳанг ва бемадоршуда наъве карда болои кӯрпача нишаст ва такя ба девор зад. Завҷааш ба чеҳраи коҳидааш зеҳн монд ва дар чашмонаш ҳалқа задани оби чашмашро пайхас кард. Аммо, худро ба нодонӣ зад ва бо ӯ суҳбат оғоз намуд:

– Зиқ нашав, мардак! Ҳамааш мегузарад. Саломатиатро нигоҳ дор. Чизе, ки дар тақдирамон навишта шуда бошад, ҳамонро мебинем.

Аз ин тарзи гуфтор ва ҳарфзаниҳои завҷааш мӯйсафедро, магар лашкари қаҳру ғазаб, инону ихтиёрашро рабуда буд, ки яку якбора теғи нигоҳашро аз ӯ наканда бо тамоми қувваташ овозашро баланд кард:

Занак! Афсонагӯйииатро бас кун! Беҳуда дар урфият нагуфтаанд, ки: «Худкардаро даво нест». Фарзанди якка ва ягона гуфта, гуноҳҳои содиркардаашро бахшидем. Ӯро эрка намудем. Билохир, балои ҷони худ кардем.

Пиразан даргирии мӯйсафедро дида, ӯро ба таскин додан даромад:

– Хайр, чӣ шудааст. О, осмон омада ба замин нафаромадааст-ку? Бо ӯ боз кор мебарем, насиҳат ва тарбият мекунем, дидӣ, ки як ҷавони бофаҳму фаросат шуд.

– Дер шуд, мегӯям! Вақте, ки муаллимонаш ҳини дар мактаб хонданаш аз кирдорҳои норавояш шикоят мекарданд, тарафашро намегирифтию ӯро эркаи хона намекардӣ,

ба ин дараҷа омада намерасид. Акнун инону ихтиёраш дар дасти худаш. Дигар ба насиҳат ва таъкидҳои мо муҳтоҷ нест.

– Чӣ илоҷ, мардакҷон. Ба ҳар ҳол «Банда бо умед», – гуфтаанд.

– Бале. Мо низ умед баста будем, ки дар пиронсолиамон писарамон асои дастамон мешавад. Вале баръакс, балои ҷонамон шуд.

* * *

**С**убҳидам тақ-тақи дарвозаи бобои Сабур баланд шуд, сипас овози шахси ношиносе шунида шуд:

– Бобои Сабур! О, бобои Сабур!

Мӯйсафеди тахминан ҳафтоду панҷ ҳаштодсола, ки баъди гузоштани намози бомдод бо завҷааш, наҳорӣ мехӯрд, дар ҷавоб овоз баровард:

– Лаббай! Омадам…

Бобои Сабур лангон-лангон ҷониби дарвоза равон шуд. Ӯ дарвозаро кушод ва дар рӯ ба рӯяш ду нафар низомии барояш шиносро дид. Онҳо тахминан се ҳафта пеш, барои писараш даъватнома оварда буданд.

Мӯйсафед, аввал ба онҳо салом дод, сипас ба хонааш хонд. Вале онҳо серкориашонро баҳона карданд ва аз ӯ пурсиданд:

– Падар! Ба мо ваъда дода будӣ, ки писаратро ба Комиссариати ҳарби мефиристӣ, мутаасифона наомад. Инак маротибаи дувум барояш даъватнома овардем.

Мӯйсафеди ин дам дар таҳлуқамонда, ба пурсиши марди низомии аз ҳамроҳаш дар синну сол калонсолбуда, ба зудӣ посух дода натавонист. Чунки ин лаҳза суҳбати дирӯз бо писараш кардааш ба ёдаш расид. Ноҷавонмардии фарзанд, аз дирӯз пайкари хамидаашро хамтар ва қалби озурдаашро озурдатар карда буд. Виҷдонаш ба кирдори норавои фарзанди яккаву ягонааш тоб наовард ва ба овози каме гирифта:

– Ӯ дар ҳамин ҷост.

– Чӣ гуфтед, падар!

– Писарам дирӯз аз шаҳр баргашт.

– Ин тавр, ки бошад, ҳатман ӯро диданамон лозим аст. Ҳоло дар куҷост?

– Бо сару рӯйӣ варамида то ҳанӯз зери курпа хобидааст.

– Падар! Аз мо наранҷед. Мо ӯро дошта ба Комиссариати ҳарбӣ мебарем.

– Ба фикратон муқобил нестам. Фақат ӯро лату кӯб накунед, ки модараш ба ин кор тоб оварда наметавонад.

– Аз худаш вобаста аст. Муқобилият нишон надиҳад ба ӯ кор намегирем, – гуфт ва аз мӯйсафед хоҳиш кард:

– Шумо пеш дароед! Мо аз қафоят якҷоя ба наздаш меравем. Мӯйсафед ва шахсони низомӣ вориди хонаи хоби ҷавон шуданд. Онҳо ба ҳақ будани суханони мӯйсафед бовар карданд. Низомии рутбаи лейтинати калондошта ба ҳамроҳи прапоршикаш нигоҳи маънидоронае намуд ва аз соҳибхона хоҳиш кард:

– Шумо ӯро бедор кунед, беҳтар мешавад. Аз хоб бедор, ки шуд, сонӣ бо ӯ ҳамсуҳбат мешавем.

Мӯйсафед, курпаро аз болои сару тани ҷавони хобида оҳиста бардошт ва бо овози каме ларзон:

– Ваҳоб! Аз хоб хез! Меҳмонҳо омаданд!

– Чи гуфтӣ? Дар ин пагоҳӣ меҳмонҳо раҳгум заданд, ки ба хонаи мо омаданд? Ба ман халал нарасон! Хобидан мехоҳам, – гуфт ва бо кӯрпа сарашро пӯшонид.

Низомии калонсол аз муносибати дағалона ва ноэҳтиромонаи ҷавон нисбати мӯйсафеди солхӯрда дар ғазаб шуд ва дарҳол бо овози баланди садонок ба ӯ супориш дод:

– Канӣ, зуд аз ҷоят хез! Маҳмадоно!

Ҷавон бо шунидани садои овози ношинос ва дидани шахсони низомӣ каме дар ҳайрат монд. Ӯ худро ором вономуд кард ва бо дасташ чашмонашро ба молишдиҳӣ даромад. Баъд барқвор аз ҷойи хобаш ҷаҳид ва хост аз дар берун шавад. Аммо, мардони низомӣ зиракиро аз даст надода, дарҳол ӯро доштанд.

Низомиён ба ҷавони ноаҳл ва худписанд имкон доданд, ки сару либосашро ба бар кунад. Баъди бо волидайни пир ва

барҷомондааш худоҳофизӣ карданаш, ба дастонаш ҳалқаи қулфдор заданд ва ба мошин савор карда, ҷониби Комиссариати ҳарбии ноҳия равон шуданд.

Ин манзараи нохушро дида, оби дидагони чолу кампир бари гунаҳои серожангу зардшудаашон ба рехтан даромад. Мошин, оҳиста-оҳиста суръати ҳаракаташро зиёд мекард ва аз чашмони камнур ва бо мурури замон хирагаштаи чолу кампир нопадид гардиданд…

* * *

Дар шаҳр, аниқтараш дар толори варзишӣ, ҳамсабақонаш, омад-омади Ваҳобро мунтазирӣ мекашиданд. Охир, ӯ аз сардораш, ҳамагӣ се рӯз ҷавоб гирифта буд. Ва гуфта буд, ки рафта ба волидайни пир ва барҷомондааш кумак менамояд. Лекин аз рафтанаш як моҳ сипарӣ шуда бошад ҳам, аз ӯ дараке набуд.

Сабру тоқати ҷавони ришдароз, ки сардории гурӯҳро ба ӯҳда дошт, ба интиҳо расид. Ӯ ҷониби ҳамроҳонаш бо ғазаб нигоҳкунон супориш дод:

– Аз як моҳ зиёд шуд, ки аз ин худобехабари деҳотӣ дараке нест. Ба зодгоҳаш рафта, ӯро кобед! Дар зери замин бошад ҳам, ёфта меоред! Фаҳмидед!!!

– Хуб шудаст, сардор, – гуфт ҷавони миёнақади тануманди ришдор, ки муовинии ӯро ба ӯҳда дошт.

Бегоҳии ҳамон рӯз, ҳини говгум садои тақ-тақи дарвозаи бобои Сабур боз шунида шуд. Соҳибхона чароғи ҳавлиро дар дод ва сӯйи дарвоза равон шуд. Мӯйсафед дарвозаро кушод ва дар нимторикии шом, се нафар ҷавони тануманди ришдори дар сарҳояшон кулоҳи сиёҳпӯшидаро дид. Ӯ бо дидани ҷавонони ношинос дар ҳайрат монда бошад ҳам, худро ба даст гирифта:

– Бубахшед, шумоёнро нашинохтам.

Ҷавони миёнақади тануманди ришдор овоз равшан кард ва пурсид:

– Шумо падари Ваҳоб нестед?

– Бале. Ман падари Ваҳоб. Чаро, ӯро мепурсед? Ба ӯ ма-

гар ягон воқеъа шудааст?

– Не инашро намедонам. Вале ба ман гӯед, ки писаратон дар куҷост?

– Ҳини дар шаҳр буданаш аз Комиссариати ҳарбии ноҳия ба ӯ даъватнома оварда буданд, ки дар мӯҳлати нишондодашуда ба он ҷо ҳозир шавад. Мо ба ӯ чандин маротиба занг задем, вале ҷавоб надод, ки огоҳаш созем. Рӯзи дуюми аз шаҳр омаданаш кормандони Комиссариати ҳарбӣ субҳидам ӯро аз ҷои хобаш хезонда ба дастонаш қуфл зада бурданд.

Ҷавони миёнақади тануманд, ки ба гуфтаҳои мӯйсафед бесаброна гӯш медод, дар фарҷоми суханаш овоз баровард.

– Э, лаънатиҳо! Одамро аз хоб нофор карда, ба хизмат бурданд-е. Нобакорҳо!

Мӯйсафед аз чунин рафтори ҷавонони ришдори кулоҳбасар дар ҳайрат монда бошад ҳам, аммо аз тарс хомӯширо ихтиёр кард. Баъди каме ба худ омадан сӯяшон нигариста:

– Бачаҳо! Ваҳоб набошад, хонааш ҳаст. Марҳамат карда меҳмони мо шавед.

– Ташаккур. Вақти нишастан надорем, – гуфтанд ва бо соҳибхона худоҳофизӣ намуданд. Мӯйсафед дарро аз қафояшон пӯшид. Ӯ дарро аз дарун баст ва ҳини ба қафо гаштан дид, ки завҷааш дар қафояш истода, дир-дир меларзад. Мӯйсафед ҳолу аҳволи ӯро дида, ба коҳишкунӣ даромад:

– Туро ба ин ҷо кӣ даъват кард? Дар хона шинӣ намешавад? Ҳеҷ гоҳ ба суҳбати мардон гӯш мадеҳ!

– Мардак! Баростӣ, ки башараи ин се ҷавони тануманди ришдор хушам наомад. Онҳо бо ту суҳбат мекарданд, аммо дар чашмашон кину адоватро пайхас намудам. Аз тарси он, ки ба сарат ягон балое наояд, тамоми вуҷудамро тарс зер кард.

– Аз афташ бало бар сари мо кайҳо омадааст, вале мо хабар надорем. Охир, ин тоифа одамонро дар шаҳр ва ноҳия ба осонӣ дидан мумкин аст. Инҳоро ҷавонони ифродгар мегӯянд. Онҳое, ки ба Сурия, Ироқ ва дигар давлатҳои мусулмонӣ рафта ба муқобили давлат мубориза мебаранд.

Ин гуна ашхос нону намак ва оби ватани худ, Тоҷикистони азиз ва ба ҷон баробари моро хӯрда калон шудаанд, вале аз кӯрдилию бесаводиашон мехоҳанд давлати исломӣ созмон диҳанд.Аз ин лиҳоз, мутмаинам, ки писарамон Ваҳоб низ, бо ин ашхос ҳамфикр ва ҳаммаслак шудааст. Ана, ин аст балои бар сарамон омада.

– Ба фикрам дуруст мегӯйи мардак. Аз ин мебарояд, ки сару руйи варамида ва сиёҳшудаи писарамон кори ин ҷавонони ба суроғаш омада мебошад.

– Бале, занак. Акнун ба гуфтаам сарфаҳм рафтӣ.

– Э, хонаатон сӯзад, номардҳо! Акнун, ҳоли писари бечораам чӣ мешуда бошад?

– Инашро вақт нишон медиҳад. Ҳоло ӯ дар хизмати ҳарбӣ қарор дорад. Хуб мешуд ба хона дароем. Боз ба ҷисму ҷонамон хунукӣ асар накунад, – гуфт мӯйсафед. Онҳо суҳбаткунон вориди хонаи хобашон шуданд.

* * *

**И**нак, пас аз ду соли адо намудани хизмати ҳарбӣ Ваҳоб роҳи зодгоҳашро пеш гирифт.

Падар ва модари барҷомондааш, тайи ду соли дар хона набудани фарзанди ягонаашон худро обу адо карданд, ки ба назар пир ва афгор менамуданд. Чун Ваҳоб вориди деҳа шуд, бачаҳои шӯхи деҳа ҳаёҳуйкунон ба ҳавлии бобои Сабур даромада, овоз бароварданд:

– Эҳе, бобои Сабур! Бибии Шамсия! Ба мо ҳадя диҳед! Писаратон Ваҳоб аз хизмати ҳарбӣ соқу саломат баргашт. Худи ҳозир ба наздатон ҳозир мешавад! Бобои Сабур аз Яздони пок шукургузорӣ намуда, аз дари хона ба саҳни ҳавлӣ, барои истиқболи ҷигарбанди яккаву ягонааш баромад.

Пиразан дар лаълӣ қанд ва шириниҳо оварда ба дасти бачаҳои деҳа барои хушхабар оварданашон ҳадя намуд. Пас аз лаҳзае Ваҳоб вориди ҳавлӣ шуд. Пирамард писари хушқаду коматашро дар либоси шинами ҳарбӣ дида, дарҳол ӯро оғӯшкунон ашки шодӣ рехт. Модари дар роҳи фарзанд чашмаш чоршуда низ ҷигарбадашро оғӯш намуд. Модар сар ва рӯи фарзандашро мебӯсид ва мебӯйид. Ва аз хурсандӣ

ашки шодӣ мерехт:

– Оҳ, бачаякам. Дар қаду қомати зебоят мурам-е. Хуш омадӣ, бачаҷонакам. Зиндагӣ барои моён бе ту маъное надорад. Худоҷон, писари якка ва ягонаамро аз чашми бадтинатон нигоҳ дор! Орзуи ягонаам ҳамин, ки дар ин айёми пириамон асои дастамон шавад.

Модар ҷигарбандашро баъди меҳрубониҳои зиёд, аз оғӯши гарми хеш раҳо намуд ва бо меҳрубонӣ:

– Канӣ, бачам, ба хона даро! Хаста ва гурусна метобӣ.

Писар ҳамроҳи модар вориди хонаи одаткардааш шуд.

Ҳамин минвол, шодии чол ва кампир тайи чанд ҳафта идома ёфт. Ва рӯзе мӯйсафед пас аз фикр ва андешарониҳои зиёд, хулосаашро ба ҳамсараш иброз намуд:

– Занак! Писарамон хизмати ҳарбиро ба итмом расонид. Соқу саломат ба хона баргашт. Акнун вазифаи мо волидайн аз он иборат аст, ки дур нарафта, аз деҳи худамон ягон духтари хушқаду қомат, тарбиятёфта ва меҳрубонро бахши писарамон хостгорӣ намоем. Албатта, дар ин кор хоҳиши ӯро низ ба инобат гирифтан лозим аст.

Кампир бо шунидани супориши марди хона каме хомӯширо ихтиёр кард. Баъд ба шавҳараш рӯ оварда, фикрашро иброз намуд:

– Гуфтаҳоят нисбати Ваҳоб ба ман ҳам мефорад, аммо…

– Ҳа? Боз чӣ, аммо-аммо дорӣ?

– Мардакҷон! Охир, ӯ акнун ба баҳори умри бистуяксолааш қадам гузошт.

– Баъд чӣ?

– Гуфтаниам, ки ӯ ҳамагӣ мактаби миёнаро хатм намуд ва ба хизмати ҳарбӣ даъват шуд. Ӯ ҳоло ягон касбу ҳунаре надорад, ки дар ягон ҷо кор кунад ва ризқу рӯзияшро дарёфт намояд. Илова бар ин, шиками худаш ва занашро сер, танашонро пӯшонида тавонад. Тайи чанд ҳафта аст, ки аз хона берун намебарояд. Агар ягон касбе медошт ва ба кор мебаромад, тарки хонанишинӣ мекард.

– Эҳ, занак! Бисёр пақ-пақ кардӣ-да. Касб надорад. Кор надорад. О, вақте ки ман туро ба занӣ гирифта будам, бе касбу кор будам-ку? Худо ризқамонро дод, аммо фарзанди

бисёр надод. Охир, ҳамагӣ писари ягонамон Ваҳоб зист ва халос. Дигаронаш аз тақдири бадамон фавтиданд.

Бобои Сабур ба чеҳраи коҳида ва ношоди завҷааш нигоҳкунон хомӯш монд. Баъди лаҳзае бо нармӣ ба ҳарфзанӣ даромад:

– Аввал, сарашро ҷуфт кунем, хотирамон, ки ҷамъ шуд, худаш дар бораи кор кардан ва як луқма нон ёфтан фикр мекардагист.

Кампири Шамсия гуфтаҳои шавҳарашро тасдиққунон, риштаи суханро ба дасти худ гирифт:

– Майлаш, мардак. Шумо сарвари хона. Ба ният ва орзуҳоят муқобил нестам. Фардо аз субҳидам то шом дар ҷӯстуҷӯйи келен мешавам. Дар деҳа чанде боз ду-се духтари қадраси нозанинро таги чашм кардаам. Худо розӣ шавад, ягон хушфеълаки меҳрубонакашро барои Ваҳобҷон интихоб мекунам.

* * *

**А**кнун тайи чанд рӯз ва ҳафтаҳо шуд, ки падар ва модари барҷомонда барои дарёфти келини арзанда заҳмат мекашиданд. Кампири Шамсия дари чанд ҳаққу ҳамсоя ва ҳамдеҳагони хешро кӯфт ва барои писараш келин кофт. Баъзеҳое, ки розӣ буданд, духтар ба кампир хуш наомад. Духтароне, ки ӯро хуш омада буд, волидайнашон бо сабаби эркагӣ ва бесарии писари кампир хоҳиши ӯро рад карданд.

Билохир, яке аз духтарони деҳро модар ва писар маъқул донистанд. Дере нагузашта садои дафу сурнай ва хониши ҳофизони тӯйгард деҳаро пахш кард ва тӯйи арӯсу домодии Ваҳоб ва Наргис баргузор гардид.

Рӯзҳои келиндории чолу кампир ва зану шавҳарии Ваҳобу Наргис ноаён паси сар мешуд. Тайи ин рӯзҳо хешу табори бобои Сабур ва завҷааш ба хотири келинбинӣ ба хонаашон бисёр меомадагӣ шуданд. Ҳаммаслакони шаҳрии Ваҳоб низ хоҳу нахоҳ ӯро хабар мегирифтанд.

Барои чолу кампир аз ҳама ҳайратовар он буд, ки ҷӯраҳои аз шаҳр омадаи Ваҳоб шабҳо дуру дароз оид ба ким кадом мавзӯъ суҳбат ороста, шабро рӯз мекарданд. Онҳо танҳо пас аз адои намози бомдод ба шаҳр бармегаш-

танд. Ба бобои Сабур махсусан меҳмонони ношиноси аз шаҳр омада тааҷубовар менамуданд. Охир, дар байнашон нафароне буданд, ки синну солашон гарчанде ба синну соли Ваҳоб баробар бошанд ҳам, аммо дар сар кулоҳи сиёҳ ва риши паҳну дароз доштанд, дар чашмонашон кину адоват ва бегонагиро пайхас намудан мушкил набуд. Ва ин башараи баъзе ҷӯраҳои писараш ба муйсафед беътасир намонд. Ӯро акнун ҳисси кунҷковӣ ва ҳаяҷони ғайри чашмдоште фаро гирифта буд. Дар фасли сармо ва ялдои зимистон аз меҳмоннавозии писараш хурду хӯрокаи бобои Сабур ба тамомӣ расида буд. Аҳли хонавода азоби гуруснагиро мекашидагӣ шуданд. Барои аҳли байтро аз азоби гуруснагӣ раҳонидан рӯзе бобои Сабур писараш Ваҳобро наздаш хонд ва ба ӯ дастур дод:

– Ваҳобҷон, писарам! Хӯрокаро ман ҳама шуда бахши худам ва кампири модарат, барои тирамоҳ ва зимистон захира карда будам. Азбаски келиндор ва меҳмондор шудем, хӯрока ба итмом расид. Нафақаи ночизи ман барои аҳли оилаамон камӣ мекунад. Бинобар ин хоҳишам аз ту ҳамин, ки дар ягон ҷо кор ёб ва ризқу рӯзиамонро таъмин намо. Дар акси ҳол, дар ин фасли сармо аз камғизогию гуруснагӣ бемор ва нобуд шуданамон аз эҳтимол дур нест.

Пас аз хоҳишу супоришҳои падари мӯйсафед ва солхӯрдаашро шунидан, ҷавон хандаи маънидоре намуда:

– Майлаш, хӯрокаи хонаро таъмин мекунам, вале шарт нест, ки дар ин хунукиҳои зимистон ҷойӣ кор кобам ва ба кор бароям!

Мӯйсафед аз ин тарзи баёни фарзанд ҳайратзада ба чеҳрааш назар афканд ва даъфатан фикрашро иброз кард:

– Писарам! Агар кор накунӣ, пулро аз куҷо меёбӣ?

– Ба ёфтани пул корат набошад. Кор мекунам, намекунам, шикаматро сер кунам, шуд-да.

Мӯйсафед ба хотири қаҳру ғазаби писарашро бедор насохтан даҳонашро аз пурсу пос баст ва бо мулоиматӣ:

– Хайр, ба дилакат, писарам, – гуфт.

Аммо ҳисси қунҷковӣ ӯро ором намегузошт. Рӯзе ҳини говгум панҷ-шаш нафар ҳаммаслакони Ваҳоб, ки мӯйсафед

онҳоро бори аввал медид, ҳамроҳи писараш вориди меҳмонхона шуданд. Меҳмонхона дар як гӯшаи ҳавлӣ, аз тарафи дасти чапи дарвоза ҷойгир буд. Баъди меҳмонҳоро зиёфат додан ва эҳтироми онҳоро ба ҷо овардани писараш, онҳо байни худ суҳбат оростанд. Акнун ҳини суҳбати онҳо гоҳ-гоҳ садои овози онон ба гӯши мӯйсафед мерасидагӣ шуд. Мӯйсафед аз хонаи хобаш берун шуд ва дар торикии шаб, оҳиста-оҳиста роҳ паймуд. Ва омада дар назди тирезаи меҳмонхона қарор гирифт. Акнун садои овози баҳс ва мунозираи онон ба гӯшаш баръало мерасид:

– Гӯш кун Ваҳоб! Ту ҳиллаву найрангатро як сӯ гузор. Пас аз як моҳ бо чор нафари дигар ба роҳ мебароӣ.

– Ба кадом роҳ?

– Э, худозада худатро ба нодонӣ назан! Ба куҷо рафтанатро худат хуб медонӣ. Боз аз ман мепурсӣ?

Гуфтам-ку аз Душанбе ба Маскав тариқи тайёра меравед. Дар шаҳри Маскав одамони мо ҳуҷҷатҳоятонро бахшатон тайёр мекунанд. То имконият пайдо кунед, ки аз он ҷо ба яке аз шаҳрҳои калони давлати араб Дубай парвоз карда тавонед. Ана баъд аз Дубай шуморо ба шаҳри Сурияи араб барои ҷангидан бо кофирон равон мекунанд. Зинда баргаштед, соҳиби пули калон ва молу мулк мешавед. Агар дар ҷанг ҳалок шудед, дарвозаи биҳишт ҳамоно ба рӯятон кушода мешавад. Акнун буду шуди гап板 бароят фаҳмо шуд?

– Фаҳмидам, сардор. Аммо, аз шумо як хоҳиш дорам.

– Боз чӣ хоҳиш дорӣ?

– Чолу кампир маро навакак зан доданд. Каме бо занам зиндагӣ кунам, баъд супоришатонро дарҳол ба иҷро мерасонам.

– Баҳонаҷӯиро кам кун! Ту лаънатӣ аз шайтон ҳам фиребгар будӣ, – гуфт яке аз онҳо. Ва чолокона аз ҷойи нишасташ хест ва бо пойи росташ кашидаву кушода ба пушташ шатта зад. Ҷавон ба зарбаи ҷонкоҳи пойи ҳаммаслакаш тоб наовард, ки садои овози имдодталабонааш баланд шуд. Бо шунидани овоз нафари дигаре хезакунон ба ӯ наздик шуда:

– Даматро гир! Дар акси ҳол чолу кампири барҷомондаатро ба хок супурда, баъд меравем.

Падар бо шунидани овози имдоталабонаи фарзадаш, хост наздашон дарояд ва ӯро ҳимоя кунад. Вале сухани нафари аз ҷойхеста қаҳру ғазабашро фурӯ нишонд. Ӯ худро ба даст гирифт ва ба давоми суҳбаташон гӯш андохт:

– Тайи ду-се сол шуд, ки бо ҳаргуна баҳонаҳо супориши аз боло додаро ба иҷро намерасонӣ? Кай, ба ин кирдори но-равоят хотима мебахшӣ?!

– Гуфтам-ку навакак зан гирифтам. Каме бо занам зиндагӣ кунам, ана баъд ман дар ихтиёри шумо. Охир, за-нам ба ҷойи ман хизмати чолу кампирро карданаш лозим, бародарҳо! Ӯро бо чолу кампир дӯст насозам намешавад!

Яке аз онҳо, ки дар сар кулоҳ ва риши паҳни мошу биринҷӣ дошт, ба ҳаммаслаконаш теғи нигоҳашро давони-да, ғазаболуд овоз баровард:

– Шуд! Ба ин ҳиллагар як бори дигар ба қавле «шанс» медиҳем. Бигзор гуфтаи худаш шавад! – гуфт. Ва дарҳол ҷониби ҷавон нигарист ва супориш дод:

– Майлаш, бо занат каме кайфу сафо кун! Аммо фаромӯш масоз, ки баъд аз як моҳ бе нею нестон супоришро ба иҷро мерасонӣ! Фаҳмидӣ? Маймуни найрангбоз.

– Сад ташаккур, ака! Пас аз як моҳ ман ғуломи шумо.

– Ту аллакай ғуломи мой! Лекин, барои овоза ва дарвоза нашудани корамон ба ту иҷозат додам, ки бо занат ҳама шуда як моҳ монию халос. Гуфтаамро ба гӯшат гир! – гуфт ва бо ҳамроҳонаш суҳбаташро идома дод:

– Субҳ фаро расида истодааст. Намози бомдодро дар ягон ҷойи дигар мегузорем. Боз одамони гирду атрофашон моро дида, гапу калоча накунанд.

Мӯйсафед бо шунидани сухани охирини ҳаммаслаки пи-сараш эҳтиёткорона худро аз назди тиреза канор гирифт ва ҷониби хонаи хобаш равон шуд.

* * *

**П**ас аз як моҳи сипаришудаи зангирии Ваҳоб ва ба мақсад расидани чолу кампир хурсандии онҳо дер давом накард. Ҷавон бо баҳонаи давом додани хондан дар омӯзишгоҳи варзишӣ ба шаҳри Душанбе рафт ва ба хона

дигар барнагашт.

Бобои Сабур бо мақсади дарёфти писараш ба шаҳри Душанбе сафар кард. Ӯ ҳарчанд дари чандин омӯзишгоҳҳои касбиро кӯфта, фарзандашро ҷустуҷӯ карда бошад ҳам, аммо муроди дилаш ҳосил нашуд. Мӯйсафед бо қалби шикаста ва қомати хамида ба деҳа баргашт. Чолу кампир акнун бовар карданд, ки писарашон бо он ҷавонони ифродгаре, ки ба хонаашон омада меҳмон шуда буданд, ҳамроҳӣ дорад. Ва мутмаинанд, ки писарашон бо онҳо якҷоя ба ҷанги Сурия рафта аст.

Бобои Сабур ва кампири Шамсия дар фикр ва андешаҳои фарзанди хеш бо қалби пурғаму андӯҳ, таъби хира ва чеҳраи коҳида рӯз аз рӯз солимӣ ва саломатиашонро аз даст дода, умри ширинашонро бо умеди дидори фарзанди ягонаашон паси сар мекарданд.

Келени ҷавон чун гулҳои наврустаи баҳорӣ, ки ҳанӯз ҳам муаттару қашанг ва дилрабо ба чашм мерасид, аз сад гули умраш то кунун яктояш ба хазонӣ нарасида, бармаҳал аз айшу нишот ва ишқу муҳаббати одамӣ маҳрум шуда буд. Ӯ бо чашми чор ва дидаи пуроб омад-омади шавҳарашро шаб ва рӯз интизорӣ мекашид. Ба ҳоли тифлаки дӯстрӯякаш мудом дилаш месӯхт. Аз қисмати талх нолаву афғон мекард, мегирист ва мегирист…

Муйсафедро бештар намоишномаҳое, ки тариқи ойинаи нилгун оид ба фирефта ва гумроҳ шудани як гурӯҳ ҷавонони шаҳру новоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ҳимояи ба ном «давлати исломӣ» ба давлатҳои Ироқ ва Сурия рафта, дар амалиёти ваҳшонияти асримиёнагӣ ба куштори одамони бегуноҳ даст мезаданд, қалбашро пурхун ва ҷисмашро хароб месохт.

Акнун ӯ мисли пештара ширинсухан ва зиндадил набуд, балки беҳолу мадор ба чашм мерасид.

Аз набудани писараш, гарчанде як моҳ сипарӣ шуда бошад ҳам, аммо аз ӯ пайғоме ҳам нагирифта буд. Ӯ чизеро пайхас кардагӣ барин, шабу рӯз дар баҳри фикр ва андешаҳои нохуш шино мекард ва азоби руҳӣ мекашид.

Рӯзе бобои Сабур бо аҳли хонавода сарҷамъ хӯроки шом

мехӯрданд. Ӯ ғайричашмдошт тариқи оинаи нилгун номи писарашро бо чанд ҷавони Тоҷикистонӣ, ки дар Сурия, барои ҳифзи ба ном «давлати исломӣ» ҷангида ва дар ин роҳ ҳалок шуда буданд, шунидан замон аз ҳуш рафт.

Нолаву фиғони кампири Шамсия ва Наргиси ноком бар афлок печид. Бобои Сабур, ки тӯли солиёни зиёд ба ҳамаи мушкилиҳои рӯзгор сабру тоқатро ихтиёр карда буд, дигар ба ин бенангӣ ва ноҷавонмардӣ, раҳгумзадагиву фирефтаи ифродгароёни тундарав ва нопок гардидани фарзадаш тоб наовард. Ӯ инону ихтиёрро аз даст дод ва ҷон ба ҷаббор супурд. Ва бо ҳазорон дарду алам бо ин дунёи нотинҷ ва пурмуаммо абадӣ падруд гуфт.

Кампири Шамсия чашмони шавҳарашро бо дасташ пӯшид ва бо қалби шикаста ба фиғон ва нолакунӣ даромад:

– Худоё! Ин чӣ рӯзи шумест, ки ба сари мо омад. Охир, гуноҳи мо чист, ки фарзанди ягонаамон аз дасти ифродгароёни нопоку ваҳшигашта ва бераҳму шафқат гумроҳ ва фирефта шуд. Чаро қурбони ҳадафҳои нопоки онҳо гардид. Шавҳари пир ва барҷомандаам, ки ягона такягоҳ ва қуввати дили мо буд, ба ин фоҷиаи нанговар тоб наовард. Ҳавасу орзуҳояш дар қалбаш монд ва бо ин дунёи ҳастӣ абадӣ падруд гуфт. Ҳоли келини чашмаш ба роҳи шавҳараш чор ва дӯстрӯяки ятимондааш чӣ мешуда бошад?

– Илоҳо, решаи ифродгароён ва террористони бераҳму ваҳшигашта аз рӯи замин канда ва сӯзонда шавад! Хоҳам, дасти шахсе, ки ба одамони бегуноҳ теғ мекашад, шикаста бод! Худоё, ба бандагони бегуноҳат раҳм ва шафқат намо!

Оҳу афғони кампири Шамсия ҳаққу ҳамсоягони ӯро вориди хонаи мотамзадааш сохт.

Дере нагузашта раиси ҷамоат ва хоҷагӣ, директори мактаби ҳамагонӣ, инчунин намояндаи Комиссариати ҳарбии ноҳия ва шахсони баруманди деҳа вориди хонаи бобои Сабур шуданд. Онҳо гулчанбари калонеро, ки гирдогирдаш лентаи сиёҳ печонида шуда буд, оварда наздаш гузоштанд. Дар лентаи сиёҳ бо ранги зард, ному насаб ва хизматҳои кардааш ба чашм мерасид. Раиси ҷамоат ба чеҳраи ғамгини ҳамдиёронаш назар кард ва ба сухангӯйӣ даромад:

– Рафиқон! Дӯстон ва наздикони бобои Сабур. Имрӯз мо шахси оддиро ба манзили охираташ гусел намекунем, балки шахсеро гусел карда истодаем, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо фашистони немис қаҳрамона ҷангида, як пояшро аз даст додаст. Ӯ баъди панҷ соли бо фашистони хонумонсӯз ҷангидан бо пойи сунъӣ, вале сари баланд ба ватан баргашт. Ин марди матинирода ва ба халқу меҳанаш дилсӯз ва содиқ шабу рӯз барои ободии диёр ва некуаҳволии мардум заҳмат кашида аст. Гарчанде ӯ вазифаи сармуҳосибии хоҷагиро ба ӯҳда дошт, аммо ба ин нигоҳ накарда дар тамоми кору бори хоҷагӣ ба мардум ёрии беғаразонаи хешро расонида аст. Ӯ дорандаи зиёда аз даҳ орден, нишон ва медалҳои ҷангӣ мебошад.

Бигзор ҷавонон аз кор ва рӯзгори чунин марди қаҳрамон ибрат гиранд. Боодоб бошанд, падар ва модари худро гиромӣ доранд. Хонанд, босавод ва соҳиби касбу ҳунар шаванд. Дар зиндагӣ ба касе муҳтоҷ нашаванд. Ба ватани азизамон, Тоҷикистони ба ҷон баробар содиқ монанд ва марзу бумашро чун гавҳараки чашм ҳифз намоянд.

Бобои Сабур ба умри қариб ҳаштодсолаи хеш нигоҳ накарда, ссаломатиаш хеле хуб ва марди давраоро буд. Аммо, ӯ аз дасти душман не, балки аз дасти фарзанди якраву гапнодаро ва худписандаш ҷон ба ҳақдор супурд. Ҳайфи чунин марде, ки аз нишоти зиндагӣ комаш ширин нашуда, балки бо даҳони талх ба макони абадиаш сафар мекунад. Рӯҳат шод ва манзили охиратат обод бод, дӯсти азиз!

Намояндаи Комиссариати ҳарбии ноҳия низ баъди ба фарҷом расидани нутқи раиси ҷамоат, риштаи суханро ба дасти хеш гирифт:

– Рафиқон, дӯстон ва ҳамдеҳагони гиромӣ! Имрӯз мо шахси муътабар ва бо нангу номуси диёрро барои иззат ва эҳтиромашро ба ҷо овардан, баҳри гуселаш дар хонааш ҷамъ омадем. Пайкари матини ӯро дар ҷанги хонумонсӯз душман шикаста натавонист, танҳо беномусии фарзандаш шикаста тавонист. Ӯ барои ба роҳи дуруст рафтани фарзанди яккаву ягонааш кӯшиши зиёде ба харҷ дода бошад ҳам, аммо ба мурод ва мақсадаш муваффақ нашуд.

Ваҳоб ҳини дар мактаби ҳамагонӣ хонданаш низ, устодонашро ҳурмат ва эҳтиром намекард. Сабақҳои додаи онҳоро аз бар намекард. Аз ин лиҳоз, ӯ як ҷавони бесаводи худписанд ва ҷоҳил ба воя расид. Ба ашхоси ифродгар ва бераҳму шафқат ҳамроҳ шуданаш маҳз аз бесаводии ӯ буд. Онҳо дар давлати бегона хонаҳоро ба хок яксон мекунанд, одамонро бедару куй месозанд, хуни садҳо ва ҳазорҳо пирону кудакони бегуноҳро мерезанд. Ҳатто ба падару модар ва зану фарзанди хеш раҳму шафқат надоранд. Магар ҳамин аст мусулмонӣ? Пас чунин давлате, ки онҳо созмон додан мехоҳанд, ба кӣ лозим аст?

Аз ҳамаи шумо падар ва модарони азиз, ҷавонон, хоҳиш мекунам, ки ҳушёр бошед. Бо чунин ашхос, ки боиси бадбахтии миллионҳо одамони сайёра гаштааст, бетарафӣ зоҳир накунед. Хурду бузурги давлатҳои мусулмонӣ рӯ ба аврупо овардаанд. Барои чӣ? Барои он, ки аз ҷабру зулм ва ваҳшонияти асримиёнагии ашхоси азхудрафта ва бераҳму шафқат дар амон бошанд.

Лаънат ба ҷавоне, ки ба ватан ва халқи худ хиёнат мекунад! Ин лаҳзаҳо, гарчанде лаҳзаҳои ташвиқот набошад ҳам, аммо аз ҳамаи шумо хоҳиш мекунам, ки бо фарзандонатон кор баред, онҳоро аз роҳи бад баргардонед! Ҳоло ҳам дер нашудааст.

Шумо ҷавонон аз ин рӯз эътиборан бо хоҳиши худатон, барои ҳифзи Ватан-модарро ба ҷо овардан ба Комиссариати ҳарбӣ ҳозир шавед!

Нидоҳои: «Барои хизмати Ватан омадаем», – аз байни ҷамъшудагон шунида шуд.

Бобои Сабурро ҳаққу ҳамсоягон, хешу табор ва наздиконаш, дар мазори деҳа ба хок супориданд. Аммо, дар мулки бегона, ҷасади тирхӯрда, лолагунгашта, бесоҳиб ва беқадри фарзандашро оё дӯстони ифродгарояш ба хок супурда бошанд?

* * *

*Силсилаи қиссаву ҳикояҳои китоби «Нурофарон» кору пайкор ва заҳматҳои кашидаи ҳаррӯзаи солҳои кории сарварон ва баркчиёни муассисаи Шабакаҳои барқии Кӯлобро дар бар мегирад.*

*Тӯли солҳои кориам, аз соли 1970 то соли 2011, банда дар вазифаҳои гуногун, аз муҳандиси калон то сардори умур ва аз соли 1991 то соли 2008 дар вазифаи муовини раиси муассиса ифои вазифа кардаам. Ва бо чаҳор нафар сарвари варзида, ки мутахасисони соҳаи энергетика буданд ва дар рушду нумуи соҳаи энергетикаи минтақаи Кӯлоб саҳми босазо гузоштаанд, пайваста кору фаъолият доштам. Ин шахсиятҳои барӯманд Ломакин Иван Петрович, Исмоилов Иброҳим Исмоилович, Абдулҳаев Хурсанбек Абдулҳаевич ва Исмоилов Мирзо Иброҳимович мебошанд.*

*Қиссаву ҳикояҳои китоби «Нурофарон» бештар ҳаёт ва фаъолияти кормандони муҳандисию техникӣ ва барқчиёни умури зеристгоҳҳои баландшиддати барқии 220/110/35/10-6 килловолта ва хатҳои баландшиддати интиқолдиҳандаи барқии 35-110-220 килловолтаро, ки сардории ин умурро ба ӯҳда доштам, дар бар мегирад. Инчунин дар китоб оид ба кормандоне, ки дар дигар шуъбаву умурҳо ва Шабакаҳои барқии ноҳиявӣ кору фаъолият кардаанд, сухан меравад. Аз ин лиҳоз, ҳикояҳои эҷодшуда воқеъӣ буда, бофтаву сохта нестанд.*

*Ҳини мутолиа ба хонандаи гиромиқадр аён мегардад, ки айёми боришот, сардиҳои зимистон ва гармиҳои тобистон барқчиён барои раъфи садамаҳо талошу ҷонбозиҳо намуда, истифодабарандагони минтақаи Кӯлобро бо неруи барқ таъмин намудаанд. Аз ин лиҳоз, ҳисси масъулиятшиносӣ, садоқат ба халқу Ватан ва қаҳрамониҳои барқчиёни муассисаи Шабакаҳои барқии Кӯлобро ба инобат гирифта, номи китобро «Нурофарон» гузоштам.*

*Қаҳрамонони асарро, ки имрӯз дар қайди ҳаёт нестанд, рӯҳашон шод ва хонаи охираташон обод бод!*

*Баҳри онҳое, ки дар қайди ҳаётанд аз Яздони пок солимӣ, тинҷиву амонӣ ва хонаи пур аз шоду нишот таманно дорам.*

*Муаллиф*

## МАРО БА КОР ДАЪВАТ НАМУДАНД

**Б**аъди хатми Донишгоҳи техникӣ, онвақта Донишгоҳи политехникии шаҳри Душанбе соли 1969 маро ба кор, ба Иттиҳодияи обёрикунии насосҳои обкаши «Уртабуз»-и Вазорати оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ноҳияи Фархор, ба ҳайси устои калони Иншоотҳои обкашии барқӣ таъйин намуданд. Пас аз якчанд моҳи кориам, худи ҳамон сол бо супориши раиси Ҳукумати ноҳия муҳандиси калони соҳаи барқи Иттиҳодияи кишоварзии ноҳияи Фархор таъйин шудам. Азбаски дӯстони ҳамсабақам, чун Қодиров Юсуф, Сулаймонов Карим ва Ваҳобов Боймуҳаммад (р.ш.б) дар Муассисаи Шабакаҳои барқии Кӯлоб кору фаъолият мекарданд, гоҳ-гоҳе дар вақтҳои бароям муносиб ба дидорбиниашон мерафтам.

Боре ҳини вохӯрии навбатӣ ва суҳбат оростанам бо дӯстонам дар лаби ҳавзи дохили муассиса нафари ба ман шиносе аз утоқи кориаш баромад. Ӯ роҳравон ба мо наздик шуда, салом дод. Даъфатан, саломашро алек гирифта будем, ки наздамон ҳозир шуд ва бо мо суҳбат орост. Пас аз каме суҳбат оростан, маро аз дӯстонам қадре дуртар бурда, ҳолу аҳвол пурсид:

– Ҳа, Муҳаммадқул?! Ҳоло дар куҷо кор мекунӣ?

– Дар ноҳияи Фархор.

– Бо кадом корҳо шуғл меварзӣ?

– Дар Иттиҳодияи кишоварзии ноҳия ба ҳайси муҳандиси калони барқи соҳаи кишоварзӣ кору фаъолият дорам.

– Ин тавр гӯй. Ба кори интихобкардаат муқобил нестам. Вале, хуб мешуд, ки дар муассисаи мо кору фаъолият мекардӣ.

– Бубахшед. Ба гуфтаатон сарфаҳм нарафтам. Фикратонро кушоду равшан мегуфтед, бароям фаҳмо мешуд.

– Ин ҷо ман ба ҳайси муовини раис кор мекунам. Шуъбаи нақлиёт ва сохтмони асосиро ба ӯҳда дорам. Агар хоҳишат бошад, бо ман якҷоя кор мекунӣ.

– Дуруст гуфтед. Вале донистан мехоҳам, ба ҳайси кӣ шуда кор мекунам.

– Ҳа, гапат дуруст. Худатро ба вазифаи муҳандиси калони сохтмони асосӣ ба кор қабул карда метавонам.

– Ана акнун, ба гуфтаатон сарфаҳм рафтам. Пешниҳодатон хушам омад, аммо аз як чиз танқисӣ мекашам.

– Рӯирост гӯед!

– Баъд, шабамро дар куҷо рӯз мекунам?

– Чӣ, магар дар шаҳр хешу табор надоред?

– Дорам. Дар хонаашон як шаб, ё душаб, хайр як ҳафта зиндагӣ мекунӣ, баъд ба дилат мезанад.

– Барои ба коре муваффақ шудан мубориза бояд бурд. Аз душвории рӯзгор тарсидан лозим нест. Хайр, як шаб – ним шаб бо рафиқонат зиндагӣ кун. Онҳо ҳамааш соҳиби хонаҳои дуҳуҷра ва сеҳуҷра шудаанд. Ба кор, ки омадӣ, нисбати худат ҳам ягон фикр мекунем.

Бо шунидани сухани охирини Хурсанд Абдулҳайзода хурсандиам ҳаду канор надошт ва хушнудона:

– Баростӣ, акаи Хурсанд маро шод кардӣ. Ин тавр, ки бошад, кай ба кор бароям?

– Рафта ҳуҷҷатҳоятро аз ҷойи кори аввалаат гир ва рӯзи душанбеи ҳафтаи оянда ба наздам даро!

Ҳамин тавр вохӯрии ман бо дӯстонам сабаб шуд ва ман аз диёри Фархори одаткарда ва дӯстдоштаам ба шаҳри куҳанбунёд, бостонӣ ва мардуми баору номусдошта ва сағирапарвар шомил шудам.

* * *

**Р**ӯзи душанбе пагоҳии барвақт вориди Муассисаи шабакаҳои барқии вилоятии Кӯлоб шудам. Баъди каме мунтазирӣ кашиданам, симои шиноси Хурсанд Абдулҳайзода ба чашмам расид. Ӯ аз маслиҳати панҷдақиқагӣ баромада, ҷониби утоқи кориаш меомад. Маро дида, хушнудона:

– Хуб ҳастӣ? Ба ваъда вафо кардан низ хислати хубест.

– Шумо хубед, раис?

– Ташаккур! Акнун биё ба утоқи кории ман даромада,

баъд суҳбатамонро идома медиҳем.

Пас аз дидани ҳуҷҷатҳоям оромона сӯям нигоҳкунон:

– Аризаатро навис ва имзоятро гузор. Сонӣ, якҷоя ба назди раис, Ломакин Иван Петрович меравем.

Чун вориди утоқи кории раис шудем, дар чашмам симои марди тануманди фарбеҳ, ки рӯи дарози аспмонанд, қошони ғафси сиёҳ, чашмони кабудчанамо ва пешонаи паҳни каме ожангдор, мӯйи сараш сиёҳи ба қафо шоназада ва қисман мошу бринҷшуда, лабони ғафсаш ба чашмам намудор гашт. Бо саломи додаи мо ӯ низ салом дод ва айнакашро аз чашмонаш гирифта истода, бо дасташ ба мо ишораи нишастан кард.

Хурсанд Абдулҳайзода маро ба ӯ муаррифӣ намуд. Ӯ баъди ба симоям синчакорона нигаристан, бо ҷиддият сӯи Хурсанд Абдулҳайзода нигариста:

– Бигзор дар электрикунонии минтақа кору фаъолият кунад.

Сипас ҷониби ман назар афканда:

– Ба ту барори кор мехоҳам.

Аз ин иқдоми неки раис ба ӯ арзи сипос намудам ва хушнудона аз утоқи кориаш берун шудам. Сипас ману Хурсанд Абдулҳайзода ҷониби утоқи кориаш раҳсипор шудем.

Ҷои садрнишинон, танзимгарон, утоқҳои кории кормандони муҳандисию техникӣ ва инчунин умури нақлиёт ва механизатсия дар бинои собиқ истгоҳи дизелӣ ҷойгир буд. То ба кор андохтани неругоҳҳои обии барқии «Сарбанд» ва «Шаршара» як қисми корхонаву ташкилотҳо, инҷунин қисме аз аҳолии шаҳр низ бо неруи аз «Дизел» истеҳсолшуда таъмин карда мешуд. Илова бар ин, бо қувваи неругоҳи хурде, ки дар гузари Чармгари Поён, ки «Поплавок» низ ном бурда мешуд, муштариёнро бо қадри имкон бо неруи барқ таъмин менамуданд. Баъди сохтмони хатҳои интиқолдиҳандаи барқии 35кВ ва баъдан 110кВ шаҳру навоҳии вилояти Кӯлоб аз неругоҳҳои обии барқии «Сарбанд», «Шаршара» ва баъдан «НБО»-и «Норак» бо неруи барқ таъмин карда мешуд. Аз ин лиҳоз, шароити кории

роҳбарият ва муҳандисону техникҳо ба талаботи рӯз ҷавобгӯ набуданд. Ин буд, ки Хурсанд Абдулҳайзода ва ман дар як утоқи кории кухна ва назарногире, ки ба талабот ҷавобгӯ набуд, кору фаъолият мекардем.

Он солҳо, яъне солҳои 1970-1975 ва баъдтар низ бисёр деҳу деҳкадаҳои баландкӯҳи ноҳияҳои собиқ вилояти Кӯлоб бо неруи барқ таъмин набуданд, яъне имкони сохтмони хатҳои барқии 0,4-6-10кВ ва зеристгоҳҳои 6-10/0,4кВ, шояд аз камии буҷаи давлатӣ бошад, ки то ҳанӯз ҳалли худро ба пуррагӣ наёфта буд.

Барои саросар бо неруи барқ таъмин намудани аҳолӣ дар шаҳри Кӯлоб то соли 1970 ва баъдтар аз он Иттиҳодияи сохтмонию васлгарии сохтмони барқи деҳот кору фаъолият мекард, ки вазифаи пудратчиро адо менамуд. Муассисаи шабакаҳои барқии Кӯлоб фармоишгари ин ташкилоти сохтмонӣ ба шумор мерафт.

Муовини раис, Хурсанд Абдулҳайзода ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба фармоишгари муассиса вобастабударо ба ман шиносонид ва вобаста намуд. Мувофиқи дастури додааш ҳуҷҷатҳои оид ба маблағгузории бонкиро низ мустақилона ба сомон расониданам лозим буд. Инчунин, нуқтаҳои пайвастшавии хатҳои интиқолдиҳадаи барқии навбунёдро муайян намудан, шартҳои техникиро бо онвақта Сарраёсати энергетикаи Тоҷикистон ва Институти лоиҳакашии деҳоти Тоҷикистон, ки дар назди Сарраёсат арзи вуҷуд дошт, пешниҳод мекардам. Инчунин лойиҳаҳои тайёршуда ва ба мо фиристодашударо аз ҷониби Сарраёсат дар асоси шартҳои техникии додаамон дида мебаромадем. Камбудиҳои ҷойдошта ва пешниҳодҳоямонро барои мукаммал ва амалӣ шудани ҳуҷҷатҳои лойиҳавию сметавӣ ба роҳбарияти онвақтаи Сарраёсат, ки баъдтар номи Ширкати саҳомию ҳолдингии кушодаи «Барқи тоҷик»-ро ба худ гирифт ва ба Институти лоиҳакашии деҳоти Тоҷикистон пешниҳод менамудем. Инчунин корҳои сохтмонию васлгарии иншоотҳои барқиро дар асоси лоиҳаҳои тасдиқшуда ба роҳ монда, рафти корҳоро санҷида, сипас ба санадҳои иҷроиши кори иҷрокунандагони

кор ва устоҳо имзо мегузоштам.

Баъди анҷоми корҳои сохтмонию васлгарии хатҳои интиқолдиҳандаи барқии 0,4-6-10кВ ва зеристгоҳҳои барқии 6-10/0,4кВ Комиссияи давлатӣ бо фармони раиси муассиса созмон дода мешуд. Ҳайати комиссия дар асоси фармони мазкур ба кор шурӯъ мекард. Комиссия корҳои ба анҷом расонидаи ҳар як иншооти сохташудаи барқиро ҳамаҷониба дида ва санҷида, баъди бо пуррагӣ ислоҳ кардани камбудиҳои ошкоршуда, барои пайваст намудан ба занҷири ягонаи энергетикӣ иҷозат медод. Ва ба мардуме, ки то кунун аз истифодаи неруи барқ маҳрум буданд, нурӯ сафо мебахшидем. Бо фурӯзон шудани чароғҳои барқӣ хурсандии мардум интиҳо надошт.

## НУРОФАРОНИ БОВАФО
### (қисса)

Охирҳои моҳи ноябри соли 1980 буд. Имрӯз охири ҳафтаи корӣ ба шумор мерафт. Аз субҳи барвақт осмонро абрҳои сиёҳ печонида, шамоли вазидаистода баргҳои зарди хазоншудаи дарахтонро мерезонд ва ба ҳар тараф пош медод. Баъди нисфирӯзӣ қатраҳои борон оҳиста-оҳиста рӯи замин ва дарахтонро бо шамоли аз пештара дида шиддатгирифта тар месохт. Навдаҳои дарахтон аз таъсири шамоли вазидаистода ба ларзиш ва хаму ростшавӣ даромаданд. Шамоли вазанда борони боридаистодаро ба ҳоли худ нагузошта, ба кадом тарафе, ки мевазид, ба ҳамон тараф пош медод. Ин авзои табиатро аз паси тирезаи утоқи кориам назорат карда истода, ба хаёл фурӯ рафтам:

« – Аз афташ барф меборад. Қисми дигари бачаҳо аз кор, ки баргаштанд, бо онҳо ҳатман суҳбат кардан лозим аст. Асбобу анҷоми кориро дар ҷойи худаш гузоранд. Асбобҳои санҷишӣ, ҳимоявӣ ва маводҳои заруриро пешакӣ омода созем, беҳтар мешавад. Ҳа? Аз ҳама муҳимаш, автомашинаи «ГАЗ-66»-ро, ки ҳам барои кор ва ҳам барои одамкашӣ қулай аст, бо бензин таъмин намуда, омода сохтан зарур

аст. Пагоҳ рӯзи истироҳатӣ ба шумор меравад. Бачаҳоро огоҳ созем, ки аз шаҳр баромада дур наравand…»

Ҳанӯз фикрониаамро ба анҷом нарасонида, садои занги телефонӣ ба хаёлотам хотима бахшид. Гӯшаки телефонро бардоштам, садои овози танзимгар ба гӯшам расид:

– Худойқулов! Танзимгар Боронов дар алоқа.

– Худойқулов дар алоқа. Гӯш мекунам.

– Танзимгарони ШСХК «Барқи тоҷик» моро огоҳ кунониданд, ки ҳамин шаб барф меборад. Тайёриатонро бинед! Охири алоқа.

– Саломат бошед. Охири алоқа.

Рӯз аз нисф гузашта буд. Ба соати дастиам нигаристам. Ақрабаки соат рақами чорро нишон дод. Дилам мехост, ки бачаҳо ҳарчӣ зудтар аз кор баргарданд? То ин ки омадагиамонро барои пагоҳ бинем. Аввалаш, Худо моро мададгор бошад ва дар кори мо ҳодисае ё садамае рух надиҳад. Вале бепарво будан ҳам хуб нест.

Баъди лаҳзае чанд садои мошини кормандони умур, ки аз кор бармегаштанд, ба гӯшам расид. Дарҳол аз ҷойи нишастам хеста ба истиқболашон баромада будам, ки Кишваров Аҳмад маро дида сӯям қадам зад. Пас аз вохӯрдӣ ӯ ба ман ахборот дод:

– Ҳамаи корҳо ба хубӣ анҷомид. Ба ғайр аз кашидани сими (тросс) ҳимоявӣ аз раъду барқ. Дар панҷ сутуни оҳанини дигар болои ҳар як шаддаи изоляторҳо панҷараи ҳимоявӣ аз парандагонро гузоштем.

– Бисёр хуб. Баъди лоқу лапаратонро дар анбор ҷо ба ҷо кардан, ҳамаатон ба наздам дароед:

– Майлаш, – гуфт ва назди бачаҳо рафт.

Ҳине ки ҳамаи кормандони умур дар наздам ҷамъ шуданд:

– Бачаҳо! Аз умури танзимгарон моро огоҳ сохтанд, ки имшаб барф меборидааст. Барои ҳамин, мо бояд омодагиамонро бинем, – гуфта будам, ки Холов Ғаффор овоз баровард:

– Худо кунад, ки барф наборад, он гоҳ камбудиҳои дар хонаамон бударо, албатта буд мекунем.

– Кошкӣ, ба гуфти худат шавад. Аммо, бадии кор боз дар он аст, ки пагоҳ рӯзи истироҳатӣ, яъне шанбе мебошад. Барои ҳамин, ба шарте шаб тинҷ гузарад ва моро ноороҳат насозанд, аз ҳамаатон хоҳиш мекунам, ки аз шаҳр дур наравед. Охир, худатон хуб медонед, ки барфи якум бисёр вазнин мегузарад. Ин дам овози бачаҳо шунида шуд:

– Рост мегӯйӣ, ин кор вазифаи мо мебошад. Кори моро дигарҳо ба ӯҳда намегиранд.

– Хуб. Ин тавр, ки бошад, – ба Кишваров рӯ овардам, – ҳозир рафта асбобу анҷомҳои лозимӣ, сим, изолятор, асбоби симтобдиҳӣ, зина, банд, қисмҳои эҳтиётӣ ва асбобҳои ченкунию ҳимояviро ҷо ба ҷо гузоред. Мабодо шаб хестанамон лозим шавад, кофтуков карда вақтро беҳуда нагузаронем. Ба ронанда Голштейн Иван Адамович нигариста:

– Рафта аз сардори умури нақлиёт ва механизатсия Мизробов Гулмад барои бензин ва автол иҷозат гир ва ба мошинат рез. Баъд бочкаи болои мошинро моломоли оби нӯшиданӣ кун!

Бачаҳо, акнун аз ҷой хеста, барои иҷрои маслиҳати кардаамон рафтанӣ буданд, ки барққори гурӯҳи чоруми бехатарӣ Салимов Наим, ки ҳам иҷрокунандаи кор ба шумор мерафт, овоз баровард:

– Бачаҳо, ман як таклиф дорам.

– Ҳама бо як овоз:

– Таклифатро бигӯй.

– Ҳар чанд ба мо мушкил афтад ҳам, биёед анҷомҳои кориамонро дар мошин бор кунем, баъд ба хонаҳоямон равем, кори хуб мешавад.

– Ин таклифи Салимов дили ҳамаи моро шод кард. Баъди ба анҷом расонидани корҳои ба нақша гирифтаамон, дар торикии шаб ва борони боридаистода ҷониби хонаҳоямон бо хавоси парешон раҳсипор шудем.

* * *

**Н**ими шаб занги хонаам садо дода будааст, ки завҷаам, маро такондиҳон:

– Аз ҷоят хез! Паси дар касе ҳаст, ки занг мезанад. – Ак-

нун ба суханони завҷаам сарфаҳм рафта будам, ки садои занги хона боз баланд ба садодиҳӣ даромад.

– Омадам! Ҳозир, – гӯён ба дар наздик шудам ва қуфли дарро кушодам. Дар рӯ ба рӯям барқчии навбатдорро, ки ҳама ӯро «муаллим», гуфта ном мебурданд, дидам. Барқчӣ дид, ки ҳанӯз аз хоб сер нашуда, худро наъве ба даст гирифта наздаш истодаам, дарҳол:

– Дар хати барқии 110кВ «Кӯлоб-Ховалинг» садама рух додаст.

Зуд ба худ омада, пурсидам:

– Кай хомӯш шудааст?

– Тақрибан ним соат пеш.

– Ҳм-м-м. Ин тавр, ки бошад, якҷоя меравем. Шумо дар мошинатон маро мунтазир шавед. Зуд либосҳоямро пӯшида меоям. Завҷаам, ки бо шабхезию ба кор рафтанам одат карда буд, ғур-ғуркунон либосҳоямро омода сохта истода:

– Ҳолу аҳвола бин. Ними шаб, аз хоби ширин хеста, бо шиками гуруснаву хоболуд, калавида-калавида ба кор равӣ будааст. Ҳамин ҳам кор шуду.

– Занак! Ба маънои гапат сарфаҳм нарафта, ҳарзагӯйи накун! Ҳоло садҳо ва ҳазорҳо хонаҳои одамон дар ин сардии зимистон бе қувваи барқ мондаанд. Ман накунам, ҳамкорам накунад, пас кӣ рафта нуқсонҳоро ёфта, таъмир карда, мардумро бо барқ таъмин мекунад?

Либосҳоямро пӯшида аз дар берун шуда будам, ки завҷаам овоз бароварда, маро боздошт: – Дар ин халта каме нон ва ҷурғот гузоштам. Имкон ёфтӣ, тановул бикун.

Халтачаи хӯрокдорро минатдорона аз дасташ гирифта, шитобон ба назди ронанда рафтам. Ва аз алоқаи «ратсия»-гии мошин ба навбатдор Боронов Сайдаҳмад занг зада:

– Рафиқ Боронов! Худойқулов дар алоқа.

– Ҳа? Худойқулов? Хуб ҳастӣ?

– Ташаккур. Ман Худойқулов.

– Ҳозир дар куҷоед?

– Аз хонаам баромада, роҳакӣ шудам. Вале ба худат гап дорам.

– Гаптро зуд бигӯй!

– Бо ҳамин мошин, як қисми коркунони умурро бо худ

гирифта, баъд ба муассиса бармегардам. Дар акси ҳол мо ба кашолакорӣ роҳ медиҳем.

– Майлаш! Ман розӣ. Лекин чаққонтар баргардед!

– Кӯшиш мекунам. Охири алоқа.

– Охири алоқа, – гуфт, навбатдор, Ва ман гӯшаки ратсияро дар ҷояш гузоштам. Ба ронанда рӯ оварда, – мошинатро тарафи хонаи Абдураҳмонов Файзалӣ рон! – гуфта супориш додам.

Ронанда дар паси дари дуқаббатаи тахтагин мошинашро нигоҳ дошта, хомӯш карда буд, ки аз паси дар садои ҷакиши саг ба гушамон расид. Ба дар нигариста:

– Муаллим, ҳардуямон ба назди дарвоза меравем. Барои эҳтиёт, ягон калид, ё оҳани дарозтаракро гир! Беҳуда нагуфтаанд, ки: «Эҳтиёт, ними ҳаёт.» Боз сагаш ногаҳон сӯямон ҳамла накунад?

Мо ба дар наздик шуда, дарро як-ду бор бо дастамон кӯфта будам, ки саг аз пештара дида овозашро баланд карда, ба ҷакидан даромад. Баъди каме нафасамро рост кардан, бо овози баланд:

– Файзалӣ! Файзалӣ! – гуфта будам, ки овози ӯ ба гӯшам расид, ки сагашро сиёсаткунон:

– Э, гум шав! Рав! Намебинӣ, ки дар паси дар одам истодааст?

Ин ҳолат овози зуққишноки зане шунида шуд:

– Охир, дар ин ними шаб ин саги бечора, аз куҷо медонад, ки дар паси дар одам истодааст. Одам, баъд ними шаб ба суроғат меояд?

– Э, худат ҳам саг барин бисёр наҷак! Имконият деҳ, ки дарвозаро кушоям. Гапатро баъд мегӯйӣ.

Файзалӣ, ҳине, ки дарашро кушод ва моро ҳамроҳи муаллим дида шинохт, беихтиёр овоз баровард:

– Раис, ягон гап-мап шуд, ки дар ними шаб саргардон шуда омадед?

Ҳанӯз ба саволаш посух надода будам, ки овози занаш боз шунида шуд:

– Боз раис мегӯяд-е. О, раис бошад, дар ин ними шаб дар

оғӯши занаш роҳат карда хоб намекунад? Аҷаб гапе, одамоҳоро ҷамъ карда дар ҳамин барфи хунук, аз қафои сутунҳои оҳанин дар куҳу пушта, пойи пиёда, азоб кашида, сими кандагиву изоляторҳои шикастагӣ мекобанд.

Файзалӣ аз чунин тарзи баёни занаш ғазаболуд шуда, қадаме чанд сӯяш гузошта:

– Даҳантро пӯш! Зуд худатро аз пешам гум кун, ки боз омада шатакориат накунам.

– Охир, рости гапро мегӯям. Раис, мисли мардаки Тешабойи ҳамсояамон мешавад, ки ҳар рӯз, аз завод қопча-қопча ордро ба хонааш мекашонад. Рӯзоҳи шанбеву якшанбе дуди шашликаш то хонаи мо омада мерасад. Ана баъд онҳо шашлик мехуранду мо бошем дуди шашлик. Боз раис-раис гуфта маро ғазаболуд мекунад…

Зан каме хомӯш шуда буд, ки гуфтам:

– Зуд бош, ки хати барқии 110 кВ «Даҳана-Ховалинг» садамвӣ хомӯш шудааст.

– Хуб шудааст. Шумо рафта дар мошин шинед, боз саг сӯятон ҳуҷум накунад. Ман либосҳоямро пӯшида зуд наздатон меоям.

Пас аз лаҳзае симои Файзалӣ намудор шуд, ки наздамон меомад. Вале овози занаш ҳанӯз хомӯш нашуда буд:

– Дар хона на картошка ҳаст, на пиёзу равған, орд ҳам як хамирии дигар мондааст. Маро гуфта буд, ки пагоҳ харид мекунад. Акнун намедонам, ки дар ин сардии зимистон кӯдакҳоро чӣ хуронам?

Файзалӣ дар мошин нишаста буд, ки муаллим шӯхикнон:

– Файзалӣ?

– Чӣ мегӯӣ?

– Ба гумонам аз сагат дида занат бештар меҷакад.

– Охир, рост мегӯяд. Дар хона хӯрока тамом шуда буд. Гуфта будам, ки пагоҳ бозор рафта, аз савдогарони шиносам хӯрокаи лозимаро қарз гирифта ба хонара меорам, ки нашуд. Барои ҳамин ғазабаш омадааст. Хайр кадом занро мефорад, ки дар ними шаб шавҳарашро аз бараш гирифта баранд.

Суйи Файзали нигариста:

– Ин касбро касе ба зиммаи мо бор накардааст. Модоме,

ки кор кардан мехоҳем, ба азобу уқубаташ низ тоқат карданамон лозим меояд. Ва ба ронанда:

– Тарафи хонаи Салимов Наим ҳай кун! – гуфтам.

Ба дари хонаи Салимов Наим расидан замон, ба Файзалӣ:

– Рафта акаи Наимро хабар кун!

Файзалӣ чолокона аз мошин фаромада, ба назди дар рафт ва соҳибхонаро ба ҷеғзанӣ даромад:

– Акаи Наим! О, акаи Наим! Ку берун баро!

Ӯ дид, ки овози касе аз дарун шунида намешавад. Ин даъфа бо дасташ дарашро се-чор маротиба, пайи ҳам кӯфта буд, ки овози соҳибхона шунида шуд:

– Файзалӣ, худатӣ?

– Ҳа, акаи Наим. Манам. Бо ман Худойқулов ва ронанда низ ҳаст.

– Тинҷӣ ҳаст?

– Агар тинҷӣ мешуд наздат меомадем? Хатти барқии 110кВ «Даҳна-Ховалиг» садамавӣ хомуш шудааст.

– Ин тавр бошад, либосамро пӯшида зуд наздатон меоям, – гуфт ва ҷониби хонаи хобаш қадам зад.

Андак пас аз дари ҳавлиаш ба берун баромаданӣ буд, ки занаш ба ӯ ким-чӣ гуфт, ки сӯяш, сиёсаткунон:

– Даъф шав аз наздам! Кор, ки намебуд, ними шаб инҳо наздам меомаданд?

Салимов бо мо вохӯрдӣ намуд ва дар мошин нишаст. Акнун панҷ кас шуда, ҷониби хонаи устои калон Кишваров Аҳмад равон шудем. Вақте ҳамроҳи Кишваров Аҳмад ва ду нафар барқкори ҳамроҳамон буда вориди муассиса шудем, аллакай соат панҷ шуда буд. Ба Кишваров нигариста:

– Зуд ба назди танзимгар Боронов рав! Аз ӯ хоҳиш кун, ки мошинаашро барои аз хонааш овардани Голштейн Иван Адамович ягон нимсоат ҷудо кунад. Баъд таъҷилан ба хонааш рав ва ӯро бо худ гирифта биёр. Чунки ҳар дақиқа бароямон қимат аст.

Тақрибан пас аз ним соат Кишваров ҳамроҳи ронандаи умур Голштейн вориди муассиса шуданашон ба Кишваров гуфтам:

– Акнун, бо мошини худамон, бачаҳои боқимондаро бо таври фаврӣ аз хонаҳояшон гирифта биёр!

Ақрабаки соат рақами ҳафтро нишон медод. Мо бо супориши сармуҳандис Хурсанд Абдуҳайзода барои кофтан ва ёфтани садамаи рухдода, барқарор кардан ва ба кор андохтани хати интиқолдиҳандаи барқии 110 килловолтаи «Кӯлоб-Ховалинг» аз дари муассиса берун шудем. Барфи лак-лакӣ ва нуқрасо ҳанӯз меборид. Болои бому девори хонаҳо ва замину дарахтонро аллакай бо қабати ғафси худ, пӯшонида буд. Мошин ҳаркаткунон бо роҳе, ки шаҳрро ду қисмат мекард, ҷониби Даҳна ва ноҳияи Ховалинг роҳ гирифт. Барфи боридаистода тирезаи мошинро зуд-зуд мепӯшонид, ҳарчанд, ки ойинарӯбакҳо мураттаб кор мекарданд.

Субҳи имрӯз, на он қадар барвақт бошад ҳам, аммо аз сардӣ ва боришоти зиёди барф рафтуойи одамон хеле кам ба чашм мерасид. Ронанда эҳтиёткорона мошин меронд. Ӯ бетоқатии маро магар эҳсос намуд, ки суръати мошинро ба қадри имкон зиёдтар намуда, аз шаҳр берун шудем. Азбаски мувофиқи дастури додаи танзимгарон ҷойи расиши кӯтоҳро дар хати барқӣ дуртар аз деҳаи Даҳна муайян карда буданд, кофтукови нуқсонро аз минтақаи Тангатобтӣ оғоз намудем. Ва ба ҳолати ногуворе рӯ ба рӯ шудем. Яъне, чӣ миқдоре, ки аз домони кӯҳ боло ҳаракат мекардем, барфи тару вазнин аз вазидани шамоли сард гирдогирди симҳоро печонида, чун қубурҳои ғафс ба назар мерасид. Ва аз вазни зиёдашон симҳо беандоза хам зада буданд. Баъди тақрибан ду-се километр хати барқиро муоина намуданамон, билохир ба ҳодисаи нохуше рӯ ба рӯ шудем. Байни сутунҳои оҳанини рақами 21 ва 22 сими кандагиро дидем. Пас аз дида баромадани ҳодиса, ба мо айён гашт, ки дар натиҷаи вазидани шамол, барфи тару вазнини ба ях мубадалгаштаи яке аз симҳо канда шудааст. Ва дар ҳолати лаппиш хӯрданаш яхи сими дигарро резонида, расиши кӯтоҳ ба амал омадааст. Ҳини муоина карданамон дидем, ки дар чанд ҷойи ду ноқили ноканда қисме аз симҳояшон дар натиҷаи расиши кӯтоҳ канда шуда, рӯшида, каме овезон шуданд. Симҳои рӯшидаро, ба осонӣ дидан мумкин буд. Аз ҷойи ҳодисаи рӯхдода ҷониби мошин равон шудам ва тавассути алоқаи «ратсия»-гии дар мошин насб кардашуда ба танзимгар Тоҳиров Қодир, ки на-

вбатдориро аз Боронов Сайдаҳмад қабул карда будааст, ахборот додам. Ва илова карда гуфтам:

– Азбаски мошин ба ҷойи ҳодисаи рухдода имкони рафтанро надорад, кашидан ва баровардани симҳоро акнун бо қувваи даст ба иҷро расониданамон лозим меояд. Қувваи дастии мо камӣ мекунад. Ҳанӯз мо гуфтугӯямонро ба анҷом нарасонида, Кишваров наздам ҳозир шуда, корхати пуркардаашро ба ман нишон дод. Ман дарҳол гӯшаки алоқаи «ратсия»-гиро ба ӯ дода:

– Худат бо рақами корхат, таърих ва оғози кор, иҷрокунандаи кор ва аъзоёни бригада, инчунин дар куҷо гузоштани заминпайванд ва ному насаби роҳбари корро ба танзимгар Тоҳиров Қодир хабар деҳ. Ва барои оғоз кардани корҳои таъмирӣ иҷозат пурс. Инчунин аниқ кун, ки кордҳои заминпайвандро дар калиди барқии зеристгоҳи 110/35/6кВ «Кӯлоб» ва зеристгоҳи 110/35/10кВ «Ховалинг» тарафи хати барқии 110кВ «Кӯлоб-Ховалинг васл намудаанд, ё не?

Кишваров бо танзимгар гуфтугӯяшонро ба охир расонида, гӯшаки алоқаи «Ратсия»-гиро дар ҷояш гузошта буд, ки садои ҳарфзании Қодиров Тоҳир боз шунида шуд:

– Танзимгар Тоҳиров дар алоқа. Ба Худойқулов гӯед, ки гӯшаки алоқаро бардорад.

Бо шунидани насабам сӯи мошин шитобидам. Ва гӯшаки алоқаро бардошта:

– Худоқулов дар алоқа. Маро мешунавед?

– Аз гӯшаки алоқа садои сармуҳандиси муассиса Хурсанд Абдулҳайзода ба гӯшам расид:

– Абдулҳайзода дар алоқа. Ба ман сардори умур Худойқулов лозим. Маро мешунавед?

Ва ман дарҳол:

– Мешунавам. Худойқулов дар алоқа.

– Муҳаммадқул! Корҳо чӣ тавр?

– Худи ҳозир бо иҷозати танзимгар Қодиров заминпайванди рақами якро дар сутуни оҳанин рақами 20 тарафи зеристгоҳи «Кӯлоб ва заминпайванди рақами дуро дар сутуни оҳанини рақами 23 тарафи зеристгоҳи «Ховалинг» ба-

рои бехатар гардонидани ҷойи корӣ омодагӣ дида истодаем.

– Бачаҳо ба кор шурӯъ карданд?



– Ҳоло не! Баъди бехатар кардани ҷойи корӣ бо ҳамааш оид ба қоидаҳои бехатарӣ дастур дода, дар дафтар имзоҳояшонро гирифта, баъд ба кор шурӯъ менамоянд.

– Бисёр хуб! Пеш аз гузоштани заминпайвандҳо набудани шиддатро бо кадом асбоб санҷидед?

– Асбоби санҷишии «УВН-90-ро (нишондиҳандаи шиддати калон) навакак аз озмоиш гузаронида будем, бо ҳамон асбоб набудани шиддатро дар ҳар се ноқил санҷида мебароем. Ба набудани шиддат, ки бовар кардем, баъд ба дигар корҳо шурӯъ мекунем.

– Дуруст. Вале ба ман гӯй, ки чаро мошин то ҷойи кориатон рафта наметавонад?

– Роҳе ки аз назди ҷойи корӣ гузашта, ҷониби ноҳияи Ховалинг идома меёбад, қариб ду метр паст мебошад. Илова бар ин ҷойи корӣ ҳамвор набуда нишебӣ аст ки мошин то он ҷо рафта расида наметавонад. Агар равад, чаппа шуданаш аз имкон дур нест.

– Акнун ҳамааш ба ман равшан шуд.

– Ҳоло ба кадом кор машғулед?

– Ҳозир мо имкони сими кандашударо пайваст карданро дорем. Корро аз пайвасткунии симҳо оғоз мекунем.

– Кори хуб мекунед. Модоме ки имкони бо мошин кор карданро надоред. Тақрибан пас аз як соат аз ҳисоби кормандони шуъбаву умурҳо, бароятон ёрдамчиҳоро гирифта меорам. То ин ки ба замин фаровардан ва баровардани симҳоро бо қувваи даст ба иҷро расонем. Охири алоқа.

– Охири алоқа-гуфтам ва сӯи бачаҳо шитобидам.

* * *

**Р**ӯз аз нисф гузашта ва барф аз боридан монда бошад ҳам, аммо шамоли мудом вазидаистодаи кӯҳӣ ҳаворо лаҳза ба лаҳза сард карда, неши сардашро ба ҷисму ҷони барқчиёни дар адир машғули кор буда мехалонид. Аз як тараф сардии ҳаво, аз дигар тараф, гуруснагӣ ва бемадорӣ ҳолу аҳволи коркунонро лаҳза ба лаҳза бад месохт.

Акнун дар як вақт бо маслиҳати ману Аҳмад ба Абдураҳмонов Файзалӣ, барқчии гурӯҳи чори бехатарӣ дошта ва Саидов Файзуллоро, ки чунин гурӯҳро доро буд, барои санҷидани шиддати симҳо ва гузоштани заминпайванд дар се сими сутуни оҳанини рақами 20 дошта, тарафи зеристгоҳи 110/35/6кВ «Кӯлоб» супориш додам. Ва ба барқчиёни гурӯҳи чори бехатарӣ дошта Холов Абдғаффор ва Салимов Наим супориш додам, ки онҳо низ заминпайвандҳоро ҷониби зеристгоҳи 110/35/10кВ «Ховалинг» гузоранд.

Баъди бомувафақият анҷомидани бехатаркунонии ҷойи кор, Кишваров Аҳмад ба Файзалӣ ва Абдуғаффор, ки дар тори сутунҳои оҳанин, азоби хуникиро мекашиданд.

– Файзалӣ, Абдуғаффор! Маро мешунавед?

– Ҳа, мешунавем.

– Ин тавр, ки бошад, оҳиста-оҳиста аз болои сутун ба замин фароед!

Онҳо, ки аз таъсири шамол ва хунукӣ шах шуда буданд, наъве карда ба замин фаромаданд. Акнун ҳама барои таъмир ва барқароркунии симҳо шурӯъ намуда будем, ки як

мошини рӯпуш ва мошини сабукрави ба сармуҳандис таалуқдошта, ки моломоли коркунони муҳандисӣ-техникии муассиса буданд, омада наздамон ҳозир шуданд.

Хурсанд Абдулҳайзода ба ман нигариста:

– Муҳаммадқул! Ҳамаи одамони ҳамроҳи ман омада, дар ихтиёри худат.

– Раҳмат, ака! Иншоллоҳ бо ёрии якдигар хати барқиро ба кор медарорем, – гуфтан замон Кишваров ба ман наздикшавон:

– Барои симро баъди таъмир ба шаддаи изоляторҳо пайваст кардан киро ба тори сутун барорем, ки аз ӯҳдаи кор баромада тавонад?

Пас аз андаке таваққуф:

– Ба Салимов Наим бовар карда метавонам. Дар ин хунукии шадид танҳо ӯ аз иҷрои ин кори мушкил баромада метавонад. Рафта ба ӯ супориш деҳ!

– Ман ҳам ҳамин фикрро доштам.

– Бисёр хуб. Шурӯъ намоед!

Қисме аз кормандон, ки ҳоло машғули таъмири сими кандашуда ва осебдида буданд, марди ними умрашро дар кори заҳматталаб, вале ба мардум наъфовар сарф намуда даст бар танаи сутуни оҳанини яхбаста ва лағжон зад. Дар камарбанди ҳимоявиаш банди дарозеро, ки банди беохир гуфта ном мебурдем, баста майли ба боло баромаданро кард. Ӯ марди гандумгун, каме рӯйдароз, чашмонаш зирак ва абрӯвонаш каме ғӯла ва дар гунаҳояш доғҳои чуқуршудае ба назар мерасид. Мард тануманди паҳлавонҷусса буда, мудом ҷиддӣ ба чашм мерасид. Ӯ ҳарчанд худро оромтабиат ва хоксор вонамуд мекард, вале дар лаҳзаҳои ба иззати нафсаш расидан чун шер ғуррон ва чаққон мешуд. Акнун қисмат ӯро имрӯз ба кори хеле мушкил ва хатарнок рӯ ба рӯ сохта буд. Ӯ бо панҷаҳои тавонояш даст ба оҳани сарди яхбаста зада, бо мӯзаҳои резинӣ оҳиста-оҳиста ба боло мебаромад. Азбаски ҳини баромадан мӯзаҳои резинӣ дар оҳани яхбаста мелағжиданд, ӯро дастурдиҳон дастгирӣ мекардем.

– Акаи Наим! Маро мешунавӣ?

– Мешунавам!

– Хоҳиш мекунам, пеш аз поятро гузоштан ва ба боло баромадан, аввал занҷири ҳимоявиатро ба танаи сутун банд, баъд боло баро!Фаҳмидӣ?

– Агар ин корро накунам баромадан муҳол аст. Чун ки танаи сутун ях баста лағжонак шудааст, – гуфт ва мувофиқи дастури гирифтааш амал карда, оқибат ба қуллаи сутуни оҳанин, пас аз ҷонбозиҳои зиёде баромад. Баъди баромаданаш ба тори сутун, овози Кишваров шунида шуд:

– Салимов!

– Чӣ мегӯӣ?

– Ғарғараи дар банд бастагиро бардор ва дар нӯги китфи (траверс) сутун маҳкам кун!

Салимов ғарғараи оҳанинро бо банд кашида гирифт. Баъд бо шикам болои китфи сутуни оҳанин хобид. Сипас чун хазандаҳо сӯи шаддаи изоляторҳо ҳаракаткунон пеш рафт. Ва ғарғарраро дар нӯги китфи сутуни оҳанин бо сими фӯлодини қатшаванда баста, бо болту гайка мустаҳакам кард. Сипас овоз баровард:

– Нӯги сими таъмиркадаатонро равон кунед! То, ки аз ғарғара гузаронам.

Баъди аз ғарғара гузаронидани сими аз таъмир баровардашуда, нӯгашро бо банд баста, дар як вақт, бо қувваи хеле бузург, ҳама якҷоя кашида таранг кунонидан лозим буд. Агар ин корро мувофиқи дастурҳои техникӣ ба анҷом нарасонем, аз хамии зиёди сим ҳини шамол ва боришоти барфи калони навбатӣ боз чунин ҳодиса рух доданаш аз имкон дур набуд.

Акнун яку дуву се гӯён, ҳама мутташаклона ба кашидани банди ғафси дароз шурӯъ намудем. Дар ҳолати тарангии сим ба тарангии симҳои дигар баробар шудан овоз баровардам:

– Шуд! Ана ҳамин хел, қапида истед! Дигар накашед! Салимов ин ҳолати қулайро дида, ба васл намудани сим дар қисмати поёнии шаддаи изоляторҳо шурӯъ намуд. Ӯ бо қисми эҳтиётие, ки симро дар он пайваст карда, баъд дар нӯги изоляторҳо маҳкам кунонида мешуд, шурӯъ намуд. Дар болои сутуни оҳанини сарду хунук ӯро лозим буд, ки калиди оҳанинро барои тоб додани болту гайка ва мустаҳкам кардани сим бо қисми эҳтиётии оҳанин дастпӯшакашро кашида кор кунад. Ба ҳоли зори ӯ раҳмам

меомад, аммо илоҷи дигар набуд, корро ба анҷом расонидан лозим буд. Баъди зиёда аз ним соат сипарӣ шудан овози хаста ва ларзони ӯ шунида шуд:

– Бандро оҳиста-оҳиста сар диҳед!

Бо шунидани супориши додааш ба нафарони бандқап наздик шуда:

– Бандро акнун оҳиста-оҳиста сар додан гиред!

Баъди сар додани банд, шаддаи изоляторҳо оҳиста-оҳиста таранг шуда ҳолати аввалаашро гирифт. Ба хунукзадагӣ, гуруснагӣ ва хастагиамон нигоҳ накарда, хурсандиамон ҳадду канор надошт. Ҳарчанд аз муваффақияти ба даст оварданамон шод шуда бошем ҳам, ҳоло кори мо ба анҷом нарасида буд. Охир, ҷисми хунукизадаву шахшуда ва афгори Салимов Наим болои сутуни оҳанини сарду лағжон, дар баландии зиёда аз бист метр аз замин, ки беш аз се соат ҷонбозӣ карда буд, қарор дошт. Сӯяш овоз баланд карда:

– Акаи Наим! Худатро чӣ хел ҳис мекунӣ? Фаромада метавонӣ?

Овози хастааш боз ба гӯш расид:

– Як бало мекунам.

– Ин тавр, ки бошад, аввал ғарғараро кушода бо банд равон кун! Баъд эҳтиёткунон фаромадан гир!

Акнун ин ҳолат чашм ва ҳуши мо бо ҳар як ҳаракати ин марди ҷоннисор, нурофар ва бовафо банд буд. Ӯ навъе карда бо панҷаҳои карахтшуда ва ларзонаш ғар-ғарароро кушода, ба банди дар миёнаш буда баст ва ба замин фаровард. Сипас аз болои китфи сутуни оҳанини ин ҳолат яхбаста оҳиста-оҳиста худро қафо кашид ва қоматашро ба росткунӣ даромад. Мо аз тарси он, ки калавида намонад, бидуни ихтиёр, якчанд нафар овоз баровардем:

– Занҷири ҳимоявиатро дарҳол дар танаи сутун банд! Банд, ки боз поят налағжад!!

Ӯ эҳтиёткорона хоҳиши моро ба иҷро расонид. Ва лаҳзае рост истода худро ором сохт. Сипас, оҳиста-оҳиста пушташро сӯйи мо гардонд ва ба фаромадан шурӯъ кард. Акнун ӯ, бо ҳар қадами мондааш, эҳтиёткорона занҷири ҳимоявиашро кушода, поинтар мебаст ва баъд мефаромад.

Ҳине, ки пояш ба замин расид, чанд нафаре ӯро дошта, сӯйи чархи резинии оташзада, ки ёрдамчиҳо бо худ оварда буданд, роҳнамун сохтанд. Ва аз ӯ хоҳиш карданд, ки дасту рӯйи хунукзадаашро дар алангаи оташ гарм созад. Ҳарчанд, оташи резин дуди ғализ ва бӯи бад дошт, аммо ӯ, ба сиёҳ шудани дасту рӯяш нигоҳ накарда, ҷисму ҷони хункзада ва карахтшудаашро гарм мекард. Ин ҳолат ба мо лозим буд, ки сими поёниро, ки ҳини расишаш ба сими аз таъмир бароварда, қисме аз торҳояш канда ва рӯшида буданд, аз таъмир барорем. Вале торик шуда истодани рӯз, гуруснагӣ, хунукзадагӣ ва хастагии кормандонро ба инобат гирифта, сармуҳандис хулоса намуда:

– Рӯз бегоҳ шуд. Барои сими осебдидаро аз таъмир баровардан вақт камӣ мекунад. Чунки рӯз торик шуда истодааст. Таъмирашро ба таъхир мегузорем. Насиб бошад, дар ягон рӯзи гарму нарм аз таъмир мебарорем. Сипас ба ману Кишваров рӯ оварда:

– Заминпайванҳоро гирифта, ба танзимгар хабар диҳед! Дар ҳолати бомуваффақият васл шудани хати барқӣ ба коргоҳ баргардед, – гуфт ва ба ёрдамчиҳои овардааш супориши рафтанро дод.

Мо низ, пас аз гирифтани заминпайвандҳои сайёр ва тоза кардани хати барқии 110 килловолтаи «Кӯлоб-Ховалинг» ба танзимгар хабар додем. Танзимгар ба мо аз бомуваффақият ба кор даромадани хати барқӣ мужда расонид. Акнун аз ғалабаи ба дастовардаи имрӯзаамон хурсандона ҷониби шаҳр равон шудем.

Ин буд қиссаи яке аз рӯзҳои кории нурофарони бовафо, ки барои бо қувваи барқ ва нури ҳаётбахш таъмин намудани ҳар як хонадони мардуми диёр, аз баҳри нишоти хеш гузашта, ба сардӣ ва душвориҳо рӯ ба рӯ шуда, ғолиб омаданд.

Рӯҳи он шахсоне, ки дар ин қисса ҳастанд, вале дар қайди ҳаёт нестанд, шод ва хонаи охираташон обод бод!

## МОҲИЁНИ ҲАВЗ ХӮРДАНИБОБАНД

**Р**ӯзе дар утоқи кориамон, бо Абдуҷаббор Қаҳорӣ, Сафар Довуд ва як нафари дигаре аз кормандони муассиса нишаста суҳбат доштем.

Дар назди бинои кории кормандони дифои релегӣ ҳавзи начандон калоне мавҷуд буд. Дарозии ҳавз тахминан панҷ-шаш, ва бараш чор-панҷ қадамро ташкил мекард. Дар дохили ҳавз ду-се сол пештар моҳичаҳои хурд-хурдро сар дода буданд. Дар лаби ҳавз аз қубури оҳанин об ҷорӣ мешуд. Азбаски коргоҳ ва ҷойи таъмир, истгоҳи мошину механизмҳо дар наздикии ҳавз ҷойгир буд, ҳини ба анҷом расонидани корҳои таъмирӣ ва соатҳои корӣ, ронандагон ва таъмиргарон дастони равғанолуд ва ифлоси худро дар оби аз қубур ҷоришуда шуста тоза мекарданд.

Обҳои ифлоси равған ва собун ба ҳавзи моломоли об, ки дар дохилаш моҳичаҳо шино мекарданд, ҷорӣ мешуд. Ин кор рӯзе ду маротиба, нисфирӯзӣ, ҳини хӯрок хӯрдан ва бегоҳ, пас аз анҷоми кор, рӯх медод. Акнун баъди се сол моҳичаҳо калон шуда, ба моҳиёни сурхчатоб табдил ёфта буданд. Ҳини суҳбат ба Абдуҷаббор нигариста:

– Аҷабо! Бо ин қадар қину азоби ба онҳо расондаи одамони дастшӯ, онҳо зинда мондаанд. А?

– Эҳ, аҷаб содда будӣ-да. Оби қубур мудом ҷорӣ шуда ба ҳавз мерезад. Аз тарафи дигари ҳавз оби зиёдатӣ ҷорӣ шуда, вориди ҷӯйбор мегардад. Яъне, ифлосиҳои ба ҳавз воридшуда, чун равғани молиданӣ ва хафи собун, аз он тарафи ҳавз баромада мераванд ва оби ҳавз тоза мемонад.

Сафар Довуд риштаи суханро ба дасти худ гирифта:

– Ҳеҷ бовар надорам, ки моҳиёни дар ҳавзбуда хӯрданибоб бошанд. Охир, ба ҷойи оби софу мусаффо ва кирму чирм, гиёҳҳои худруй, чун дигар ҳавзҳои табиӣ, баръакс гирду атроф ва дохили ҳавз аз бетон сохта шуда дар дохилаш на кирм ҳасту на чирм ва на гиёҳу рустание.

– Рост мегӯйӣ, – гуфта, ӯро дастгирикунон боз илова намудам:

– Ба афту андоми моҳиёни бечора назар кунед, рангашон қариб, ки ботамом сурх шудаанд. Гумон мекунам, ки аз таъсири бензину солярка ва мазуту солидол бадбӯю сурх ва

захролуд низ шудаанд.

Ҳанӯз суҳбатамонро ба итмом нарасонида, сарвари муассиса Ломакин Иван Петрович наздамон даромад. Ва барои ба ҷо овардани эҳтиромаш бо ӯ дастӣ салом карда истода:



– Иван Петрович! Марҳамат карда, болои курсӣ шинед.

Ӯ таклифи моро рад накарда, болои курсӣ нишаст ва ба чеҳраи ҳарсеямон назаркунон:

– Ба фикрам суҳбати гарме доштед? – гуфт.

– Рост мегӯйӣ, Иван Петрович, – гуфт Абдуҷаббор Қаҳорӣ. Мо оид ба моҳиёни ҳавзи худамон суҳбат доштем.

Азбаски Иван Петрович худ моҳигири хубе буд, бо шунидани мавзӯи суҳбатамон чеҳрааш кушода шуд ва аз Абдуҷаббор хоҳиш кард:

– Хуш! Гап зан! Дар бораи моҳиёни дар ҳавз буда, чӣ фикр ва ақида доштед?

– Мо ба чунин хулоса омадем, ки ҳарчанд моҳичаҳо бузург ва ҳатто ранги баданашон сурх шуда бошанд ҳам, бо сабаби ба ҳавз рехтани маводҳои сӯхту молидании бадбӯй ва собун заҳрнок шудаанд.

– Не! Не! Шумо хато мекунед. Моҳиён агар заҳролуд мешуданд, дарҳол ҳалок мегардиданд. Охир, аз моҳӣ дида ҷондори нозук нест. Бадбӯй гуфтанатон дуруст аст, аммо на ба он дараҷае, ки хӯрданибоб набошанд.

Азбаски ба Абдуҷаббор баҳс кардан бо ҳамсуҳбатонаш одат шуда буд, якравӣ карда:

– Иван Петрович! Ба ин гапат ҳаргиз бовар намекунам, – гуфт.

– Чаро бовар намекунӣ!

– Охир, шумо фолбин набошед. Пас аз куҷо медонед, ки моҳиёни дохили ҳавз бӯй доранд, ё надоранд?

– Ман намегӯям, ки надоранд! Доранд, вале хӯрданибобанд.

– Моҳӣ, ки бадбӯй бошад, боз чӣ хел хӯрданибоб мешудааст. А?

Ломакин азбаски якравӣ ва миҷингии ҳамсуҳбаташро хуб медонист, қасдан ӯро мешӯронид:

– Ман ба ҳамаи шумоён кафолат медиҳам, ки гӯшти ин моҳиён баъди дар равған хеле хуб зирбонидан, лазиз ва хӯрданибоб мешавад.

Бо шунидани суханони охирини Иван Петрович Абдуҷаббор Қаҳорӣ шӯрида ва норозиёна:

– Иван Петрович! Гумон мекунам, ки шумо худатонро авлиё тарошида истодаед? – гуфт.

– Қаҳоров! Ман авлиё нестам! Аммо гуфтаҳоям ҳақанд.

Вале, ту бошӣ, бефаҳм ва якравӣ! Пагоҳ ҳини хӯроки нисфирӯзӣ аз хонаам як лаълӣ гӯшти зирбондашудаи моҳиёни аз ҳамин ҳавз гирифтаамро бахшатон меорам, тановул кунед, баъд ба гапам бовар мекунед.

Мо ҳайратзада сӯяш нигаристем. Ӯ, ки дар ин суҳбат моро мулзам карда буд, табассумкунон ва бовиқор аз наздамон баромад.

Рӯзи дигар, нисфирӯзӣ гӯшти зирбондашуда, намакхӯрда ва болаззати моҳиёни аз ҳавзи об гирифтаи Ломакин Иван Петровичро бо завқи калон нӯши ҷон намудем.

## БУЛБУЛОН МЕСАРОЯНД

**М**оҳи феврали соли 1974 буд. Директор маро дар саҳни муассиса дида:

– Худойқулов, андак пас, наздам даро! – гуфт.

Ба наздаш рафта салом дода будам, ки ӯ маро ба нишастан таклиф карда истода:

Ба мо ба осоишгоҳи «Металлург»-и шаҳри Сочӣ роҳхат омадааст, мехоҳам рафта дам гирӣ. Ба пешниҳодам розӣ ҳастӣ?

– Иван Петрович! Чӣ, магар гуноҳе содир кардам?

– Чаро ин тавр гап мезанӣ?

– Боз чӣ хел гап занам! Одамон орзу мекунанд, ки дар тобистон рафта дам гиранд. Шумо бошед, баръакс маро дар фасли зимистон барои дамгирӣ ба Қафқоз равон карда истодаед.

– Эҳ, Худойқулов, Худойқулов.. Намедонам, баъди ин гуна рафторат ба ту чӣ гӯям.

– Гуноҳе содир накардаам, ки маро сарзаниш кардан хоҳед. Дар ин хунукиҳо ба шаҳри Сочӣ рафта чӣ кор мекунам? Мӯйсафедҳо барин дар хона шинаму халос.

Ӯ ба симоям нигоҳкунон, бо табассуми ба худаш хос:

– Медонӣ, табиати он ҷойро «субтропик» меноманд. Яъне дар он ҷо барф намеборад. Барф танҳо дар қуллаҳои кӯҳҳои осмонбӯсаш мебораду халос.

Бо шунидани сухани охиринаш худамро қадре ором ҳис

карда, бо мулоиматӣ:

– Майлаш, табиаташ гарму нарм бошад, ман розӣ, меравам, – гуфтам.

– Эҳ, нодон! Гарму нарм мегӯйӣ. Он ҷо чун баҳори худамон, худи ҳозир барин сабзу гулпӯш аст. Пагоҳӣ аз хоб хеста тирезаро кӯшойи, садои хондани булбулон ба гӯшат расида, ҳаловат мебарӣ.

Бо шунидани суханони илҳомбахши Ломакин Иван Петрович хушнудона бо ӯ худоҳофизӣ кардам ва аз наздаш баромадам.

* * *

**Б**аъди зиёда аз чаҳор соати парвоз, тайёра, ки аз шаҳри Душанбе ҷониби шаҳри Сочӣ парвоз мекард, дар фурӯдгоҳи Адлер ба замин нишаст. Аз дохили тайёра берун шуда, ҷомадон дар даст, ҳайрон-ҳайрон дар фурудгоҳи бароям бегона қадам зада, чӣ тавр ба осоишгоҳи «Металлург»-и шаҳри Сочӣ рафта расиданамро фикр мекардам. Баъди чанд лаҳзае як-ду зан ва марди русзабон, ки онҳо ҳам аз тайёра фаромада буданд, байни худ мегуфтанд:

– Таксиҳо ба шаҳр мераванд. Чор нафар шавем, зуд роҳакӣ мешавем. Бо шунидани сухани мард дарҳол наздашон шуда:

– Нафари чорум ман, гуфта будам, ки марди рус:

– Хеле хуб, – гӯён, ҷониби таксие ишора кард.

Таксӣ, даъфатан, наздамон ҳозир шуд. Ронанда анҷомҳои моёнро дар қафои мошинаш ҷой дод ва ҷониби шаҳр раҳсипор шудем. Дар гардишҳо ва роҳҳои каҷмокаҷ ва кӯталу нишебиҳои фароздошта ронанда мошинашро чунон меронд, ки гоҳе ба тарафи рост ва гоҳе ба тарафи чап бор гирифта, якдигарро нороҳат месохтем. Пас аз ним соат ҳаракат карданамон ронанда маро дар назди бинои мӯҳташами осоишгоҳ фароварда, бо дигарҳо роҳашро идома дод. Ман дар равшании чароғҳои барқӣ ҷониби осоишгоҳ роҳ паймудам. Чун вориди қабулгоҳ шудам, зани армание, ки мӯйи сиёҳ ва чеҳраи зебое дошт, сурудеро бо забони худаш хеле дилнишин месоройид. Бо дидани ҳуҷҷатҳоям, маро дар ошёнаи дуюм, дар хонаи наонқадар

калон ва холии ҷиҳозонидашуда барои як шаб ҷой доданд. Пас аз шустани дасту рӯй ва каме ба худ омаданам, дар кати мулоим ва болишту курпаҳояш напа-нав худро партофта будам, ки бидуни ихтиёр хобам бурдааст.

Пагоҳ аз хоб бедор шуда, ҳайрон-ҳайрон ба гирду атрофи ҳуҷра назар карда, худро дар ҷойи бароям бегона дидам. Чун ба худ омадам, суханон ва гуфтаҳои Ломакин Иван Петрович ба ёдам расид. Дарҳол аз ҷоӣ бархестам ва тирезаи хонаро кушода, дар ҳақиқат шоҳиди дидани дарахтони сабз, манзараҳои зебо ва хониши булбулони хушхон шудам. Акнун ба дуруст будани гуфтаҳои Иван Петрович сад дар сад бовар кардам ва ихлосам нисбаташ афзуд.

Баъди бисту чор рӯзи дамгирӣ ва таасуротҳои хеле зиёд бардоштаам, аз ин шаҳри зебоманзар ва ҷойҳои таърихидошта ба хона баргаштам. Барои роҳбари ғамхор ва меҳрубон Ломакин Иван Петрович як тӯҳфаи арзандае дастрас намудам. Ва ҳини ба шаҳри Кӯлоби бостонӣ омада расиданам туҳфаамро ба ӯ супорида будам, ки ӯ бо табассум сӯям нигоҳкунон:

– Акнун ба гуфтаҳоям бовар кардӣ? – гуфт.

– Бале, Иван Петрович! Ташаккур ба Шумо, ки бо сахтгирӣ ва меҳрубониҳоятон ба дидани шаҳри куҳан ва зебоманзари Сочӣ мушшараф гардидам. Инчунин бо дигар манотиқи Қавқози биҳиштосо ва ҳамешабаҳор ошноӣ пайдо карда тавонистам. Ва ба гуфтаҳои Иван Петрович қувват бахшида илова намудам:

– Дар ин диёри ҳамешабаҳор, дар ҳақиқат, субҳгоҳон, булбулон месароянд.

## ХУСУР

**Ҷ**ойи кории харрорти муассиса Раҷаб дар таҳхонае ҷойгир буд, ки болояш утоқи кории танзимгарон ва сардорашон ба шумор мерафт. Таҳхона дар фасли гармо салқин ва дар фасли сармо хеле хунук буд. Дар таҳхона ба ғайр аз дастгоҳи харрортӣ, инчунин дастгоҳи тезкунии асбобҳо васл карда шуда буд. Ва дар мавридҳои зарурӣ ӯ аз ин

дастгоҳ истифода мебурд. Харрот марди миёнаумр, сафедпӯст, тануманд, кушодачеҳра, каллакалон ва паҳнрӯйе буд. Гунаҳояш мудом сурх ба назар мерасид, ки аз солимиаш дарак медод. Ӯ бо серкориаш нигоҳ накарда, бо машқи бадан машғул мешуд. Ин буд, ки дуртар аз дастгоҳи харротӣ, штангаи худсоз, вале вазнин ба чашм мерасид. Гоҳ-ногоҳ корамон ба акаи Раҷаб меафтид, медидем, ки ӯ дастгоҳашро хомӯш карда, ба штангабардорӣ шуғл меварзид. Ин иқдоми ӯ шавқи моро низ барои штангабардорӣ бедор кард. Ӯ ба мо иҷозат дод, ки дар вақтҳои холигӣ, ё пас аз кор бо штангааш машқи бадан кунем. Ба серкориаш нигоҳ накарда, ба бозии тенси рӯи миз завқи беандоза дошт. Илова бар ин, ӯ марди хӯшчақчак ва давраоро буд.

Вақтҳои охир, бархе аз кормандони муассиса ҳини бо ӯ вохӯрдан хандакунон:

– Акайи Раҷаб, арӯсакат созай? Боз коре накунӣ, ки хусурат дарак биёваду, аз кору борат монӣ. А?

– Э, бачаҳо! Ҳамин шӯхиҳои намешудагиатона бас кунед, мегӯм. Ҳамин гапоҳоятонро бишнавад, хуб намешавад.

Вақтҳои аввали кориам чунин суҳбатҳоро шунида, ба мазмунаш сарфаҳм намерафтам. Баъдар фаҳмидам, ки Раҷаб марди оиладору фарзандор ва дар як бино бо директори муассиса Ломакин Иван Петрович зиндагӣ мекардааст. Ломакин духтари тануманди шӯхтабиате доштааст, ки гоҳ-ногоҳ бо Раҷаб ҳазлу шӯхӣ ва бозӣ мекардаст. Ин рафтори духтари раиси муассисаро ҳамкорони ҳамсояааш дида, ба дӯстони дар муассиса будаашон хабаркашӣ мекунанд. Ин хабари навро шунида, ҳини бо Раҷаб рӯ ба рӯ шудан дӯстон ва ҳамкоронаш бо ӯ ҳазлкунон:

– Акайи Раҷаб, хусурут нағз ҳастай? Насиб боша, кай духтарша туй када метат?

– Бачаҳо! И гапа дига наген! Инами дидӣ, ки ай байни хтон, ягонтат бзӣ када ба ӯ хабара мерасонен. Баъд кори ма, чӣ мешава? Магарам кора бас кнм, илоҷи дига надорм. Неки ба шарте бза бқапм-ку, бад хдм медонм, ки чкош кнм.

– Э, акаи Раҷаб, шӯхит кадем. Иқа алов нагӣ.

– И кор, шӯхӣ надора. Ма қатӣ, аму дхта шӯхи мекна, ба-

сай. Бо шмо хтона чӣ қатӣ мекнен?

– Хай, дига шӯхӣ намекнем, – гуфта аз пайи корашон шуданд.

Ба сахтгирӣ ва таъкидҳои Раҷаб нигоҳ накарда, бо духтараш шӯхӣ ва бозии ӯро ба Ламакин Иван Петрович бурда мерасонанд. Ӯ бо қаду басти баланд ва бузургҷусса буданаш марди мулоҳизакор ва зирак низ буд. Бо шунидани хабари барояш на он қадар хуш, ӯ лангари сабру тоқаташро дарозтар карда, дурӯғ ё ҳақ будани хабари шунидаро фаҳмидан мехост. Аммо, ӯ хуб медонист, ки духтараш шӯхтабиат бошад ҳам, сабукфикр ва сабукпой нест. Вале намедонист, ки духтараш дар ботини ин марди зандор ва кӯдакдор чӣ дидааст, ки бо ӯ ҳазлу шӯхӣ мекунад.

Баъди сипарӣ шудани вақти на он қадар тулонӣ, рӯзе Ломакин мебинад, ки духтараш бо завқи хеле калон, шӯхикунон ва хандакунон бо харрорти идора суҳбат меорояд.

Ӯ аз дидани чунин манзара каме асабӣ шуда, ба фикр фурӯ меравад:

« – Ин духтар дар тинати ин марди бадбӯй, ки рӯзи дароз умрашро дар таҳхона, чун каламушҳо мегузаронад, чиро дида бошад. А? Охир, ин марди зандору кӯдакдор нисбати худаш калонсол аст. Духтарам, ҳама шуда хатмкунандаи мактаби миёна асту синаш ба ҳабдаҳ ҳам нарасидааст. Раваду ба ин марди калонсол дил бой дода ошиқ шавад, баъд ҳолам чӣ мешуда бошад. Илова бар ин, дар ҷойи корам ҳама маро хусур-хусур гӯён, ошкору ниҳон масхара мекунанд…» Ӯ ҳанӯз фикрониашро ба фарҷом нарасонида, садои хандаи духтараш хаёлрониашро қатъ кард. Ва бо овози баланд, ҷониби духтараш овоз баровард:

– Оля! Оля!!

Духтар бо шунидани садои падараш:

– Лаббай, дада, – гуфта овоз баровард.

– Канӣ, зуд наздам биё!

Духтар тозон наздаш ҳозир шуда:

– Ҳа? Дада! Чаро маро ҷеғ задӣ?

– Дигар бо Раҷаб гап задан ва шӯхиҳоятро набинам!

– Эҳе, дада! Шумо аллакай тоҷик шудаеду ман хабар надорам. Шарм мекунам, ки аз Шумо барин инсони комил чунин суханонро мешунавам.

Бо шунидани суханони духтараш Иван Петрович, магар каме дар таҳлуқа афтода буд, ки қиёфааш дигар шуд ва худро дар назди духтараш шахси гунаҳгор ҳисобид.

Духтар, ки рамузгир буд, барои аз ин ҳолат раҳонидани падар:

– Дада! Худатро ба даст гир! Раҷаб бо ман нияти бад надорад. Ӯ инсони зиндадил ва пок аст. Илова бар ин, бо мо дар як хона, чун ҳамсоя ва ҳамкори худат, бо аҳли байташ умр ба сар мебарад.

– Бале, духтарам. Дуруст мегӯйӣ. Аммо, одамон ин суҳбаторойии ҳамсоягии туро дигар хел мефаҳманд.

– Чӣ хеле, ки мефаҳманд, ҳамон хел фаҳмидан гиранд! Ман бо ақлу идроки худ зиндагӣ мекунам.

Иван Петрович боақлӣ ва бофаросатии духтарашро дидаву шунида:

– Майлаш, аз пайи корат шав! Ба ҳар ҳол гапи гуфтаамро ба гӯшат гирифта, каме андеша кун, духтарам! Охир ин ҷо шаҳри Кубан нест-ку? Ин ҷойро шаҳри Кӯлоб мегӯянд.

Духтар пас аз шунидани насиҳати падар, вориди хонаашон мешавад.

* * *

**В**ақтҳои охир Ломакин Иван Петрович дар қабулгоҳ, майдончаву ҳавлии муассиса ва зери дарахтони сояафкан, ки кормандон ҳини соатҳои истироҳатиашон ҷамъ шуда, бо ҳам суҳбат мекарданд, калимаи «хусур»-ро зуд-зуд мешунидагӣ шуд. Аммо, ӯ худро ба нодонӣ зада, гӯё ки ба маънои гапи онҳо сарфаҳм намерафта бошад, аз наздашон мегузашт ва ҳарфе намезад. Акнун, рафта-рафта кор ба дараҷае расид, ки рӯзе кормандони умури нақлиёт ва механизатсия, ҳини бо ҳам суҳбат карданашон, сӯяшон наздик шудани Иван Петровичро дида, қасдан:

– Раҷаб! Хусурут меояд, – мегӯянд.

Бо шунидани калимаи «хусур» Иван Петровичро авзояш дигар шуда ба кирдори норавои онҳо зарба заданӣ шуд. Ӯ ба наздашон наздик шуда овози ғазаболуде баровард:

– Чаро дар ҷойи коратон нестед?

– Иван Петрович! Камтарак дам мегирем, даррав аз пайи кор мешем.

– Аз паси кор мешавед ё лаққиданатонро идома медиҳед?!

Онҳо ба авзойи беҷошуда ва чашмони ғазаболудаш назар карда, пай бурданд, ки ӯ маънии гапашонро фаҳмидааст ва узрхоҳона:

– Моро бубахш. Такрор намешавад.

Иван Петрович фориғболона сӯяшон нигариста:

– Дониста бошед! Минбаъд калимаи «хусур»-ро ба забон гиред, аз худатон гила кунед! Фаҳмидед, лаққиҳо!

Рӯзе бо як корафтода дар назди бинои ҷойи кориам суҳбат доштам. Аз мо дуртар се-чор нафар баркчӣ бо ҳам ҳазлу шӯхӣ мекарданд. Баногоҳ садои овози Ломакин Иван Петрович, моро ба худ овард:

– Кӣ хусур? Ҳа? Гап зан! Чаро хусур мегӯйӣ?

Бо шунидани овози баланд ва ғазаболуди Ломакин, онҳо дар ҷояшон шах шуда сӯяш ҳайрон-ҳайрон нигоҳ мекарданд. Ва яке аз онҳо ҷуръат пайдо карда:

– Иван Петрович, мо шуморо нагуфтем.

– Чӣ хел нагуфтед, Раҷаб гуфтанатонро хеле хуб шунидам.

– Не раис! Дар назарат тофтааст.

Иван Петрович бо ангушти калони дасти росташ сӯяшон таҳдидкунон:

– Минбаъд «хусур» гуфтанатонро шунавам, аз кор пеш мекунам! – гуфт ва аз наздашон дур шуд.

Ӯ ҷониби мо, ки ин ҳолат телба шуда наздик шуда истода буд, теғи нигоҳашро давондан замон, иззату эҳтиромашро ба ҷо оварда:

– Салом, Иван Петрович! – гуфтем.

Ӯ низ салом дода, хаёлкунон роҳашро ҷониби утоқи кориаш идома дод.

Мо аз қафояш хаёломез бо нигаҳамон ӯро гусел намудем.

## МОШИНАТРО АЗ ЛАБИ ҲАВЗ ГИР!

**К**аме дуртар аз утоқи кории шуъбаи иқтисодӣ ҳавзи муассиса ҷойгир буд. Сарварии шуъбаро зани тахминан панҷоҳ-панҷову панҷсола Горбунова Раиса Василевна ба ӯҳда дошт. Ӯ ба синну солаш нигоҳ накарда зани хушқаду қомат, чеҳракушод, абрӯвони камонӣ ва чашмони кабудчанамое дошт. Мӯйи сараш ғӯллаи қаҳваранг ва ҳини хандиданаш дандонҳои биринҷиаш ӯро зебо ва дилоро мегирифт. Ба он нигоҳ накарда, ки нисфи зиёди умрашро паси сар карда буд, ҳанӯз эркагӣ ва таннозияш ҳини бо ӯ суҳбат оростан аён мегашт.

Дуртар аз ӯ, дар паси мизи корӣ зани қоматбаланд, рӯйдароз ва айнакдоре, ки бо гузашти умр дар ҷабин ва гунаҳояш ожангҳои пайдошудааш ба чашм мерасид, нишаста буд. Чеҳраи зан нуронӣ не, балки мудом гирифта ва дилгиркунанда ба назар мерасид. Илова бар ин ӯ зани камгап ва касеро нағз намедидагӣ буд. Ӯ дар кулбаяке поёнтар аз корхонаи орди шаҳр яккаву танҳо умр ба сар мебурд ва чун иқтисоддони оддӣ дар муассиса кору фаъолият мекард. Ва дар як вақт хизмати сардораш Горбунова раиса Василевнаро низ, ба ҷо меовард. Зан ҳар рӯз аз хонааш борхалтаи дохилаш хӯрушу хӯрданиҳои болаззат доштаро оварда, ҳини чойнӯшӣ ва хӯроки нисфирӯзӣ баҳри худаш ва сардораш дастархони пурнозу неъмат меорост. Ин зан Барикина Александара Николаевна ном дошт. Мизи кориаш тавре гузошта шуда буд, ки ҳини нишастанаш рӯяш ҷониби тиреза ва офтоббаро менигарист. Ҳини аз тиреза ба берун назар карданаш ҳавз ва саҳни ҳавлии муассиса ва рафтуойи кормандонро бараъло дида метавонист.

Чанде пеш назоратчии шуъбаи фурӯши барқ Холиқов Ниёзмад аз пасандози кардааш мошини напа-нави тамғаи «Запарожетс» харида буд, ки хурсандиаш ҳадду канор надошт. Азбаски фасли тамузи тобистон буд, ӯ мекӯшид, ки мошинашро дар ҷое гузорад, ки нурҳои сӯзони офтоб ба берун ва даруни он таъсир расонда натавонад. Баъди кофтан ва интихоби зиёд, билохир ба ӯ таги дарахти лаби ҳавз, ки

серсоя буд, хуш омад. Ӯ мошинашро ҳини ба таги дарахт гузоштан, оинаи пеши мошин ба тирезаи утоқи кории шуъбаи иқтисодонҳо рӯ ба рӯ афтида буд.

Холиқов пас аз гузоштани мошинаш дар ҷойи серсоя ва мувофиқ, бо дили пур ва хотири ҷамъ аз пайи кору бораш шуд. Ӯ ҳамроҳи рафиқони ҳамкораш аз коргоҳ чун ҳарвақта баромада, ба дидану санҷидани муштариёни неруи барқ мерафт. Рӯз оҳиста-оҳиста ба нисф наздик мешуд. Баъди андаке гузаштани вақт нурҳои офтоб ба шишаи пеши мошини дар таги дарахт истода бархӯрданд. Ва акси нурҳо аз шиша баромада ба тирезаи утоқи кории иқтисоддонҳо ворид шуд. Акнун шӯълаҳои офтоби аз шишаи мошин аксшуда ба сару рӯи Барикина Александра Николаевна нурпошӣ менамуд.

Зан аз шуъоҳои ғайричашмдошт, ки чашмонашро хира сохтанд, чашм пӯшид ва ба кори навис-нависаш хотима бахшид. Ӯ каме ба андеша фурӯ рафта буд, ки сардораш Гарбунова Раиса Василевна сӯяш нигариста:

– Чаро ба фикр фурӯ рафтӣ? Бо парда тирезаро пӯшон, коратро идома деҳ!

– Раиса Василиевна? Чаро рӯзҳои пешин аз тиреза нури офтоб намедаромад, имрӯз даромад? Ин бесабаб нест, – гуфт ва аз ҷояш хеста ба тиреза наздик шуда буд, ки бо овози баланд:

– Ҳа-а-а? Ана гап дар куҷо, – гуфт.

– Чӣ шудааст? Кадом гап? – гуфта пурсид, Раиса Василевна.

– Аз ҷоятон хеста ба берун нигоҳ кунед! Ҳамааш ба худатон равшан мегардад.

Раиса Василевна илоҷе карда аз ҷойи нишасташ хест ва ба тиреза наздик шуда буд, ки беихтиёр овоз баровард:

– Эҳ, Холиқови «хулиган»! Ана ақлу мана ақл, – гуфт ва ҷониби Барикина нигоҳкунон:

– Худат бо ӯ илоҷатро ёб. Ман бо ин мард сар ба сар намешавам, чунки саломатиам хуб нест.

Баркина Александра Николаевна бетарафӣ зоҳир кардани сардорашро дида, қаҳру ғазабаш дучанд шуд:

– Барои он канораҷӯӣ карда истодаӣ, ки дар сару рӯят

нурҳои офтоб пош намехӯрад. Ман аз ин шуъоҳои сабилмонда ҳатто чашмонамро кушода наметавонам.

– Ана барои ҳамин худат бо ин марди бефаросат сару кор гир!

– Мегирам! Чунон мегирам, ки як умр фаромӯш накунад, – гуфт Баркина Александра Никалаевна.

– Вале дарҳол, ҳаял накун! Пагоҳ ҳини ба кор омаданаш аз ӯ хоҳиш намо, ки мошинашро ба таги дарахт намонад. Ва сабабашро низ ба ӯ фаҳмонда деҳ. Чунки ин одамро солҳои зиёдест, ки хеле хуб медонам. Ва дониста бош, агар ӯро хумори ҷанг карданаш ояд, пул дода ҷанг мехарад.

Барикина бо шунидани суханони сардораш, ҳайрон-ҳайрон сӯяш нагоҳкунон:

– Охир, дар куҷое, ки ин мардро набинам, мудом хушгуфтор ва даҳонаш пур аз ханда аст-ку?

– Бале, бале! Ин мард ҳамакора аст. Ман гапамро гуфтам, он тарафаш дар дасти худат.

Зани ҷабрдида нигоҳашро оромона аз паси айнакаш аз рӯйи Горбунова Раиса Василевна гирифта, хомӯшона корашро идома дод.

* * *

**Б**арикина Александра Николаевна омад-омади Холиқов Ниёзмадро мунтазир шуда, мудом сӯи дарахти соядор нигоҳ мекард. Соат ҳанӯз ҳашти саҳар нашуда, овози мошин ба гӯши зан расид. Ӯ ба берун нигариста, дид, ки мошин аллакай дар таги дарахти сояафкан истодааст. Зан шитобкорона акнун ба берун баромада буд, ки мард дари мошинашро қуфл намуда, ҷониби ҷойи кориаш гом мебардошт. Зан бо қаҳру ғазабе, ки ин дам ӯро фаро гирифта буд, аз қафояш овоз баровард:

– Холиқов! Холиқов!!

Мард бо шунидани номаш дар ҷояш истод ва ба қафо гашта Барикинаро дид, ки тамоми қувваашро ҷамъ карда наздаш меояд. Зан ба мард наздик шуда, бо нафрат сӯяш нигоҳкунон:

– Э, ту одамӣ ё ҳайвон! – гуфт.

Мард аз шунидани суханони ғайричашмдошту қабеҳ ва

таҳқировар таъбаш хира гашт. Чеҳраи мудом шукуфонаш аз шукуфтан монд. Рангу рӯяш канда, чашмонаш моломоли қаҳру ғазаб шуданд. Ӯ ба чеҳраи хунук ва нафратовари зан нигоҳкунон:

– Ту чиҳо гуфта истодаӣ? – гуфт.

– Мошинатро, чаро дар лаби ҳавз гузоштӣ?



– Мехоҳӣ, ки аз ту пурсам, баъд гузорам?

– Бале.

– О, худат кистӣ, ки аз ту пурсам? Раис набошӣ, муовин набошӣ.

– Бошам-набошам, бояд мепурсидӣ, фаҳмо?!

Ин ҳолат садои овози баланди онҳоро ҳамкорони марди мошиндор ва дигар кормандони муассиса шунида, наздашон ҷамъ шуданд. Онҳо ба баҳсу мунозираи зану мард гӯш дода, натиҷаашро мунтазир буданд. Аз қаҳру ғазаби зиёд ҷисму ҷони мард меларзид. Ва ин ҳолат, агар ҳариф мард мебуд, албатта бо ӯ часпо-часпӣ мекард. Ӯ навъе карда худро ба даст гирифт ва ҷониби зан нигокунон:

– Барои маро ҳайвон гуфтанат ҷавоб медиҳӣ. Лекин ман намедонам, ки барои чӣ ба ман ва мошинам ин қадар

часпидӣ?

– Ана инро ба ту намегӯям, вале кори кардаамро дар ҳақат мекунам. Нағз ба гӯшат гир!

– Э, чӣ коре, ки аз дастат меояд, кардан гир-е! Ман вақти бо ту вақ-вақ карданро надорам, – гуфт мард ва ҷониби коргоҳаш равон шуд.

* * *

**Р**ӯзи дигар ҳини аз кор баргаштан Холиқов гирду атрофи мошинашро аз назар гузаронида истода, яку якбора дар ҷояш шах шуд. Чунки оинаи пеши мошинаш бо коғаз пӯшонида шуда буд. Ӯ хост коғазро гирад, вале натавонист. Бодиққат муоина карда дид, ки аввал оинаро ширеш молида, сипас маҷалларо болояш гузошта пайваст карда аст. Мард дарҳол пай бурд, ки ин кори зани дирӯз бо ӯ маҷарокарда мебошад. Ӯ бо дилаш ӯро нафраткунон, дари мошинашро қуфл зада, пойи пиёда ҷониби хонааш раҳ пуйид. Пагоҳии рӯзи дигар қисме аз коркунони муассиса баромада ба кор рафта буданд. Дар муассиса каме оромӣ ба вуқӯъ пайваст. Раиси иттифоқи касабаи муассиса Абдулло Раҷаб ба сардори шуъбаи иқтисодӣ занги телефонӣ зад. Сардори шуъба гӯшаки телефонро бардошта:

– Раиса Василевна гӯш мекунад! – гуфт.

– Ман Абдулло Раҷаб.

– Шуморо гӯш мекунам.

– Марҳамат карда Барикинаро ба назди ман равон кунед!

– Хуб шудааст. Ҳозир, – гуфт ва ба чеҳраи коҳидаи зани ҳамкораш нигариста:

– Бо маҷалла ширеш карда пӯшонидани оинаи мошини Холиқов кори худат аст?

Занро, ки ин пурсиши сардораш нафорида буд, ғурунгосзанон:

– Аз ман намешуд, боз аз кӣ мешуд?

– Ин тавр, ки бошад, ба назди раиси иттифоқи касаба Абдулло Раҷаб рав!

Дар утоқи кории раиси иттифоқи касабаи муассиса раис бо қисме аз аъзоёнаш ва Холиқов Ниёзмад омад-омади Барикина Александра Николаевнаро мунтазирӣ мекашиданд. Баъди каме интизориҳои дигар Барикина наздашон ҳозир

шуд. Абдулло Раҷаб аризаи шикоятии ҷабрдидаро хонда маънояшро бо забони русӣ ба зане, ки ойинаи мошинаро бо ширеш ва маҷалла пӯшонида буд, фаҳмонид.

– Александра Николаевна, гӯед, ки он рӯзе, ки бо Холиқов вохӯрдед, аввал матлабатонро ба ӯ гуфтед, қабул накард, ки ӯро ҳайвон гуфта ном бурдед?

Зан каме таваққуф карда буд, ки ҷабрдида овоз баровард:

– Вақте бо ман рӯ ба рӯ шуд, ӯ нисбати мошин ҳарфе назада буд. Ва яку якбора маро ҳайвон гуфта, таҳқир кард. Дарҳол аз ӯ пурсидам, ки чаро ба ман чунин суханҳоро раво мебинед. Баъд ӯ ба ман дӯғ зада гуфт, чаро мошинатро зери дарахти назди ҳавз гузоштӣ? Ана гапу мана гап. Охир, ин мошини ман аст, дар куҷое хоҳам, мондан мегирам.

Абдулло Раҷаб ҷониби зан нигариста:

– Шумо мақсадатонро гӯед, ки чаро мошинашро ба таги дарахт нагузорад.

– Баъди нисфирӯзӣ, шуъоҳои офтоб ба тирезаи мошинаш бархӯрда, аксаш ба тирезаи мо ворид шуд, ки чашмонамро хира сохт ва кор карда натавонистам.

– Пас чаро, ҳини бо Холиқов вохӯрданат гапро аз ҳамин сар накардӣ? Ва яку якбора ба иззати нафсаш расидӣ?

Зан хомӯш монд ва гунаҳгорона ба симои Абдулло Раҷаб нигоҳи бокароҳат намуд. Раис, ки аз кирдор ва рафтори зани одамбезор бармаҳал огаҳӣ дошт, сӯяш теғи нигоҳашро давонида:

– Шишаи мошинро худат шуста, тоза карда, ба соҳибаш месупорӣ, дар акси ҳол ба ту ҷазои сахттар меандешем. Ва дониста бош бо одамони ҳамкор минбаъд муомилаатро дуруст ба роҳ мон. Охир, мо дар як коллектив кору зиндагӣ мекунем.

Марди ҷабрдида бо шунидани қарори баровардаи Раиси иттифоқи касаба қонеъ нашуда:

– Не, раис! Ин тавр намешавад! Шишаи нав харида, усто ёфта, мисли аввалаш васл карда, дар дастам месупорад, ана баъд ҷонаш аз ман халос мешавад.

Бо шунидан ва фаҳмидани хоҳиши ҷабрдида рангу рӯйи зан канд ва ҳине, ки гиря гӯлугираш карда буд, садои ги-

ряомез баroварда:

– Ин қадар пулро аз куҷо меёбам, ки шишаи пеши мошин харам. Надорам! Наметавонам!

– Ин тавр, ки буд, чаро ба чунин кори нораво даст задӣ? – гуфт раис, сӯяш норозиёна нигоҳ карда истода.

– Э, агар ҳамин зан ба ман кушоду равшан, ҳамчун инсон, мефаҳмонд, ягон фикр мекардам, гуфта луқма партофт Ниёзмад.

Абдулло Раҷаб ба симои зан, ки аз паси айнакаш қатраҳои оби чашмонаш ҷорӣ мешуд ва ба соҳиби мошин, ки каме афзуда буд, нигоҳкунон:

– Шумо Александра Николаевна шишаи мошинашро чунон шуста тоза кунед, ки мисли пештараш шавад, дар акси ҳол шишаи нав харида иваз мекунед. Гапамро нағзакак фаҳмидед?

Зан бо ҷумбонидани сараш гуфтаи ӯро тасдиқ кард. Сипас сӯи ҷабрдида назар карда:

Модоме, ки барои мошинат ҷойи муносиби дигаре ёфта натавонӣ, мошинатро дар таги дарахти лаби ҳавз гузоштан гир…, – ӯ суханашро ба итмом нарасонида, овози зан баланд шуд:

– Охир, гуфтам, ки акси офтоб чашмонамро мезанад, Абдулло Раҷабович! Боз чаро чунин қарор мебарорӣ?

Шумо зани бесабру тоқат будаед, Александра Николаевна! Мон гапамро ба охир расонам, баъд ба гуфтаам сарфаҳм меравӣ! – , гуфт раис ва суханашро идома дод:

– Мошинатро дар ҷойи аввалааш баръакс гузор. Яъне қафояш ҷониби тиреза ва қисми пешаш тарафи офтоббаро бошад.

Бо шунидани қарори баровардаи раиси иттифоқи касаба Холиқов Ниёзмад бо табассӯм:

– Раис! Ба ростӣ қоил кардӣ. Охир, қафои мошин низ ойина дорад-ку?

Раис аз гуфтаи ҷабрдида каме дар ҳайрат монд. Сипас бо овози баланд:

– Холиқов! Измагиатро баск кун! Мошинатро баракӣ гузор, шудан мегирад!

Бо қарори баровардаи раис Холиқов қаноатмандона:

– Э, агар ақлам мегирифту мошинамро бо гуфти худат, дар таги дарахт мегузоштам, аз арзабозӣ ва кашокаш ҷонам халос мешуд. Беҳуда нагуфтаанд, ки: «Оқилон доно буванд».

Рӯзи дигар баъди кор Холиқови ғолибомада ба мошинаш, ки шишаи пешаш аз тозагӣ ялаққос мезад, нишаста, ифтихормандона ҷониби хонааш равон шуд.

## ГУРБАЧААМ ШИР МЕХОҲАД

**О**хирҳои фасли хазонрез буд. Мувофиқи нақшаи корӣ мо барои ислоҳи нуқсонҳои ҷойдоштаи хати барқи баландшиддати 110 килловолтаи «Норак-Себистон-Восеъ-Кӯлоб» ба шаҳри Норак сафар кардем.

Дар сутунҳои оҳанини хатҳои баландшиддат изоляторҳои шикастагиро бо наваш иваз кардем. Дар ҷойи дагар симҳои рӯшида ва харобшудаи байни сутунҳои оҳанинро лозим омад, ки аз таъмир барорем. Ва бо бачаҳо тасмим гирифтем, ки ҳарчӣ зудтар кор карда, камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, дар фасли зимистон кори мураттаб ва бенуқсонро таъмин намоем. Барои амалӣ шудани ин корҳо ба мо лозим омад, ки бо қувваи мошин симро кашида, шаддаи изоляторҳои шикаста ва симҳои нуқсондорро фароварда, бо изолятор ва сими нав иваз намуда, аз таъмир барорем.

Ронандаамон марди русзабони миллаташ немис буд. Ӯ марди харобандом, чашмонаш фурӯрафта ва абрӯвонаш болои чашмонаш хобида ва сурхрӯй буд. Ҳатто бинии каме дарозаш ҳам мудом сурх ба назар мерасид. Ба ӯ мошини одамкаши тамғаи «ГАЗ-66»-ро вобаста карда будем. Бисёрии вақтҳо, ҳини сафарҳои хизматиям, ҳамроҳи коркунони умур якҷоя барои таъмир ё раъфи садамаҳои рухдода маҳз бо ҳамин мошини нав ва ҷои нишастдор мерафтем. Баъзан вақтҳо дар ҳолатҳои корӣ кореро ба ӯ мефармудем, якравӣ карда ба кашолакорӣ роҳ медод. Ё баҳонае ёфта бо мошинаш машғул мешуду барқкорон барои кореро ба иҷро расонидан, ӯро мунтазир мешуданд. Ва оид ба ин рафтору кирдори ноҷояш, ки ба кори ҳаррӯзаамон халал мерасонид, борҳо ӯро огоҳ карда будам. То ин, ки ба қилиқҳои норавояш хотима бахшад. Вале ӯ

боз бо намуди дигар кирдори ношоямашро такрор мекард.

Имрӯз низ бачаҳо бо ғайрати дучанд кор мекарданд. Рӯз қариб бегоҳ шуда истода буд. Ногоҳ бинам, ки Голштейн Иван Адамович, ғур-ғуркунон ва худ ба худ гапзанон, ба ин тараф ва он тараф, қадам мезад. Азбаски рафтораш бароям маълум буд, ба ин кораш аҳмият надода, ба бачаҳо наздик шуда:

– Холов!

– Лаббай.

– Як илоҷ карда симро зудтар бардорем, ки ғур-ғури Иван Адамович бисёр шуда истодааст. Холов Абдуғафор бачаҳоро сарҷамъ намуда, симро таъмир карданд ва бо ғарғара бардоштан лозим буд. Барои осонии кор лозим буд, ки симро бо банд баста, аз ғарғарар гузаронида, бо қувваи мошин кашида ба шаддаи изоляторҳо пайваст намоем. Холов Ғаффор, ки иҷрокунандаи кор буд, ба Голштейн супориш дод:

– Иван Адамович! Мошинатро каме пештар рон! Симро бардоштанашон лозим аст.

Ӯ ба гапи Холов аҳамият надода, боз ғур-ғуркунон роҳгардиашро идома дод. Кишваров дид, ки ба супориши додаи иҷрокунандаи кор аҳмият намедиҳад, дарҳол худро ба наздаш расонид ва ӯро барои бардоштани сим супориш дод. Аммо ӯ супориши Кишваровро низ ба инобат нагирифт. Ин ҳолат овози Кишваров ба гӯшам расид:

– Худойқулов!

– Гапатро гӯй?

– Як назди мо биё!

– Ҳа? Чӣ гап?

– Иван Адамович симро бардоштан намехоҳад.

Зуд наздаш рафта, аз Голштейн пурсидам:

– Чаро ин қадар ғур-ғуркунон худ ба худ гап мезанӣ, вале супоришро иҷро намекунӣ?

– Рӯзи кориам тамом шуд. Ва боз ким чиҳои дигар гуфт, ки сарфаҳм нарафта, такроран пурсиданӣ будам, ки Кишваров:

– Ӯ мегӯяд, ки дар хонаам касе нест. Занаш ба ким куҷое рафтааст. Гурбачаи майдаашро шир доданаш лозим аст.

Ман дарҳол:

– Иван Адамович! Дар ҳақиқат, барои гурбачаат, норозигӣ дорӣ?

– Бале! Вай гурусна монда, касал шуданаш мумкин, охир!

– Ҳозир вақти бо ту ҳафту ҳашт кардан надорам. Зуд симро каш! Баъд роҳакӣ мешавем.

Симро бо изолятрҳо пайваст карда ба танзимгари Кӯлоб хабар додем. Баъди андаке гузаштани вақт бо мо дар алоқа шуда:

– Хати барқиро васл намудем. Бо муваффақият кор мекунад.

Бо шунидани хабари хуш роҳи Кӯлобро пеш гирифтем. Дар бари ронанда нишаста, ба чеҳраи нохушаш назаркунон аз дил гузаронидам:

« – Ин мард солиёни зиёдест, ки дар шаҳри Кӯлоб зисту зиндагӣ ва бо мо кор мекунад. Аммо то ин андоза бемасъулиятӣ ва ноодамиаашро нисбати коре, ки аз пушташ нону намак мехӯрад, гумон надоштам. Бо ин кирдор ва рафтораш бо ин марди шилқин минбаъд ба кор баромада наметавонем. Беҳтараш аз Исмоилов Иброҳим Исмоилович хоҳиш мекунам, ки ин худобехабарро ба кори дигар гузаронад.

Субҳи рӯзи дигар, чун ҳарвақта Иван Адамовичро ба наздам нахондам ва ба ӯ супориш надодам, ки омодаи кор бошад. Ҳамин тавр ӯ, ҳар саҳар мӯза ва либоси корӣ пӯшида ба кор меомад ва гирдогирди мошинаш даврзанон рӯзро бегоҳ, карда ба хонааш мерафт.

Рӯзе дар саҳни муассиса, сардори умури нақлиёт ва механизатсия Мизробов Гулмад бо ман вохӯрда, пас аз салому алек:

– Ба фикрам Голштейн гуноҳе содир кардааст. Охир, аз як ҳафта зиёд шуд, ки мошинаш аз ҷояш намеҷумбад.

– Ҳеҷ гап не! Як моҳ дам гирад, аз мукофотпулии чил – фоиза ва пулҳои аз сафарҳои хизматӣ мегирифтагиаш маҳрум гардад, баъд ақлаш ба ҷояш мерасидагист.

Билохир рӯзи аввали ҳафтаи ҷадид ӯро бо ронандаи дигар иваз намудем..

## НӮШИДАМ, АКНУН ЧӢ ТАВР БА КОР РАВАМ?

**Р**ӯзе дар саҳни муассиса Шоқурбонов Шарифхон маро дида, хандакунон сӯям наздик шуд:

– Акнун фаҳмидам, ин пирхар туро азоби бисёр дода будааст, ки дигар ба ҳиллаву найрангаш тоб наоварда, ӯро аз кор рондӣ.

– Шарифхон! Пирхар гуфта, киро дар назар дорӣ?

– Гӯё ӯро намедониста бошӣ.

– Охир, пирхар бисёр шудааст, кадомашро дар назар дорӣ?

– Э, Голшитейна дар назар дорам.

– Акнун ба гуфтаат сарфаҳм рафтам. Охир, корҳои ҳаррӯзайи умури мо ба худат маълум. Вақтҳое, ки садама рух медиҳад, барои коркунони мо шаб аз рӯз ва рӯз аз шаб фарқе надорад. Ними шаб бошад, рӯзҳои истироҳатӣ бошад, ҳатман ба кор баромаданамон лозим меояд. Ва барои як хати барқии 35,110,220 килловолтаро хомӯш сохтан ва корҳои таъмириро иҷро намудан баъзан як ё ду ноҳияро бе қувваи барқ мемонем. Аз ин лиҳоз, мо ҳаракат мекунем, ки ҳарчӣ бештар нуқсонҳои мавҷудбударо ислоҳ карда, барои кори мурратаби хатҳои интиқолдиҳандаи барқӣ замина гузорем. То ин, ки дар фаслҳои тирамоҳ ва зимистон ба хомӯшшавҳо хотима бахшем. Ин одами кӯтоҳандеш дар корҳои ҳаррӯзаамон ба ҷои ёрӣ додан, бо ҳар хел ҳиллаву баҳона ба иҷрои кор халал мерасонад.

– Ҳамин гуфтаҳоятро дар назар дошта, худатро тарафдорӣ карда истодаам, охир!

– Ташаккур! Вале ба ҳар ҳол, худат савоби Иван Адамовичро гирифтӣ-ку?

– Ҳе-е! Қизиқӣ накун! Ба ин ноодам, кори савоб кунӣ, гуноҳ мегирӣ.

– Охир, ӯро ба коре қабул кардӣ, ки як шабонарӯз кор карда ва се шабонарӯзи дигар кайф намуда дами беғам мегирад. Боз ман қизиқӣ мекардаам.

– Медонам, медонам. Кори шудагӣ шуд. Беҳтараш, имконият деҳ, ки гапамро гӯям.

– Майлаш, гап дошта бошӣ, гуфтан гир!

– Гуфтаниам, ки ин исқотӣ, як рӯз боби маро дод. Аз ҳамон рӯз дилам сарду эътиқодам аз ин ҳиллагар гашт, ки гашт.

– Чӣ шуд, ки дар борааш чунин гапҳоро раво дидӣ?

– Ҳафтаи гузашта боронҳои сел шуда буд-ку?

– Хай, давомаш.

– Рӯзи якшанбе, саҳарии барвақт аз хона баромада, идора омадам, ки аз вазъияти корҳо пурра огаҳӣ ёбам.

– Хеле хуб.

– О, худат ҳам, бо одамонат, барои ёфтани «замин» дар хати барқи 110кВ «Кӯлоб-Даҳана-Ховалинг» баромада рафтанӣ будӣ-ку?

– Ҳа? Рост. Бо ҳам вохӯрда, ҳолу аҳвол ҳам пурсида будем.

– Ана баъди ҳамон вохӯриамон, рост назди танзимгарон рафтам. Танзимгарӣ навбатдор маро дида, бо асаби парешон ва таъби хира сӯям нигариста:

– Шумо сардории шабакаҳои барқии Кӯлобро ба ӯҳда доред у лекин мошини садамавӣ бе ронанда мондааст?

– Ронандааш куҷо шуд?

– Касал шуду рафт. Телефонҳо беист занг мезананд. Дар шаҳр садамаҳо хеле зиёд шудааст. Баъзе муштариҳо аллакай ба ҳақорат ва таҳдидкунӣ гузаштанд. Боз ягон хулиган ё шӯрапушт омада моро, лату кӯб карда нараванд, мегӯям.

Бо шунидани суханони ҳақиқатомези тамзингар, ҳарфе ногуфта аз наздашон берун шудам. Ва дарҳол бо як мошини сабукрави шиносам савор шуда, таъҷилан роҳи хонаи Голштейнро пеш гирифтам. Ба назди хонааш расида, занги дарашро зер кардам. Пас аз лаҳзае дар кушода шуд ва башараи манфури ӯ ба чашмам аён гашт. Ӯ ҳарфе назада, сӯям нигоҳи ором ва бокароҳат карда хомӯширо ихтиёр кард. Дарҳол карахтии ӯро шикастанӣ шуда:

– Иван Адамович! Саломатиатон чӣ хел?

– Бад не. Раҳмат.

– Метавонам ба наздатон дароям?

– Марҳамат, дароед.

Ба хонааш даромадам ва сӯяш нигоҳ карда:

– Иван Адамович! Боронҳои пай дар пайи сел корамонро мураккаб сохт. Дар шаҳр ва гирду атрофаш кабелҳои зиёд аз кор баромада, якчанд трансформатор бо сабабҳои гуногун кор намекунад. Аз шамоли сахт қисме аз навдаҳои дарахтон шикаста, симҳои хатҳои барқи 0,4-6-10 килловолтаро канда аз кор баровардаанд.



Муштариён норозигӣ баён карда истодаанд. Имрӯз ронандагӣ навбати Бозоров Кароматулло буд. Касал шуда ба хонааш рафта аст. Хоҳиш мекунам, рафта ӯро иваз кун! – гуфта будам, ки пурсид:

– Такрор кун! Кӣ бояд навбатдорӣ мекард? – гуфта пурсид.

– Бозоров.

Бо шунидани номи Бозоров қавоқ андохта, намуди хунукашро аз пештара дида, хунуктар сохта:

– Ин нобакор доим фиреб мекунад, – гуфт ва аз дохили ҷевони дар наздаш буда як шиша араќи напа-наврο баровардa даҳонашро кушод. Ва як бакали калонро гирифта дарунашро моломоли арақ кард.

Ин иқдоми соҳибхонаро дида, гумон кардам, ки маро ҳамчун сардораш меҳмоннавозӣ мекунад. Вале гумонам хато баромад. Ӯ бакали моломоли арақро хомӯшона ба лабонаш наздик бурд ва қулт-қулткунон то охир нӯшид. Баъд бакалро дар ҷояш гузошт ва бо рангу рӯ ва бинии ин лаҳза сурхшудааш сӯям нигоҳкунон:

– Ана дидӣ, Шарифхон! Акнун чӣ тавр метавонам ба кор равам? – гуфт.

Аз ин қиссаи Шарифхон ҳам хандаам омад ва ҳам аз инсоне, ки бо мо дар як коргоҳ кору фаъолият намуда, нисбати вазифаи ба дӯшаш гузошташуда хунукназарӣ карда, корро қафо мекашад, таъбам хира шуда:

– Тавба, тавба. Одам то ин андоза бенангу номус, ҳиллагар ва коргурез мешудааст-а?

– Барои ҳамин худатро дида наздат омадам. Хайр, дигар дарди диламро ба кӣ гӯям. Охир, беҳуда нагуфтаанд, ки: «Дарди ғамзадаро ғамдор мефаҳмад» Агар вақтатро бо қиссаи ин одами шумшакл гирифта бошам, узур мехоҳам

– Боке надорад. Ба корҳоят барор мехоҳам.

– Саломат бошӣ, то дидана!

– То дидана…

## БА КӮРИ РАҶАБ ҲАМ ИТОАТ МЕКУНАМ

**Х**урсанд Абдулҳайзода (р.ш.б), ҳини сармуҳандисиаш дар ҳама кору бораш сахтгир ва серталаб буд. Сардорони Шабакаҳои барқии ноҳиявӣ, шуъбаву умурҳо ва умуман ҳама кормандони муҳандисию техникӣ, ҳини дар наздаш

супоридани имтиҳонҳо аз «Қоидаҳои баҳрабардорӣ», «Бехатарии зидди сӯхтор», «Госгортехнадзор», «Қоидаҳои техникаи бехатарӣ», дастурҳои истеҳсолию вазифавӣ ва дигар ҳуҷҷатгузориҳо ба саволҳояш ҷавоби дилхоҳ намедоданд, баҳо намегирифтанд. Аз ин лиҳоз бо тайёрии пура ба наздаш медаромаданд.



Сардори Шабакаҳои ноҳиявии Фархор Ҷаъфар Абдулхайров, ки саводнокиаш нисбати дигар сардорони Шабакаҳои барқӣ камтар буд, ҳини имтиҳон супоридан дар назди Хурсанд Абдулҳайзода азият мекашид. Рӯзе ҳангоми имтиҳони навбатӣ сармуҳандис ба ӯ савол дода мепурсад:

– Мувофиқи дастури вазифавӣ дар муассиса ба кӣ бояд итоат кунӣ?

– Аввал ба худи шумо, ҳамчун сармуҳандис. Ана баъд, ба раиси муассиса Исмоилов Иброҳим Исмоилович. Инчунин ба муовинонаш. Боз ба сардорони умуру шуъбаҳо.

Баъд каме фикр карда истода, – мегӯяд:

– Рафиқ, сармуҳандис! Ба ҳамаи коркунони муассиса, ҳатто ба кӯри Раҷаб ҳам итоат мекунам.

– Охир, кӯри Раҷаб, ҳама шуда ҷорӯбкаши гирду атрофи муассиса ҳасту халос? Ӯ ба ту чӣ дахл дорад?

– Дахл дорад, рафиқ сармуҳандис. Чунин ӯ ҳам коркуни ҳамин идора ҳаст-ку?

Хурсанд Абдулҳайзода аз ҷавоби додаи Ҷаъфар Абдулхайров хандакунон бо шаҳодатномааш имзо мегузорад.

## МАОШАМ КАМ, НОМАМ САРДОР БОШАД

**Б**о раис шудани Сироҷов Баҳром Сироҷович дар Ширкати саҳомию ҳолдингии кушодаи «Барқи тоҷик», гоҳ-ногоҳ ислоҳотҳое дар равиши кор ба мо омада мерасид. Рӯзе ба муассисаи мо низ, аз ШСҲК «Барқи тоҷик» бо имзои раиси ширкат фармоне ворид шуд. Мувофиқи ин фармон, мебоист номи вазифавии сардорони Шабакаҳои барқии ноҳиявиро иваз мекарданд. Яъне номи сардор ба номи устои калони Шабакаҳои барқӣ иваз карда шуда буд. Вале маоши моҳонаи устойи калонро нисбати сардор қадре зиёд намуданд. Ин рӯйдоди нав, қисме аз роҳбарони ноҳиявиро аз лиҳози каме баланд шудани маош хуш омада бошад ҳам, аммо бештари онҳо аз ин кор норозигӣ баён мекарданд.

Сардории Шабакаҳои барқии ноҳияи Фархорро Ҷаъфар Абдулхайров марди сабзина, миёнаумр, миёнақад, ба қаду басташ нигоҳ карда, тануманд ва солим ба чашм мерасид.

Шиками барҷаста, рӯяш каме дароз, мӯйи сараш ғӯллаи ба қафо шоназада ва абрувони ғафасе дошт. Мӯйлаби пушти лабаш, айнан ба мӯйлаби Адолф Гитлери хунхор монандӣ дошт. Ва агар мӯйи сарашро ба қафо не, балки болои пешонааш мефуровард, он гоҳ ӯро аз Гитлери фашист фарқ кардан ғайри имкон буд. Ва шояд аз монандиаш ба Адолф Гитлер бошад, ки дар ноҳияи Фархор, ӯро бармаҳал номи дувум гузошта буданд. Яъне касоне, ки ӯро дар кӯчаҳои ноҳия медиданд, Гитлерро дидӣ гуфта, аз сиккааш кайфу лаззат бурда механдиданд.

Худи Ҷаъфар Абдулхайров низ марди хушчақчақ буд.

Ӯ ягона сардори ноҳия дар минтақаи Кӯлоб буд, ки мудом шиму костюм, куртаи сафед бо галстук ба бар карда, дар сараш шляпа мепӯшид. Ва худро ба атрофиён шахси босаловат ва баландмартаба вонамуд месохт. Ӯ саводи кофӣ дар ҷодаи энергетика надошта бошад ҳам, солҳои пешин сарварии истгоҳи «дизелӣ»-ро дар ноҳия ба ӯҳда дошт. Вақте, ки неругоҳҳои обии «Сарбанд» ва «Шаршара» ба кор даромада, аз истифодаи дизелӣ даст кашиданд ва бо шурӯъ шудани сохтмони хатҳои интиқолдиҳандаи барқии 0,4-6-10-35кВ ва зеристгоҳҳои 35/10-6кВ ва 10-6/0,4кВ, ноҳияи Фархор ва қисме аз колхозу совхозҳои он вақтаро ба занҷири энергетикии минтақа, пайваст намуданд, дар биноҳои собиқ истгоҳи дизелӣ идораи Шабакаҳои ноҳиявии Фархорро таъсис доданд. Роҳбарияти Ҳукумати онвақтаи ноҳия аз набудани мутахасисони варзидаи соҳа Ҷаъфар Абдулхайровро ба сардори идораи навтаъсиси Шабакаҳои барқии Фархор таъйин намуданд. Ӯ бо ҷаҳду талош ва корбарии пайвастааш оҳиста-оҳиста мутахасиси соҳа шуда тавонист. Дар ноҳия ӯро эҳтиромашро ба ҷо оварда, раис гуфта ном мебурданд. Аммо номи Адолф Гитлерро аз ботинаш касе шуста натавонист. Ва гумон меравад, ки худи ӯ низ бо ин ном ифтихор мекард.

Рӯзе бо якчанд масъалаҳои истеҳсолӣ савори мошини сабукрави дударааш ҷониби шаҳри бостонии Кӯлоб роҳ пеш гирифт. Ҳини ба шаҳр расидан ба ронандааш супориш дод:

– Мошинатро ба тарафи сетевой ҳай кун!

Ронанда:

– Хуб шудааст, раис, – гуфта мошинаашро ҷониби муассисаи Шабакаҳои барқии Кӯлоб ронд. Онҳо вориди дарвоза шудан замон, садои нафарони зиёди саҳни муассиса, баланд шуд:

– Эҳе! Нигоҳ кунед! Гитлер омада истодааст.

Нафари дигар ба симои ӯ, ки дар пеши мошин нишаста буд, нигариста:

– Бачаҳо! Ба Худо қасам, ки аз Гитлери хонасӯхта ягон фарқе надора-е.

Вақте, ки ронанда мошинашро дар наздикии кормандони суҳбатороста қарор дод, ӯ аз мошин бо як кару фари ба худ хос фаромада, бо нафарони сӯяш нигоҳ карда истода:

– Ҳа? Чӣ, дар ин ҷо бекор истодаед! Чӣ, дар шумо корпор гуфтанӣ гапҳо нест магар?

– Раис, надидаву надониста ба мо начаспед. Аз гапоҳи дағал гуфтан, биёед бо мо кам-кам чақ-чақ кунед, охир.

– Бачаҳо, ман бо шумо ҳазл кардам. Боз нагӯед, ки раиси Шабакаҳои барқии Фархор одамгарӣ надоштааст.

– Не! Не! Раис, ин хел гапро ба шумо ҳеҷ гоҳ лозим намешуморем.

– Ин тавр ки бошад, хуб ҳастед?

– Хубем, хубем.

– Набошад, аз паси корҳоям мешавам. Магар дар ман камбудие дидед, ки сӯям хандидед?

– Э, не! Мо байни худмон чақ-чақу ханда доштем.

– Саломат бошед, то дидан.

Ҷаъфар Абдулхайров корҳои ҳисобу китобашро бо шуъбаҳои дахлдор ба анҷом расонида бошад, ҳам аммо як кори асосӣ ҳалу фасл нашуда буд. Ӯ барои амалӣ шудани мақсадаш ба назди раиси муассиса Исмоилов Иброҳим Исмоилович даромад. Раис ба чеҳраи каме хавос ва коҳидаи ӯ зеҳн монда:

– Ҳа? Абдулхайров! Ягон гап шудааст, ки ҳарвақта борин, на шухӣ мекунӣ на механдӣ?

– Э, раис. Охир, шумо коре кардед, ки аз шӯхию ханда ва чақ-чақ ҳам мондам.

– Гапатро фаҳмотар гӯй, ки мақсад ва маромтро фаҳмида тавонам.

– Раис! Аз рӯзе, ки номи сардориамро ба устои калон иваз кардед, аз гулӯям нон намегузарад. Бо дили хиҷилу табъи тира ба кор мебароям.

– Э, аҷоиб гап мезанӣ, Абдулхайров! Дар сардориат маоши кам мегирифтӣ. Ҳозир бошад, чун устои калон, маошатро бардоштем, боз меноли-а?

– Э, ман аз баҳри пулаш гузаштам.

– Барои чӣ, ин тавр ҳарф мезанӣ?

– Гапи ҳақро гӯям?

– Гуфтан гир!

– Маро мефорад маошам кам, вале номам сардор бошад.

Раис ба сиккаи раисмонанди ӯ нигариста:

– Рӯҳафтода нашав. Дидӣ, ки ягон рӯз боз номи устои калонро ба ягон номи дигар иваз намуданд.

– Бо шунидани сухани охирини раис, дар дили Абдулхайров изтироб пайдо шуда, каме ба фикр дода шуд:

«– Аз устои оддӣ, гуфтанаш, боз маро аз кор сабукдӯш насозад-а?», – ҳануз фикрашро ба итмом нарасонида:

Раис сӯяш нигоҳкунон:

Абдулхайров, чӣ ба фикр фурӯ рафтӣ?

– Мегӯям, ки номи устои калон ҳам, хеле баланд аст-ку?

– Баланд аст, баланд аст. Бисёр нанол, ки ношукрӣ одамро мезанад. А?

– Рост гуфтед, раис! Ин гапро дигар такрор намекунам, – гуфт ва бо раис худоҳофизӣ намуда, аз дар берун шуд.

## БА СИМЧӮБ БАРОМАДА, БАЪД СУПОРИШ ДИҲАМ?

**С**ироҷов Баҳром Сироҷович, ки муовинии раиси Сариттиҳодияи энергетикии Тоҷикистон, онвақта «Барқи тоҷик»-ро ба ӯҳда дошт, бо якчанд нафар сардори шуъбаву умур соле дар маҷлиси ҷамъбастии муассисаи Шабакаҳои барқи Кӯлоб иштирок намуд. Ӯ баъди шунидани баромади

раиси муассиса Исмоилов Иброҳим Исмоилович аз кору фаъолияти сардорони Шабакаҳои барқи шаҳру ноҳияҳо якяк пурсон шуд. Он вақтҳо азбаски вилояти Кӯлоб арзи вуҷуд дошт, ноҳияи Панҷ, ҳозира Ҷайҳунро ба гурӯҳи ноҳияҳои вилояти Кӯлоб шомил карда буданд. Ва дар маҷлиси имрӯза, сардори Шабакаҳои барқи ноҳияи Панҷ Фозилов гуфтанӣ марди ҷавон иштирок дошт. Ӯ марди тануманди бузургҷусса, хушчақчақ ва шӯхтабиате буд. Ва инсони ҳалиму саводнок буда, хатмкунандаи донишгоҳи политехники шаҳри Душанбе ба шумор мерафт.

Ҳине, ки навбати баромадаш расид, аз ҷой бархеста, сухан карда, оид ба пешравӣ ва камбудиҳои ҷойдошта, инчунин нарасидани маводҳои таъмирӣ, фикрашро иброз намуд.

Сироҷов Баҳром Сироҷович ба суханрониҳояш гӯш дода, бештар ба қаду қомат ва шиками барҷастааш таввачӯҳ намуд. Ӯ, ҳанӯз баромадашро ба охир нарасонида:

– Хеле хуб. Ба пешравию муваффақиятҳо ва камбудиҳои дар корҳоят ҷойдошта низ шинос шудам, акнун ба ман гӯй, ки бо ин қадду қомат ва вазни баданат, чӣ тавр ба тори симчӯб мебарои?

Фозилов дасту по нахӯрда, даъфатан:

– Муҳтарм Баҳром Сироҷович! Ба симчӯб баромада, баъд супориш диҳам, – гуфта буд, ки тамоми одамони дар зол нишаста ва худи Баҳром Сироҷовичро низ, лашкари ханда ба ҷаҳони кайфу осоиши худ кашид.

## ИЗОЛЯТОРҲОИ НУҚСОНДОРРО ДЕР МУАЙЯН МЕКУНЕД!

**А**йёми баҳорони солҳои 1980-82 аз раъду барқ ва боронгариҳои шадиди пай дар пай, бештар дар хати барқи 110кВ «Кӯлоб»-Даҳана-Ховалинг-Шугнов, «замин» пайдо шуда, хомӯшшавиҳо ба вуқӯъ мепайваст. Ва аз нав васлкунии автоматии хати барқӣ натиҷае намедод. Яъне, хати барқӣ пайваст намешуд. Баъди гаштан ва санҷидани хеле зиёд маълум гардид, ки раъду барқи пайдошуда ба шаддаи изоляторҳо бархӯрда, аз изолятори аввал сар карда то охи-

ринашро сӯрох кардааст. Ҳаҷми сӯрохии пайдошуда ба тангаи яктина баробар буд. Аз ин лиҳоз ҳини гаштан ва муоина намудани хатҳои баркӣ на ба ҳар барққор имкон пайдо мешуд, ки сӯрохии дар изоляторҳо пайдошударо дида тавонад. Бо ёфтани нуқсонҳои дар боло номбурдашуда мо дарҳол шаддаи изоляторҳои сӯрохшударо ба наваш иваз мекардем.

Ин гуна нуқсонҳои аз раъду барқ пайдошуда дар хати барқи 110кВ «Кӯлоб-Даҳана», «Ховалинг-Шуғнов», зуд-зуд рух дода, боиси норозигии муштариён гашта, ба Ҳукумати шаҳр ва ШСҲК «Барқи тоҷик» шикоят мекардагӣ шуданд.

Дар ҷамъбасти сол комиссияи санҷишӣ бо роҳбарии муовини раиси ШСҲК «Барқи тоҷик» Сироҷов Баҳром Сироҷович иштирок карда, оид ба бурду бохти корҳои муассиса фикру андешаҳояшонро иброз намуданд. Инчунин бароиислоҳи камбудиҳо дастур ва супоришҳои лозимӣ доданд. Баъд бо хоҳиши худи Сироҷов Баҳром Сироҷович, мо сардорони шуъбаву умурҳо бо иштироки роҳбарияти муассиса дар наздаш ҳозир шудем. Ӯ бо навбат аз ҳар кадомамон оид ба корҳои ҳарӯзаамон ва камбудиҳои дар кор мавҷудбударо пурсон шуд. Ҳине, ки навбат ба ман расид, ӯ сӯям маънидорона лаҳзае назар афканд. Сипас ҷониби раиси муассиса Исмоилов Иброҳим Исмоилович ва сармуҳандис Хурсанд Абдулҳайзода нигариста:

– Тарбияи мутахасисони ҷавонро ба роҳ монда истодаед. Ҳа?

– Бале. Баҳром Сироҷевич, охир ин вазифаи мост. Ба тарбияи кадрҳои ҷавон доимо бояд машғул шавем.

– Хеле хуб, – гуфт ва ҷонибам нигариста:

– Ба фикрам, дар шуъбаи сохтмони асосӣ кор мекардӣ.

– Дуруст, Баҳром Сироҷевич!

– Дар кори нават пешравиҳо ҳаст?

– Кӯшиш мекунем, раис. Аммо..., – гуфта қадре хомӯширо ихтиёр карда будам, ки пурсид:

– Фикратро рӯирост иброз намо!

– Охир, кормандони умури мо қариб ҳар рӯз роҳи дуру дарозро тай намуда, баъд ба ҷои кориашон мерасанд. Дар мошинҳое, ки онҳоро аз муассиса савор карда, дар фасли

гармову сармо ва боронгариҳо барои иҷрои корҳои ҳаррӯзаамон мебарем, қариб ҳамааш касал ва корношоям шудаанд.

– Истед! Истед! Шумо ҳам умури хатҳои баландшиддат ва ҳам неругоҳҳои барқиро ба ӯҳда доред. Ҳа?

– Дуруст, Баҳром Сироҷевич!

– Фикратон дуруст аст. Роҳбар пеш аз ҳама бояд шароити кориро таъмин, баъд корро талаб кунад. Дуруст гуфтам?

– Гуфтаҳоятон ҳақанд, раис.

– Ман ба муассисаи шумо чор адад кабинаи панҷҷоя мефиристам. Дутоашро танҳо ба умури шумо, шунидед, Иброҳим Исмоилович!

– Дуруст гуфтед. Яктоашро ба гурӯҳи хатҳои баландшиддат ва дуюмашро ба гурӯҳи зеристгоҳҳои барқии умур ҷудо мекунем.

– Хеле хуб, – гуфт Баҳром Сироҷович ва ба симоям нигоҳкунон:

– Аз рӯи ахбороти ба ман расида, огаҳӣ ёфтам, ки дар мавсими раъду барқ ва боронгариҳо дар шаддаҳои нуқсондор изоляторҳоро сари вақт муайян намекунед. Аз кашолакории шумоён, муштариён ба мо арзу шикоят мекунанд. Канӣ, гап зан. Чӣ бояд кард, ки ба ин бесарусомониҳо хотима дод?

Азбаски дер боз ин соатро интизор будам, бе ягон мулоҳиза ба муовини раис:

– Мо бо асбоби лозимӣ, ки дар ҳолати муоинаи хатҳои барқӣ, махсусан изоляторҳо, хеле заруранд, муҷҷаҳаз нестем.

– Кадом асбоб?

– Дурбин, муҳтарам раис!

Ӯ каме ба симоям синчакорона нигоҳ карда:

– Чандто чунин дурбини гуфтагиатро доред?

– Ягонто ҳам надорем, гуфта будам, ки рӯяшро ҷониби Иброҳим Исмоилович гардонид. Ӯ бо ишораи сар ба ӯ фаҳмонид, ки дуруст мегӯяд. Сипас аз ӯ пурсид:

– Дар муассиса чандто дурбин доред?

– Чунин асбоб умуман дар мо вуҷуд надорад, Баҳром

Сироҷович!

– Ин тавр, ки бошад, пас аз инҳо чӣ тавр талаб мекунем, ки нуқсонро муайян кунанд, – гуфта афзуд ва сӯям нигариста:

– Ба шумо чандто дурбин лозим?

– Имконият бошад, ба ҳар як барқчӣ лозим, – гуфта будам, ки ҳама, аз он ҷумла Баҳром Сироҷовичро низ, хандааш омад. Худро ба даст гирифта суханамро идома дода:

– Даҳ адад ба мо ҳатман лозим аст. Чунки ба умури зеристгоҳҳои барқӣ низ ақҷалан ду адад ҷудо кардан лозим меояд.

Ӯ бо мулоиматӣ ва хаёломез:

– Ҷудо мекунем! – гуфт.

Баъд ба раиси муассиса нигоҳкунон:

– Ҳатман ба ҳамин умур супоред!

Бо гирифтани даҳ адад дурбин ва ду кабинаи панҷҷоя шароити кориамон хеле беҳтар, муоина намудан ва муайян кардани нуқсонҳо дар хатҳои барқии баландшиддат ва зеристгоҳҳои барқӣ хеле ва хеле осон гардид.

## ГОҲЕ КОРУ ГОҲЕ ХАНДА

**Р**аиси муассиса Иброҳим Исмоилович бисёр мехост, ки дар корҳои таъмирӣ, садамавӣ ва ба симчӯҳо, сутунҳои оҳанин ва оҳану бетонии хатҳои интиқолдиҳандаи барқии 0,4-6-10-35-110-220-килловолта шахсоне сару кор дошта бошанд, ки солиму бардам, вале фарбеҳ набошанд.

Дар умури хатҳои интиқолдиҳандаи 35-110-220кВ, ки сардориашро ба ӯҳда доштам, Саидов Файзулло (р.ш.б.) кору фаъолият мекард. Ӯ марди миёнақад, рӯйгирд, гунаҳояш сурхи фарбеҳ, обрӯвони сиёҳи каме ғафс ва шиками барҷастааш дар назар ӯро хеле фарбеҳ вонамуд месохт. Илова бар ин, марди вақтхуш, хушчақчақ ва давраоро буд. Ӯ қобилияти хуби корӣ дошт ва интизомаш намунавӣ буд. Инчунин вазифаи иҷрокунандаи корро ба ӯҳда дошт. Рӯзе дар хати барқии 110кВ ЛПК-1 «Сарбанд-Олимтой-Восеъ», дар қисмати Сарбанд-Олимтой садама рух дод ва пайвасти автоматӣ натиҷа набахшид. Яъне, ин маънои онро дошт, ки

дар кадом як қисмати хати барқии номбаршуда садама вуҷуд дорад. Танзимгарон муайян намуданд, ки тахминан дар наздикиҳои ноҳияи Вахши вилояти Хатлон чӣ ҳодисае шудааст, ки боиси садама гардидааст. Вале сабабш то ҳанӯз муайян карда нашуда буд. Барои кофта ёфтан ва муайян намудани нуқсон, инчунин барқарору пайваст кардани хати барқии мазкур, бо сардории худам, дар ҳайати Кишваров Аҳмад, ки ба ҳайси устои калони умур кору фаъолият мекард ва барққорони умур Саидов Файзулло иҷрокунандаи кор, Аристов Виталийи барққор, Абдураҳмонов Файзалӣ ва боз ду барққори нав ба кор омада ва ронанда Сайфуллоев Изатулло субҳи барвақт ҷониби ноҳияи Вахш раҳсипор шудем. Барои ёфтан ва барқарор кардани садама мо бо худ дурбин ва ҳамаи маводҳои таъмирӣ, аз қабили изолятор, сими алюминии барқии буриши кундалангиаш ба симҳои хати барқи мавҷуда мувофиқ. Зина барои баромадан дар сутунҳои оҳану бетонӣ, асбоби симтобдиҳӣ ва дигар олотҳои корӣ ва қисмҳои эҳтиётиро бо худ гирифта будем.

Ба мо супориш шуда буд, ки ҳолати симҳо ва изоляторҳоро дар пояҳои оҳанин аз мавзеъи Олимтой ва шохае, ки ҷониби ноҳияи Фархор то зеристгоҳи 110/35/6кВ «Насосная» раванда муоина намуда, нуқсонро ёбем. Мо қад-қади хати барқӣ бо мошин нигоҳкунон, оқибат ба ноҳияи Вахш наздик шудем. Баъди бодиққат дидан ва муоина намудан дар сутуни оҳанини рақами 174 сабаби садама бароямон аён гашт. Дар як шаддаи изоляторҳои овезон, шояд аз ҷониби шикорчие бошад, ки ҳини ягон парандаро нишон гирифтан ва паронданаш, ҳамаи изоляторҳои дар шадда буда, шикаста корношоям шуда буданд. Асбобҳо дар зеристгоҳи 110/35/6кВ «Кӯлоб» «замин», нишон медод. Ман дарҳол бо алоқаи «ратсия»-гии дар мошин васлшуда ба тамзингари Кӯлоб дар тамос шудам. Имрӯз ба ҷои танзимгар барои ҳарчӣ зудтар ёфтан ва барқарор кардани садамаи рухдода навбатдориро сардори умури танзигарон Худоёров Раҳмон ба ӯҳда гирифа буд. Ҳине ки алоқа барқарор шуд, овози Худоёров Раҳмонро шунидам:

– Худоёров дар алоқа. Гӯш мекунам.

– Худойқулов дар алоқа.

– Корҳо чӣ хел? Садамаро ёфтед?

– Ёфтем, дар сутуни оҳанини рақами 174

– Чӣ ҳодиса рух додаст?

– Дар «фазаи»-и «А» ҳамаи изоляторҳо шикаста рехтаанд.

– Ин тавр, ки бошад, рақами корхатро низ ба ман гӯед!

– Рақами 37.

– Ному насаби шахсони дар корхатбударо низ гӯед.

– Навис! Роҳбари кор Кишваров Аҳмад, гурӯҳи бехатариаш панҷӯм, иҷрокунандаи кор Саидов Файзулло, барқчӣ гурӯҳи бехатариаш чорӯм, барқчиён Абдураҳмонов Файзалӣ гурӯҳи бехатариаш чорӯм, Аристов Виталий, гурӯҳи бехатариаш сеюм ва ронанда Сайфуллоев Изатулло, гурӯҳи бехатариаш дуюм.

– Пеш аз оғози кор набудани шиддатро дар симҳо санҷида, мувофиқи корхат заминпайванди рақами 1 ва 2-ро пайваст намоед. Аз тарафи НБО-и «Сарбанд» ва зеристгоҳи 110/35/6кВ «Кӯлоб» кордҳои заминӣ васл шудаанд. Ба шумо барори кор мехоҳам.

– Ташаккур.

Акнун барои бехатар кардани ҷои корӣ ба Абдураҳмонов Файзалӣ супориш дода шуд, ки банди беохирро дар миёнаш баста, ба сутуни оҳанини рақами 173 барояд. Ӯ чолокона, вале эҳтиёткорона ба боло баромада, ба китфи сутун (траверс) наздик шуд ва худро дар танаи сутун баст ва бехатарии хешро таъмин сохт. Баъд овоз баровард:

– «УВН-90»-ро ба охири банд бандед!

Саидов Файзулло дарҳол асбоби ченкунии шиддати баланд «УВН-90»-ро бо дастпӯшакҳо якҷоя бо банд баста:

– Бандро, оҳиста-оҳиста кашидан гир! Асбобро бо дастпӯшакҳои ҳимоявӣ бастам, – гуфт.

– Фаҳмидам.

Ӯ эҳтиёткорона бандро кашида, асбобҳоро гирифт ва дастпӯшакҳои ҳимоявиро ба дастонаш кашид ва эҳтиёткорона нӯги асбобро ба симҳо, бо навбат расонид, ки шиддатро нишон надод.

Сипас асбобро бо банд ба замин фароварда буд, ки Ари-

стов Виталий дарҳол ду заминпайвандро ба банд баста:

– Файзалӣ! Бандро каш! – гуфт.

– Шунидам, ҳозир бандро мекашам.

Ӯ эҳтиёткорона, аз ин тарафи сутун ба он тарафи сутун чун дорбозони асил гузашта, дар баландии тақрибан бист-бисту як метр, аз ҷони ширинаш наҳаросида дар ҳар се сим заминпайванди рақами якро ҷониби НБО-и «Сарбанд» гузошт. Заминпайванди рақами дуро ҷониби зеристгоҳи 110/35/6кВ «Кӯлоб» дар сутуни оҳанини рақами 175 Салимов Наим гузошт. Сипас Саидов Файзалӣ мувофиқи талаботҳои техникаи бехатарӣ ҳамроҳи Аристов Виталий охири ҳарду заминпайвандро ба замин халониданд. Ба Абдураҳмонов Файзалӣ супориш дода шуд, ки ба замин фаромада дам гирад. Ва барои иваз кардани изоляторҳо иҷрокунандаи кор ба Арвстов Виталий супориш дод. Азбаски таҷрибаи кории ин ҷавони русзабон кам буд, дар дилам ҳаросеро ҳис кардам. Охир, баъди ҳар соат бо алоқаи «ратсия»-гӣ Худоёров Раҳмон занг зада, рафти корҳои барқароркуниро пурсида, таъкид мекард, ки нуқсонро ба садама нагузаронем.

Он вақтҳо мувофиқи дастурҳои аз «Минэнерго СССР» омада, агар нуқсон дар давоми бисту чор соат ёфта барқарор карда намешуд, садама ҳисобида мешуд. Ва шахсони мутассадиро ҷазо медоданд. Ана аз ин лиҳоз, безобита шуда будам. Баъди бо қувваи мошин ва банд шаддаи изоляторҳоро озод кардан ва ба замин фуровардан шаддаи изоляторҳои навро ба боло баровардан, кор кашол ёфт. Илова бар ин осмонро абрҳои сиёҳ фаро гирифта, кам-кам заррачаҳои борон ба замин ва сару рӯямон меборид. Шамоли шиддатгирифта дар дилам тарсу ҳаросро ҷой кард. Ба ақрабаки соат нигаристам, ки рақами шаши бегоҳро нишон медод. Акнун дилам аз садама ҳарос надошт, балки аз бебарқ мондани шаҳру навоҳии Кӯлоб маро дар ташвиш гузошт. Ба Кишваров Аҳмад, нигоҳ карда:

– Оқибати кор чӣ мешуда бошад-а?

Ӯ магар мақсади маро пай бурд, ки норозиёна:

– Дар чунин ҳолатҳо чун Холов Ғаффор, Сайидов худаш баромада, корро тезонданаш лозим буд?

Бо худам ҳамфикр будани Кишваров Аҳмадро дониста, ҷониби Саидов Файзуллоро, ки ба кору бори танбалонаи Аристов назар мекард ва ҳарфе намезад, наздик шуда:

– Саидов! Дониста мон! Агар нуқсонро ба садама табдил диҳем, он гоҳ ҳамаамон аз мукофотпулии ин моҳ монда, боз ҷазо низ мегирем, – гуфта будем, ки ӯ ба сутуни оҳанин наздиктар шуда, овоз баровард:

– Аристов! Аристов!! Э,… Чӣ мақом дорӣ? Кора ба зудӣ буд накунӣ, ана бад рӯзата мебинӣ! Танбали гарданғафс!

Овози Аиристов низ, шунида шуд:

– Саидов! Ҳозир буд мекунам. Телба нашав, охир!

Хушбахтона, пас аз лаҳзае чанд, рӯз торик нашуда, нуқсон барқарор карда шуд. Замипайвандҳоро аз симҳо гирифта ба танзимгар хабар додем. Ва баъди васл намудан ва бомуваффақият додани неруи барқ ба муштариён, нафаси тозае кашидем.

Азбаски бачаҳо бисёр монда ва гурусна шуда буданд, ҳама ба қароре омадем, ки шабро дар хонаи Қаҳоров Абдуҷаббор рӯз карда, баъд субҳидам ба Кӯлоб баргардем.

Қаҳоров Абдуҷаббор сармуҳандисии Шабакаҳои барқии ноҳияи Вахшро ба ӯҳда дошт. Мо пурсу поскунон дар торикии шаб ба дари хонааш расидем. Ӯ моро дида хушнудона қабул кард ва обу зиёфат дод. Ва пагоҳ баъди тановули хӯроки наҳор, мо бо ин марди инсондӯст ва хайрхоҳ, ки чандин сол бо мо дар муассисаи Шабакаҳои барқии Кӯлоб кору фаъолият карда буд, хайру хуш кардем.

Рӯзи дигар вақте ману Кишваров Аҳмад, Саидов Файзулло бо чанде аз коргарон дар як гӯшаи саҳни ҳавлии муассиса, истода суҳбат мекардем, раиси муассиса Исмоилов Иброҳим Исмоилович аз наздамон гузашта истода, бо мо саломкунон ҳазломез:

– Саидуф! Чӣ, чора андешидан лозим, ки одамони фарбеҳ камакак хароб шаванд? – гуфт.

– Раис! Ягон кор кардан лозим нест. Маоши моҳонаашро, ки шаст сум кардӣ, гушна монду хароб шуд, бе ягон чора андешидан мурда меравад.

Аз ин ҷавоби шӯхиомез, вале ҳақиқатдошта ҳама якҷоя

хандидем.

## БА КОР НЕ, БА ҶАҲАНАМ ФИРИСТОДӢ
## (Қисса)

**С**оли 1982 буд. Аз зиёд шудани хомӯшшавиҳо ва рӯх додани садамаҳо дар хатҳои интиқолдиҳандаи барқии 35-110-220 килловолта роҳбарияти муассисаи Шабакаҳои барқии Кӯлоб хоҳишамро ба инобат гирифта, умурро ду қисмат намуданд. Яъне ман аз соли 1979 то соли 1982 сардории умури хатҳои интиқолдиҳандаи барқии 35-110-220 килловолта ва зеристгоҳҳои барқии 220/110/35/10-6 килловолтаро ба ӯҳда доштам.

Соли 1981 роҳбарияти муассиса маро ба сафари эҷодӣ ба муассисаи Шабакаҳои барқии вилояти Суғд, ки дар шаҳри Қайроқум арзи ҳастӣ дошт, фиристод. Ба сохтори созмондодаи муассиса шинос шуда, бисёр иқдомҳои нек ва навовариҳоеро, ки ба манфиати кор буд, дида баҳра бардоштам. Дар он ҷо умури хатҳои интиқолдиҳандаи барқӣ ва ҳам зеристгоҳҳои барқӣ аз ҳам ҷудо ва мустақилона амал мекарданд, ки бо мутахассисони болаёқат ва техникаву таҷҳизотҳои зарурӣ муҷҳаҳаз шуда буданд. Аз ин лиҳоз дар ду умур кор мувофиқи талабот ба роҳ монда шуда буд. Баъди бозгашт аз шаҳри Хуҷанди бостонӣ ҳисоботи эҷодиамро ба сармуҳандис Хурсанд Абдулҳайзода пешниҳод намудам. Ӯ ҳисоботи пешниҳодкардаамро баъди дида баромадан фикрамро оид ба ду қисмат тақсим намудан ва мукаммал сохтани умури хатҳои баландшиддат ва зеристгоҳҳои барқӣ тасдиқ кард.

Акнун баъди таъсис ёфтани умури хатҳои интиқолдиҳандаи барқии 35-110-220кв, маро боз сардор таъйин намуданд. Азбаски утоқҳои кории холӣ дар ҳудуди муассиса боқӣ намонда буд, маро дар хонаи чархдор, яъне «Вагон»-и дуҳуҷрадор ҷо намуданд. Ин хонаро дар наздикии дари даромади муассиса, пушташро ҷониби офтоббаро ва рӯяшро тарафи офтобнишин, бо қувваи кормандони умур гузоштем. Ва як ҳуҷраашро барои утоқи кории худам, ҳуҷраи дигарашро барои устои калон Кишваров Аҳмад ва

кормандони умур ҷудо намудам. Акнун чӣ хеле, ки дар урфият мегуянд «Аз борон гурехта, дар барф задам», – гуфтагӣ барин, ҷойи сердолу дарахт ва бароҳати дар зеристгоҳи 110/35/6кв «Кӯлоб» будаpo гузошта, дар «вагон»-и гарму сард ба кор шурӯъ намудам.

Рӯзе коркунони умурро бо сардории Кишваров Аҳмад ба кор равон карда, худам ба дидану санҷидан ва ҷобаҷокунии ҳуҷҷатҳоям машғул шудам. Ин дам котибаи раис ба ман занги телефонӣ зада:

– Худойқулов! Шуморо раис дидан мехоҳад, – гуфт.

– Ҳозир ба наздаш меравам.

Чун вориди утоқи кории раис шудам, чашмам ба марди ҷавоне афтид, ки дар наздаш нишаста, бо ӯ суҳбат мекард.

Исмоилов Иброҳим Исмоилович бо дидани ман хушнудона овоз баровард:

– Даро, даро! Худатро интизорем, – гуфта, маро бо меҳмони дар наздаш буда:

– Ин кас Насимов, шинос шавед!

Бо меҳмон дастӣ салом карда, дар рӯ ба рӯяш, акнун нишаста будам, ки раис сӯям нигоҳкунон:

– Ин кас хатмкардаи донишгоҳи олии техникӣ, ҳамкасби худамон. Бо амри тақдир аз Бадахшони Кӯҳӣ хеста, барои кору фаъолият намудан ба шаҳри мо омадааст. Ҳамчун сардори умур барои кор кардани ин кас дар умур, чӣ пешниҳоде дорӣ?

– Раис! Ин кас муҳандиси соҳаи барқ. Ба ҳайси барқкори қаторӣ кор карданашро муносиб намебинам.

– Дуруст гуфтед. Аммо барқкори қаторӣ не, балки ба ҳайси устои умур фармон мебарорем. Лекин, донистан мехоҳам, ки худат розӣ ҳастӣ?

– Чаро не? Охир, умурро мукаммал карданамон зарур аст. Ҳолатҳое мешавад, ки Кишваров нотоб шуда ба кор намебароянд, ё дар ду-се хати барқӣ дар як вақт садама рух медиҳад. Дар чунин ҳолатҳо кормандонро ба ду ва ҳатто ба се гурӯҳ дар як вақт ба кор фиристодан лозим меояд, ки барои ҳар гурӯҳ иҷрокунандаи кор ва роҳбари кор лозим аст.

– Бале! Гуфтаҳоятон дурустанд. Хайр, ман чӣ гуям? Гапи мегуфтагии маро худат гуфтӣ. Ин тавр, ки бошад, розигиат-

ро дар поёни аризааш навис ва имзо гузор!

Ҳамин тавр, ҷавонмарди бадахшӣ бо мо шарики корӣ шуда, ба кори серталаб ва serташвиш, вале ба халқу Ватан нафъовар, шурӯъ намуд.

Насимов ҷавони қоматбаланд, гандумгун, мӯйи сараш сиёҳи ҷингила, муйлабҳои сиёҳи паҳн ва қадре баландшудааш, ба гунаҳои сурх ва зебояш шинам ба назар мерасид. Чашмони гӯсфандӣ ва дандонҳои сафеди зебояш ҳини бо ӯ суҳбат оростан аён мегашт. Ӯ ҷавони оромтабиат, ҳалим, боодоб ва маданӣ буд. Ва ҳатто, ҳини ба кор омадан, шиму костюми сиёҳи напа-нав, куртаи сафед бо галстук ва туфлии сиёҳи ялаққосӣ мепӯшид. Ману Кишваров ин рафтори ҷавони бадахширо дида, гоҳ-ногоҳ дар ғайбаш:

– Кишваров! О, бо ин сару фукаш Насимовро чӣ тавр ба кор равон мекунем-а? – гуфта мепурсидам.

– Бо супоришат ба ӯ либоси корӣ: «плаш»-и обногузар, як ҷуфт мӯзаи резинӣ ва сарпӯши ҳимоявӣ дода, имзояшро дар дафтари қайдҳо гирифтам.

– Чун афсарони ҷангӣ мусаллаҳ кардам, гӯед.

– Баростӣ, дар боронҳои шадид ва барфу сардиҳо рӯзҳое, мешавад, ки зиёда аз сад километр роҳро тай намуда, аз субҳ то шаб бо шиками гурусна аз пайи ёфтануислоҳи садама мешавем, гумон мекунам, ки кори мо аз кори ҳарбиён, фарқе надорад.

– Ҳ-а-а? Дуруст мегӯй. Аммо нозукӣ ва мушкилии кори моро ба ғайр аз худамон каси дигар фаҳмида наметавонад. Ҳатто садрнишинҳо ҳам намедонанд. Охир, ҳазрати Ҳофиз беҳуда нагуфтааст:

«Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил.

Куҷо донад ҳоли мо сабукборони соҳилҳо».

* * *

**А**кнун, бо гузашти вақт Насимовро ҳамроҳи барққорони умур оиди корҳои ба нақша гирифташуда, яъне муоина ва муайян намудани нуқсонҳои ҷойдошта дар хатҳои баландшиддат сафарбар мекардагӣ шудем. Инчунин дар ислоҳи нуқсонҳои ба нақшагирифташуда ба ӯ супориш медодем, ки

бо зердастон худаш кор карда, нозукиҳои корро аз бар кунад.

Рӯзе аз умури танзимгарон ба мо хабар доданд, ки дар хати барқии 35 килловолтаи «ЛКШ-1» чандин маротиба хомӯшшавиҳо ба вуқӯъ пайвастааст. Хати барқиро дида, муоина намуда, нуқсонро ёфта, ислоҳ намудан зарур аст.

Имрӯз аз шаб осмонро абрҳои сиёҳ фаро гирифта, гоҳ-ногоҳ меборид. Ба Кишваров супориш дода:

– Дар мошини Сайфуллоев Изатулло асбоб ва анҷомҳои лозимӣ, қадре изолятор, сими алюминии буриши кундалангиаш ба симҳои хати барқӣ мувофиқ, қисмҳои эҳтиётиро низ ҳарчӣ зудтар бор кунед!

– Ҳозир ташкил мекунем.

– Ҳоло гапамро тамом накардаам. Азбаски ин хати барқӣ дар наздикии шаҳр аст, ҳамаашонро ба кор сафарбар кун! Дар ҳолатҳои зарурӣ шумоёнро дарҳол ёфта метавонем.

– Майлаш.

– Боз як хоҳиши дигар дорам.

– Гӯш мекунам.

– Худат ва Насимов ҳатман ҳамроҳи бачаҳо дар кофтан ва ёфтани нуқсон иштирок кунед. То ин ки сабаби хомӯшшавиҳо ҳар чӣ зудтар муайян гардад.

Кишваров бо имои сар гапамро тасдиқ кард ва шитобон аз наздам баромад. Ӯ ҳамроҳи Насимов ва кормандони умур асбобу анҷоми лозимиро ба мошин бор карда, акнун ба роҳ мебаромад, ки овози Кишваров аз берун ба гӯшам расид:

– Насимов! Биноклат канӣ?

Овози Насимов, баланд садо дод:

– Бачаҳо, бинокл доранд. Ба ман чӣ лозим? Обход, осмотр накунам.

– Зудтар биноклатро гир! Дуямон низ дар кофтан ва ёфтани нуқсон ҳатман иштирок мекунем.

Насимов суйи «Вагон» омада истода, худ бо худ, ғур-ғуркунон:

– Э. худо, кору бора бин-а, мастер шуда, пойи пиёда, бо шим ва костюми нав, қад-қади симҳо нуқсон кобам-а? Боз кор гуфта аз Помир ба Кӯлоб омадам.

Пас аз андаке Насимов бо биноклаш вориди мошин шуд.

Ӯ дар бари Кишваров нишаста буд, ки мошин ба ҳаракат даромад ва аз дари муассиса берун шуд. Ин ҳолат садои ваҳмангези тундари баҳорӣ ҳама ҷойро пахш кард. Баъди фурсате раъду барқи чашмхиракунандае дар самои бекарон худро намоиш медодагӣ шуд, ки қатраҳои борон оҳиста-оҳиста замин ва дарахтонро бо таркунӣ даромад. Баъди начандон дақиқаҳои тӯлонӣ садои тундар ва равшании барқ такрор шуд. Борон бошиддат ба боридан шурӯъ намуд.

Бо ёфтан ва ислоҳ намудани изоляторҳои шикаста дар сутунҳои оҳанин бегоҳӣ баъди кор барқкорони умур вориди муассиса шуданд. Ҳине ки Насимов ҳамроҳи бачаҳо аз мошин фаромада, асбобу анҷомҳоро дар анбори умур мегузоштанд, наздашон рафтам.

Вақте чашмам ба Насимов афтод, ӯро бо шиму костюми тар ва ғиҷимшуда, мӯзаҳои лойолуд, «плаш»-и баданаш тар ва аз миён поёнаш лойолуд, мӯйҳои сараш жулида, бо чеҳраи коҳида, сӯям нигариста буд, ки аз ӯ пурсон шудам:

– Корҳоро ба анҷом расонида баргаштед? Худатро хуб ҳис мекунӣ?

– Гаштанба гаштем. Локин ин аҳвола бин! Ҳамин бадани тар ва либосҳои лойолудамро дида боз мепурсӣ, ки хуб астӣ? О, кучҷоям хуб аст.

– Барои лойолуд нашудан либосҳои корӣ пушиданат лозим буд. Акнун гапамро фаҳмидӣ?

Бо шунидани суҳбати ману Насимов, Кишваров дари анбори асбоб ва анҷомҳои кориро қуфл зада, ҳамроҳи бачаҳо наздамон ҳозир шуд. Ба зуққишу норозигии Насимов, дигар ҳарфе назада аз Кишваров пурсидам:

– Сабаби шикастани изоляторҳоро муайян карда тавонистед?

– Хати барқӣ на он қадар дур аз манзили одамон мегузарад. Шояд бачаҳо бо санг зада бошанд. Ё шикорчие парандаеро дар болояш дида, бо камон нишон гирифта, паронда бошад. Гумон мекунам, ҳаминҳо сабаб шуда метавонанду халос.

Насимов аз гуфтаҳои Кишваров рӯҳ гирифта:

– Албатта! Дигар чӣ сабаб мешавад. Хайр, агар булдозер

ба болояш ҳаракат мекард, гапи дигар буд.

Бачаҳо аз луқмапартои ва шеваи гапзании дӯстӣ бадахшониашон кайф бардошта, мондагӣ ва гуруснагии худро фаромӯш карда, ҳама яку якбора бозавқ хандиданд. Ману Насимов низ бо бачаҳо ҳамроҳ шудем.

* * *

**А**кнун, оҳиста-оҳиста ману бачаҳо бо Насимов ва Насимов бо мо унс гирифта аз ҳолу аҳволи якдигар мепурсидагӣ шудем. Рӯзе ману Насимов дар утоқи кориам танҳо монда, аз ҳар боб суҳбат мекардем. Азбаски аз овони бачагиам ба садои мӯсиқӣ ва ҳофизони хушсадо ва мардуми меҳнатқарину сарбаланд чун қуллаҳои кӯҳҳои осмонбусу барфпӯш, чашма ва шар-шараҳои обашон софу мусаффо, дарёҳҳои пуртуғёни диёри зебоманзари Бадахшон ва биҳиштосоро дӯст медоштам, ҳини суҳбатам боз бисёр чизҳоро аз ӯ шунидан ва донистан мехостам:

– Насимов! Мегӯянд, ки дар Помир аз замини хокӣ дида регу сангаш бисёр аст.

– Хай, агар ҳамин тавр намебуд, он ҷойро Бадахшони кӯҳӣ намегуфтанд.

– Дуруст. Лекин донистан мехоҳам, заминаш кам бошад, одамон ризқу рӯзиашонро аз куҷо меёбанд?

– Чӣ, хаёл кардӣ, замин, ки кам шуд, одамонаш гурусна мегарданд.

– Не! Аз ман наранҷ. Ба ҳар ҳол донистан мехоҳам.

– О, дар Бадахшон як чизро боз чорводорӣ, боғкорӣ, ҳунармандӣ, косибӣ, соҳибкорӣ, савдо ва доду гирифт мегӯянд. Ана бо ҳамин корҳо ва дигар корҳои наъфовар машғул шуда, рӯзашонро мегузаронанд.

– Ҳунармандӣ гуфта рақсу сурудро дар назар дорӣ, ё сохтани асбобҳои мусиқиро?

– Э, агар росташро гӯям, ҳардуяш ҳам бо ҳам таъваманд. Лекин сохтани асбобҳои мусиқӣ ба ҳама насиб намегардад. Ин кори ниҳоят заҳматталаб аст.

– Медонӣ чӣ, Насимов?

– Равшантар гап зан!

– Аз бачагиам рубобро дӯст медорам. Мабодо ба хонаатон рафтанӣ шудӣ, маро огоҳ соз. Ба ту пул медиҳам. Ту бошӣ, кори хайре кун!

– Чӣ пулатро бурда, ба касони камбизоат тақсим кунам.

Не-е! О, гуфтам-ку рубобро дӯст медорам.

– Баъд чӣ?

– Як рубоби кори калонро бароям харидорӣ карда, ҳини бозгашт ба шаҳри Кӯлоб гирифта биёр!

– Бо ҷону дил. Аммо, имсол рафта наметавонам.

– Чаро?

– Охир, занам роҳамро поида гаштааст. Ба Помир, ки рафтам, вай лаънатӣ боз бо ман ҷангуархаша мекунад.

– Насимов! Ту чиҳо мегӯйи? Охир, занат дар хонаат-ку? Чаро чунин ҳарф мезанӣ. Ё ту дузана ҳастӣ?

Аз дузана гуфтанам ӯ суп-сурх шуда, саросемавор ба фаҳмонидани ман даромад.

– Туро чӣ хел фаҳмонам-а? Як хел, гап мезанӣ, гӯё дар назди муфаттиш бошам.

– Ҳақиқати гапро гӯй, ба дигараш худам сарфаҳм меравам.

– Дар Помир зан гирифтам, вале бо занам мудом гапамон мегурехт. Дар хона мувофиқи хоҳишам амал намекард. Вай, падарлаънат, як зани танбали коргурез буд ва боз камбудиҳои дигар ҳам дошт. Хайр, шарт нест, ки ҳамаашро ба худат гӯям.

– Не! Ҳаминаш басанда. Барои ҳамин шуда аз вай гурехтӣ?

– Гурехтӣ? Ин гапи оддӣ. Аз вай ҳамту ба осонӣ халос нашудам. Аз кашмокаш ва ҷангу ҷанҷоли ҳаррӯза безор шуда, ба суд ариза додам, ки моро аз ҳам ҷудо кунад. Суд боз ба мо муҳлат дод. Дидам, ки намешавад, лоқу парамро бурда дар ҷойи кориам зиндагӣ кардам.

– Дар куҷо?

– Дар куҷо мешуд? Охир, ман сардори Шабакаҳои барқии шаҳри Хоруғ шуда кор мекардам. Дар кабинети кориам ҳам кор мекардам ва ҳам мезистам.

– Ана гапу мана гап. Вой бар ҳолат-е.

– Инаш ба хайр. Вай худозада ба ҷойи кориам низ омада бо ман муноқиша мекард. Вақте суд моро аз ҳам ҷудо кард, занамро гирифта ба Кӯлоб омадам.

– Дидед, Насимов! Гуфтам, ки дузана будӣ, бо ман муноқиша кардӣ?

– Не! Ин духтар занам набуд.

– Пас, кӣ буд?

– Лубовнитсаам, акнун ба гапам сарфаҳм рафтӣ?

– Хайр, давомаш!

– Суд ҷудо, ки кард, ин духтарро гирифтаму ба шаҳри шумо омадам.

– Лекин, ба як кор сарфаҳм нарафтам. Одамон солҳо дар навбат меистанд, соҳиби хонаи якҳуҷрадор намешаванду ту бошӣ, омада дарҳол соҳиби хонаи тозаву озодаи сеҳуҷрадор шуда, бо лубовнитсаат зиндагӣ доред.

– Вай амшаҳриам, Назарамонов! Сардори шуъбаи корҳои дохилии шаҳри Кӯлоб шуда кор мекунад-ку? Вай хеши ман. Хонаро вай ба ман дод. Лекин, ин гап, байни худамон монад. А?

– Бале, оқилон дуруст гуфтаанд:

«Бе пир марав дар бимонӣ,
Ҳарчанд Сикандари замонӣ.»

– Ана дидӣ? Ман дӯст гуфта, сирамро гуфтам. Ту бошӣ маро мазаммат мекунӣ. Ҳофиз ин тавр гуфт, Ҳофиз он тавр гуфт.

– Майлаш, хоҳишатро ба инобат мегирам, ба касе намегӯям. Аммо ту ба ман гӯй, ки кай соҳиби рубоби бадахшӣ мешавам?

– Бо шунидани номи рубоб, чеҳраи Насимов кушода шуда, сӯям нигоҳкунон:

– Э, бача! Соли оянда илоҷе карда туро ҳамроҳам ба Помир мебарам, фаҳмо? Ин гап ба ту маъқул?

– Ана ин гапи дигар, чаро наравам будаст. Албатта, меравам

– Ин тавр, ки бошад, аз ҳозир тайёр шудан гир! – гуфт ва аз наздам хеста вориди ҷойи кории худ шуд.

* * *

Ҳамон солҳо сохтмони хати барқии дузанҷираи 110 кил-ловолтаи «Лолазор-Восеъ-Кӯлоб» идома дошт. Рӯзе дар ҷойи кориам нишаста, ба ҷамъбасти ҳисоботи моҳона машғул будам, ки занги телефони болои миз садо дод. Гӯшаки телефонро бардошта:

– Худойқулов шуморо гӯш мекунад.

– Ин ман, Исмоилов. Салом

– Салом, раис.

– Наздам даро!

– Хуб шудааст. Ҳозир меоям.

Чун вориди ҷойи кории раис шудам, ӯ худаш танҳо ни-шаста, маҷалаеро варақ мезад. Ба дидани ман маҷаларо як сӯ гузошта:

– Аз сохтмони хати барқии 110 килловолтаи «Лолазор – Восеъ-Кӯлоб» огоҳӣ доред?

– Дорам раис. Бо лоиҳааш шинос шудам. Аз саршавии кор низ огоҳ ҳастам. Аммо, то ҳол он ҷо нарафтаам.

– Ин тавр гӯй. Мавриди рафтанат ҳам расид.

– Кай равам?

– Андак сабр кун, ҳамаашро ба ту мефаҳмонам. Роҳбарии сохтмонро Магамед Исоев гуфтанӣ одам ба ӯҳда дорад. Ӯро мешиносӣ?

– Аз куҷо мешиносам? Ӯро боре ҳам надидаам.

– Ҳм-м-м. Аз ШСХК «Барқи тоҷик» ба мо супориш шуд, ки якчанд нафарро аз коркунони умур, бо сардории ягон нафар аз кормандони муҳандисию техникӣ ба назди шахси гуфтагиам фиристем.

– Раис! Баъд корҳои таъмирию барқарорсозии худамон чӣ мешавад?

– Мефаҳмам. Илоҷи дигар надорем. Чор нафар барққорро ҳамроҳи Кишваров фиристонданамон лозим меояд. Рафта гузориш навишта биёр, тасдиқ кунам, то ин ки фармон ба-рорем.

Бо шунидани номи Кишваров:

– Раис! Кишваровро равон карда наметавонам. Ягон са-дамаи вазнин шуда монад, корамон кашол ёфта, гап мешу-

навем.

– Хайр, киро равон карда метавонӣ?

– Насимовро.

– А, бача! Охир, ӯ одами навкор-ку? Баъд оқибати кор чӣ мешавад?

– Хуб мешавад, раис. Бо ин марди чичен кор карда, обутоб ёфта, коркуни хуб мешавад.

Раис каме мулоҳиза карда, пас:

– Ман розӣ, – гуфта буд, ки дарҳол аз наздаш баромада, аз пайи супориши додааш шудам.

Пас аз се ҳафтаи сипаришуда, ки Насимов ҳамроҳи барқкорони умур зери роҳбарии Магамед Исоев дар сохтмони хати барқии навбунёди баланшиддати 110 килловолта, дар ноҳияи Данғара кор мекарданд, Исмоилов Иброҳим Исмоилович, маро ба наздаш хонд:

– Мегӯм аҳволи бачаҳо ва Насимов чӣ шуда бошад? Занаш пурсу пос дорад.

Бо шунидани суханони раис дарҳол фаҳмидам, ки Назарамонов ба раис супориш додааст. Даъфатан ба пурсиши раис посух дода:

– Ба ростӣ худам ҳам, намедонам. Алоқа надоранд, ки аз ҳолу аҳволи онҳо пурсам. Ба наздашон рафтан лозим меояд.

– Албатта. Бо Хурсанд Абдулҳайзода ҳам маслиҳат карда, баъд равӣ беҳтар мешавад.

Рӯзи дигар ба ноҳияи Данғара сафар кардам. Ба ҷойи кории онҳо рафта, бо Магамед Исоев шиносоӣ пайдо намудам. Пас аз ҳаллу фасли баъзе корҳои сохтмонӣ аз Насимов пурсон шудам. Ӯ дарҳол ба яке аз коркунонаш супориш дод, ки маро ба назди Насимов барад. Акнун мо аз пастиву баландиҳо ва теппаву нишебиҳо гузашта, ба ҷое, ки Насимов кор мекард, рафта расидем.

Марди ҳамроҳам бо дидани Насимов овоз бароворд:

– Насимов! О-о-о… Насимов! –гуфта, ҷеғ зада буд, ки овози шахси ношинос, дуртар аз мо шунида шуд:

– Лаббай! О, чӣ ин қадар Насимуф, Насимуф дорӣ. А?

– Ба наздат омадаанд!

– Дар ин ҷойи ҷазира ва ба ҷаҳнам монанд боз кӣ ба на-

здам меояд?

Мо гапзанон сӯяш мерафтем, ӯ низ ҷониби мо меомад.

Чун бо ҳам рӯ ба рӯ шудем, як одами дар либоси чиркин ва бадбӯй, сару рӯ ва дасту бозувонаш мисли зангиҳо сиёҳи мазангеро дидам. Аз таъсири шуъоҳои офтоб лабонаш хушкида, дар назар лоғару афгор ва чашмонаш каме фурӯрафта менамуд. Сӯяш ҳайрон-ҳайрон нигоҳкунон аз ӯ пурсидам:

– Ба гумонам Насимов ҳастед?

– Ҳа? Дарёфтӣ. Ман Насимов.

– Э, қариб буд, ки нашиносамат.

– Конечно! Бо ин афту андомам, агар занам маро бинад, намешиносад, пас худат аз куҷо маро мешиносӣ?

Ба симояш нигоҳкунон:

– Кор, ки кардӣ, бо душвориҳо рӯ ба рӯ мешавӣ. Охир, бе азоб ва машаққат, ки соҳиби обу рӯ ва манзалат шуда буд?

Барои ҳамин худатро ба ин кори мушкил, вале ояндадор, фиристодем.

Ӯ бо шунидани сухани охиринам, шӯрида:

– Маро ба кор не, балки ба ҷаҳанам фиристодӣ! – гуфт ва ғур-ғуркунон аз наздамон дур шуд.

Баъди ба анҷом расонидан ва ба истифода додани хати баландшиддати интиқолдиҳандаи барқии 110 килловолтаи «Лолазор – Восеъ-Кӯлоб» Насимов хапу хомӯш куч баста, ҷониби зодгоҳи одаткардааш Бадахшони кӯҳӣ раҳсипор шуд…

Бо ин иқдоми дӯсти ҳамкорам аз дидани диёри биҳиштосо ва рубоби Бадахшӣ маҳрум гаштам.

Ёдат ба хайр, дӯсти азиз!

## ХОЛАҶОН, ГАҲВОРАРО ХУДАМ МЕҶУБОНАМ

Мувофиқи нақшаи корӣ ва муоинаҳои гузаронидашуда қисме аз кормандони умури хатҳои баландшиддати интиқолдиҳандаи барқӣ барои раъфи камбудиҳои ҷойдошта дар хати барқии 110кВ Л5ПК-2 «Сарбанд Фархор» омадагӣ медиданд. Онҳо бо сардории устои калон Кишваров Аҳмад ва аъзоёнаш Холов Ғаффор, Абдураҳмонов Файзалӣ, Саидов Файзулло, Саидов Найим, Аристов Виталий ва ронанда Сайфуллоев Изатулло маводҳо ва асбобҳои кориро ба мо-

шин бор карда, роҳакӣ шуданд.

Гарчанде фаророрасии фасли хазонрези тирамоҳ бошад ҳам, имрӯз ҳаво софу беғубор ва нурҳои офтоби оламро ҳама ҷоро равшанӣ ва гармӣ медод. Ронанда суръати мошинашро зиёд карда, пас аз ду соат ба мавзеи Олимтой, ки Л5ПК-1 ва Л5ПК-2 «Сарбанд-Фархор-Восеъ-Кӯлоб» аз он ҷо мегузашт, наздик шуданд. Сипас Кишваров Аҳмад ба ронанда супориш дод:

– Изатулло! Ба кадом тарафе, ки гуфтам, ба ҳамон тараф, илоҷе ёфта мошинатро рон!

– Хуб шудааст. Ба куҷое лозим донед, ба ҳамон тараф мошин меронам.

Акнун Изатулло мошинашро қад-қади хати барқӣ ба кӯталу нишебиҳои фароздошта эҳтиёткорона меронд, ки ҳам хатарнок буд ва ҳам даҳшатовар. Мошини ба ронанда Сайфуллоев вобасташуда, ки чанде пеш Ширкати саҳомию ҳолдингии кушодаи «Барқи тоҷик» ба мо ҷудо карда буд, нав ва тамғааш ЗИЛ-133 буд. Яъне, ин намуди мошинро ҳарбиён истифода мебурданд. Мошин пурқувват буда, аз монеъаҳо ба осонӣ гузашта метавонист. Ҳамин тавр, баъди баландиву пастхамиҳои мушкилгузарро тай намудан, оқибат дар наздикии кӯҳи Қаратов, назди сутуни оҳанини рақами 153 ҳаракати мошинро қатъ намуда, барои ислоҳи нуқсони ҷойдошта омадагӣ диданд. Кишваров бо танзимгари муассисаи Шабакаҳои барқи Кӯлоб Қодиров Тоҳир дар тамос шуда, барои оғози кор иҷозат пурсид:

– Тоҳиров! Кишваров дар алоқа.

– Танзимгар Тоҳиров дар алоқа.

– Бисёр хуб! Мувофиқи корхати рақами 26 барои ислоҳи нуқсони ҷойдошта дар хати барқии 110 килловолта, дар шаддаи изоляторҳои «фазаи»-и Б, Л5ПК-2, сутуни оҳанини рақами 153 изоляторҳои шикастаро, ки се адад мебошанд, иваз мекунем.

– Иҷрокунандаи кор ва аъзоёни бригадаро ба ман номбар кунед!

Кишваров ном ва насаби иҷрокунандаи кор, ки Холов Ғаффор буд ва ҳамаи аъзоёни бригадро ва кадом гурӯҳи

бехатарӣ доштанашонро бо алоқаи «ратсия»-гии дар мошин васлбуда ба танзигар Тоҳиров гуфта дод. Сипас танзимгар ба Кишваров Аҳмад:

– Роҳбари кор кист?

– Худам.

– Бисёр хуб. Пеш аз оғози кор набудани шиддатро дар ҳар се сим санҷида, аз тарафи НБО-и «Сарбанд» заминпайвандҳоро гузошта, ба кор шурӯъ намоед! Охири алоқа.

– Охири алоқа, – гуфт Кишваров ва ба иҷрокунандаи кор Холов Ғаффор мувофиқи корхати рақами 26 супориш дод.

Баъди анҷоми кор дар сутуни оҳанини рақами 153 онҳо баҳриислоҳи дигар нуқсонҳо роҳашонро қад-қади хати барқии номбаршуда идома доданд. Ва қариби нисфирӯзӣ дар наздикии кӯҳи Тераликтов нуқсони дигар – сими аз нисф зиёди торҳояш кандашударо аз таъмир бароварданд. Ин ҳолат чашми Файзалӣ ба дуде, ки қариб аз як чақрим роҳ дуртар, аз хонае ба осмон мебаромад, афтид. Бо дидани дуди баромадаистода:

– Бачаҳо! Ҳайдаамро диҳед! – гуфт.

Абдуғаффор ба ӯ рӯ оварда:

– Ҳа? Файзалӣ! Чӣ ин қадар хурсандӣ мекунӣ?

– Акаи Ғаффор! Охир, ман хурсандӣ накунам, пас кӣ кунад? Охир, ба он тараф як нигоҳ кун!

– Нигоҳ кардам, баъд чӣ?

– Дудро дидӣ?

– Кадом дудро?

– Э, соз нигоҳ кун! Ҳо, ана, аз бари кӯҳ дуд баромада истодааст-ку? Аз афташ оби шурбо мехурем.

– Дидам, мумкин, ягон кас, хас-пасро дар дода бошад.

– Э, не-е! Ман ба шумо «гарант»-и медиҳам, ки ана дар ҳамон ҷо одам зиндагӣ мекунад.

Баъди маслиҳати начандон тулонӣ бо иҷозати Кишваров Аҳмад, онҳо ҷониби дуди баромадаистода равон шуданд. Ҳине ки онҳо ба ҷойи дудбаро наздик шуданд диданд, ки дар ҳақиқат, якчанд оила ин маконро ҷойи зисти доимӣ интихоб кардаанд.

Баъди каме машварат, Файзалӣ, гуфт:

– Дар халқ матале ҳаст: «Шуши накд, беҳ аз думбаи насия.» Ба хонаи одамони дигар нигоҳ накунед. Аз он, хонаҳо дуд намебарояд. Мо ба хотири дуди ҳамин хона омадем. Рисқу рӯзимонро, иншоллоҳ аз ҳамин ҷой меёбем, – гуфт ва худаш пеш даромада, дарбачаи аз шохҳои дарахт сохташударо кушода истода:

– Хонадор! О, хонадор! Дар хонада ягон кас ҳаст? – гуфта ба назди деге, ки аз тагаш дуди лар мебаромад, рафт. Ва сарпушашро бардошта дид, ки хомшӯрбои гӯштин, қарибан пухтан аст. Азбаски оби шӯрбо дар назарш кам тофт, дарҳол офтобаи дар бари дег истодаро гирифта, оби ҷӯшидаистодаашро ботамом дар дохилаш рехт. Ва сарпӯшашро пӯшид. Сипас аз оби дар назди дег истода офтобаро пури об карда, дар ҷояш гузошт, то ин ки обаш ҷушад ва бе чой намонанд. Ӯ ҳамаи корҳоро акнун ба анҷом расонида буд, ки зани ӯзбаксифате аз хона баромада истода, шаш-ҳафт нафар мардинаро дида сӯяшон ҳайрон-ҳайрон нигариста буд, ки овози Холов Ғаффор баромад:

Апа, ҳайрон нашавед! Хуҷайинтон дар хона ҳастанд?

– Нею. Саҳарӣ баромадигиш, дига наёмадай.

Холов бо зан суҳбаташро ба охир нарасонида, Файзалӣ қадре ба зан наздик шуда истода:

– Янга, мо хатҳои барқиро таъмир карда истодаем, ки дар зимистон азоб накашед. Агар имконият дошта бошед, бахшамон як пиёла чой мекардед, савоб мегирифтед. Дар ин ҷӯли калон гушнаву ташна мондем.

– Э, ин хел бошад, садқаҳаки саратон. Биёед ба хонад дароед, чой бо нонаш мешавад, – гуён вориди хонааш шуд.

Зан курпача партофта, меҳмонони нохондаашро ба нишастан таклиф карда буд, ки садои гиряи кӯдаки дар гаҳвора хобидааш баланд шуд. Зан барои ором кардани кӯдакаш узурхоҳона гаҳвораашро, акнун ба ҷумбонидан даромада буд, ки Файзалӣ аз ҷояш хеста, назди гаҳвора рафта:

– Янгаҷон! Гаҳвораро худам меҷунбонам. Шумо масъалаи оби шӯрборо бинед, хубтар мешавад.

Зан якравии марди ҷавони лоғарандом ва шикамаш дар пушташ часпидаро дида, дилаш магар ба ҳоли ӯ сӯхт, ки:

– Хуб шудааст, додарҷон. Лекин худат меҳмонӣ, боз хафа нашавӣ, мегӯям.

– Не, янга! Оби шӯрборо бисёртар биёр, хафагиам тамом мешавад.

Зан табассумкунон аз дар берун шуд. Ва андак пас барояшон дастархон густурда, болояшро бо нону фатир, ҷурғоту маска ва қанд оро дод. Сипас ду табақи чӯбинро шуста ба назди дег бурд ва ҳине, ки сарпӯши дегро бардошт, дар ҳайрат монд. Деги шӯрбо моломоли об буд. Дарҳол намакашро чашида дид, ки бенамак шудааст. Зан намаки дегро соз карда истода, каме ба фикр фурӯ рафт:

« – Аз афташ, ин кори ҳамин ҷавони лоғарандом аст. Бечора аз лоғарии зиёд фӯкаш каҷала шудааст. Рагҳои гарданаш метобад-е. Шикам надорад, чӣ ин қадар оби шӯрбо, оби шӯрбо мегӯяд…». Зан ҳанӯз фикрронииашро ба имтмом нарасонида, овози Файзалӣ аз таги долони хонааш ба гӯшаш расид:

– Янгаҷон! Ёрдам даркор бошад, ман тайёр. Мо авқотро зуд хӯрда ба кор мебароем.

– Бачаҷон, худатро азоб надиҳед. Рафта бо ҳамроҳонат шин, ҳозир бахшат хӯрок меорам.

Зан дарҳол ду табақро моломоли шӯрбои гӯштин намуда, ҷаққон ба назди меҳмонҳо бурд. Баъди чойнаки чойро ба наздашон гузоштан, ба назди гаҳвора рафта, ноаён аз онҳо синаашро ба даҳони кӯдакаш гузошта буд, ки Файзалӣ боз овоз баровард:

– Янгаҷон! Оби шӯрбо!

Зан чочи синаашро аз даҳони кӯдакаш гирифта, ба назди деги шӯрбо рафт ва буду шуди шӯрборо дар косаи оҳанини калон бардошт. Ва бурда ба наздашон гузошт. Ӯ боз ба назди кӯдакаш рафта нишаст ва ӯро ба макондан даромад.

Ҳине ки ба хӯрдани Файзалӣ аҳмият дод, ҳайраташ афзуд ва боз ба фикр фурӯ рафт:

« – Ин қадар лоғарандом аст, дастонаш борики хароб ҳам бошад, лекин нолаҳояш калон-калонанд. Ин қадар хӯрокро одами дигар нӯши ҷон кунад, буққа мегардад. Аз афташ дар дарунаш кирми калоне морбача шудааст, ки хӯрдагиашро ӯ мехӯрад. Тавба, тавба. Ҳайфи ин бачаи бечора-е…»

Зан мисли пештара фикрашро ба анҷом нарасонида, садои хайру хуши меҳмонҳо риштаи хаёлоташро гусаста кард. Зан кӯдакро ба ҳолаш гузошт ва аз қафои меҳмонҳояш баромад. Онҳо ба зан арзи сипос намуда, ба мошин савор шуданд. Мошин оҳиста-оҳиста суръаташро зиёд карда мерафт ва гарчанде чангу ғубори аз қафояш баланд шуда онҳоро аз нигоҳи зан нопадид сохта бошад ҳам, аммо лаззати нону намакаш ва меҳмоннавозиаш дар хонаи дилашон макон гирифта буд.

## МУРҒИ РАНҶИДА

**А**кнун, ҳини ба тавозуни мо гузаштани зеристгоҳҳо ва хатҳои баландшиддати барқӣ, бо Кримский Василий Степанович аз наздик ошноӣ пайдо намудам. Ӯ ба синну солаш, ки ба баҳори умри шастсолагиаш дакка мехӯрд, нигоҳ накарда ҳоло ҳам солимӣ ва тавонашро аз даст надода буд. Ҳини суҳбат оростан бо ин марди рӯзгордида ва соҳибэҳтиром ҳис менамудӣ, ки бекина ва дилсоф аст.

Ҳарчанд ӯ дар шаҳри зебоманзари Душанбе соҳиби хона шуда бошад ҳам, вале чун сардори зеристгоҳҳои баландшиддати барқии минтақаи Кӯлоб, дар шафати зеристгоҳи баландшиддати барқии 110/35/6кВ «Кӯлоб» иқомат намуда, кору фаъолият мекард. Гарчанде соҳиби ду хона, якеаш дар шаҳри Душанбе ва дигараш дар шафати зеристгоҳи «Кӯлоб» бошад ҳам, дар ин айёми пиронсолиаш азоби танҳоиро мекашид. Чунки занаш ва духтари кайҳо қадрасшудааш дар шаҳри Душанбе зиндагӣ мекарданд. Акнун шоҳиди он шудам, ки занаш моҳе як бор, баъзан вақтҳо баъди ду моҳ омада, як шаб ё ду шаб истода, боз ба шаҳри Душанбе бармегашт.

Василий Степанович пас аз кор барои худаш хӯрок мепухт, ҷомашӯӣ мекард. Дар фаслҳои тобистон ва тирамоҳ дар зарфҳои шишагин хурӯшҳои ҳархела аз помидор, бодринг ва шарбатҳои хуштаъмро аз меваҳои пухта расида маҳкам намуда, барои зимистон захира менамуд. Ӯ инчунин дар назди хонааш ва гирду атрофи зеристгоҳ дарахтони мевадор ва сояафкани зиёдеро шинонида ба воя расонида буд,

ки ҳосили хубе медоданд. Дар хонааш як бузи ҷӯшо ва якчанд мурғро низ нигоҳубин мекард. Аммо бузаш бузи оддӣ не, балки ба қавли худаш «Ангорӣ» буд. Пашми бузро, ки сафеди меҳин буд, ҳар сол тарошида, барои бофтани либосу ҷӯробҳои гарми зимистонӣ истифода мебурд. Саҳару бегоҳ бузашро дӯшида, ширашро истеъмол мекард. Ва ҳатто ба бузу мурғҳояш ном гузошта буд.

Соле фасли тобистон ба рухсатии меҳнатӣ баромадам. Калиди анбори начандон калон ва дари дуқабатаи оҳанин – доштаи ӯро, ки рӯ ба рӯйи хонааш буд, бо худ гирифта будам. Пас аз як моҳи истироҳат кардан, ба кор омадам. Рӯзе ба кадом андешае дари анборро кушода, яку якбора дар ҳайрат мондам. Дар рӯи рафи тахтагин тухми бисёре истода буд. Ва худ ба худ ба хаёлот фурӯ рафтам:



« – Ҳини ба рухсатии меҳнатӣ баромаданам, дар ин ҷо ягон дона тухми мурғ набуд, ҳоло бошад сӣ адад тухми тоза ва озода истодааст. Ин амали кӣ бошад. А? Находд, Василий Степанович, ҳини калидҳоро ба ман супурданаш яктаашро барои худаш нигоҳ дошта бошад. Охир, ин кораш номукин аст. Калидро, ки ба ман супорид, дигар кораш ба ин анбор

набошад…»-гуфта ҳануз фикрамро ба фарҷом нарасонида, садои қуд-қуди мурғи ба анбор наздикшуда риштаи хайлотамро гусаста намуд. Ба мурғи ин лаҳза ҳаросгирифта назар карда дидам, ки аз симтури кушодашуда гузашта, вориди ҳавлии Василий Степанович шуд. Дарҳол ба ин муаммои сарбата сарфаҳм рафтам ва бо дилам: « – Охир, ин мурғи Кримский ҳаст-ку? Яъне, дар ин ҷо одат карда тухм гузоштааст.» Ба ҳайрониам хотима баста, таги дари дуқабатаи анборро муоина карда дидам, ки мурғ ба осонӣ даромада ва баромада метавонад.

Хостам Кримскийро ҷеғ зада, тухмҳоро ба ӯ додa сабабашро пурсам, вале аз ин кор худорӣ кардам. Ва ба қароре омадам, модоме мурғ дар анбори худам тухм гузоштааст, тухмҳо бечуну чаро ба ман тааллуқ доранд. Тухмҳоро бо худ гирифта бурда, бо аҳли байтам нӯши ҷон мекунам. Ана баъд, воқеъаро ба Василий Степанович нақл карда, пули тухмҳои бурдаамро ба ӯ медиҳам. Охир, он вақтҳо тухмро дар мағозаҳо дидан ва харидорӣ намудан ғайри имкон буд. Ҳамин тавр, ҳафтае чанд сипарӣ шуд ва дар анборам дигар тухми мурғро надида ношод шудам. Ва сабабшро меҷустам.

Рӯзе ҳини суҳбат бо Василий Степанович воқеаро ба ӯ нақл карда додам. Ӯ табасумкунон дарҳол номи мурғашро ба забон гирифта:

– Ҳарчанд, кушиш ба харҷ додам, ки ин мурғ одати бадашро партояд, ба ҳадафам нарасидам. Ин худозада гоҳе дар хонаи Боронов ва гоҳе дар хонаи Гекалов ва Комм низ, рафта тухм мегузорад. Хайр, боке надорад, аз онҳо хӯрдана, худат хӯрӣ беҳтар аст, – гуфта буд, ки се даҳсумаро сӯяш дарозкунон: – Василий Степанович, ин пулҳоро ба ивази тухмҳои бурдаам қабул намо! – гуфтам.

– Не, Махмадкул Самиевич, намегирам. Лозим нест, – гӯён аз ҷояш хеста буд, ки боз аз ӯ суол кардам: – Майлаш пулро нагирӣ, нагир, аммо ба ман гӯй, ки чаро мурғат дигар дар анбори ман тухм намегузорад.

Ӯ табассумкунон:

– Барое, ки тухм гузорад, олиҳиммат шудан даркор.

– Чӣ хел боз олиҳиммат шавам?

– Ҳини тухмҳоро бардошта бурданат чантоашро дар ҷояш гузошта будӣ?

– Ҳамаашро гирифта бурдам. Яктоашро ҳам нагузоштам.

– Боз аз мурғи бечора, чӣ мехоҳӣ? Барои ӯро хафа накарданат аққалан як дона тухмашро гузоштанат лозим буд. Ӯ ба анборат даромада буд. Вале аз тухмҳои гузоштааш ягонтаашро надидан пас, тухм нагузошта, баромада рафт. Чунки аз ту ранҷида буд.

Ӯ рафта истода, ба мани ҳайратзада назаркунон:

– Зиқ нашав! Агар хоҳад, боз рафта тухм мегузорад, – гуфт ва роҳашро ҷониби утоқи кориаш идома дод.

## ЛЕОНИД ИЛИЧ БРЕЖНЕВ БО ИНДИРА ГАНДИ СУҲБАТ МЕОРОЯНД

**А**з моҳи апрели соли 1979 сардории умури зеристгоҳҳои барқии баландшиддати 220/110/35-10-6кВ ва хатҳои баландшиддати интиқолдиҳандаи барқии 35-110-220 килловолтаро ба ӯҳда доштам. Утоқи кории худам ва сардори гурӯҳи зеристгоҳҳо ва хатҳои баландшидат низ дар шафати зеристгоҳи 110/35/6кВ «Кӯлоб» ҷойгир буданд. Инчунин ҳамаи кормандони муҳандисию техникӣ ва барқкорон, ки зиёда аз ҳаштод нафарро ташкил мекарданд, ҳар пагоҳӣ дар назди ҳамин зеристгоҳ ҷамъ шуда, баъд ба кор мерафтанд.

Сардори гурӯҳи зеристгоҳҳои барқии баландшиддатро Кримский Василий Степанович ва хатҳои интиқолдиҳандаи барқии баландшиддатро соли якуми кориам Шарифов Аслам ва баъдтар, бо гузаштанаш ба кори дигар, Кишваров Аҳмад ба ӯҳда дошт.

Кримский Василий Степанович, марди миёнақади газгӯшт, сафедпӯст, чашмонаш кабуди каме фурӯрафта, лабони каме ғафс ва гунаҳои на он қадар фарбеҳи мудом сурх дошт. Мӯйи сараш баробар мошу биринҷ ва каме тунукшуда ба назар мерасид. Ӯ мудом мӯйи сарашро ба қафо шона мезад ва айнаки чашмонашро ҳини гап задан ё дар маҷлисҳои муассиса баромад карданаш зуз-зуд аз чашмаш мегирифт ва боз ба чашмонаш мегузошт.

Ӯ инсони ҳавиирода, бовиҷдон, меҳнатдӯст ва дилсоф буд. Ва солиёни зиёд хизмати зеристгоҳҳои барқии минтақаи Кӯлобро ба ҷо оварда, ба мардумаш нуру сафо бахшидааст.

Бо қабул ва ба тавозуни муассисаи Шабакаҳои барқии Кӯлоб гузаштани зеристгоҳҳои 220-110/35/10-6кВ ва хатҳои интиқолдиҳандаи барқии 110-220кВ аз ҳисоби «ДВРЭС», яъне Шабакаҳои барқии баландишидати Душанбе-Вахш ва ташкил шудани умури зеристгоҳҳо ва хатҳои барқии баландшиддат, маро ба сардории умур таъйин намуданд. Акнун бо Кримский Василий Степанович якҷоя кор мекардагӣ шудем.

Рӯзе ҳамроҳи Кримский, зеристгоҳи Кӯлобро аз назар гузаронида истода, барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта бо ӯ маслиҳат мекардам, ки котибаи умур аз назди дарвозаи зеристгоҳ овоз баровард:

– Худойқулов! Шуморо Исмоилов бо занги телефонӣ пурсида истодааст.

Даъфатан:

– Ҳозир меоям, – гуфтам ва ҷониби утоқи кориам шитобидам. Ва гӯшаки телефонро бардошта:

– Худойқулов шуморо гӯш мекунад, раис!

Овози Исмоилов Иброҳим Исмоилович ба гӯшам расид:

– Худойқулов!

– Лаббай, раис.

– Ҳозир хеста, як наздам, биё!

– Тинҷӣ ҳаст?

– Тинҷӣ, лекин коре баромадааст. Маслиҳат карданамон лозим аст.

– Хуб шудааст. Ҳозир меоям.

– Хайр, – гуфта гӯшаки телефонро гузошт.

Ба наздаш даромадам. Баъди салому алек бо ҷиддият сӯям нигоҳкунон:

– Камтар пеш, Баҳром Сироҷович занг зада, супорише дод, ки барои аз ӯҳдааш баромадан масъулияти хеле калонро талаб мекунад.

– Ба умури мо ягон вобастагӣ дорад?

– А, бача! Агар намедошт, худатро ба наздам даъват намекардам.

– Раис! Беҳтараш кушоду равшан гап занед.

– Хуб, гап ҳамин. Ба кӯҳи Санглохи мавзеи Себистони ноҳияи Данғара рафта кор карданатон лозим меояд.

– Дар кӯҳи Санглох гуфтед?

– Бале, кӯҳи Санглох. Чӣ, магар он ҷо, боре ҳам нарафтаед?

– Аз зеристгоҳи 110/35/6кВ «Себистон» то қуллаи кӯҳи Санглох хати барқии дузанҷираи баландшиддати 35 килловолта кашида шудааст. Аз Хурсанд Абдулҳайзода супориш шуда буд, ки хати барқии мазкурро аз назар гузаронида, камбудиҳои ҷойдоштаашро ислоҳ намоем.

– Ана, акнун ба мақсад наздик шуда истодайӣ.

– Нафаҳмидам, раис?

– Ин тавр, ки бошад гапамро бодиққат гӯш кун, баъд ҳамааш ойина барин ба худат равшан мегардад. Дар қуллаи ҳамон кӯҳ «Минэнерго»-и СССР ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон супориш дода буд, ки зеристгоҳи 35/6кВ-ро сохта, ба истифода диҳад. Онҳо корро сар карданд. Майдони зеристгоҳро ҷудо карда «портал»-ҳоро (яъне сутунҳои аз оҳан тайёркардашуди шабеҳи ҳарфи «П»-ро, ки барои васл намудани таҷҳизоти барқии беруна истифода бурда мешаванд) васл намуданд. Акнун, ба мо лозим меояд, ки ду адад трансформаторҳои иқтидори ҳар кадомаш 1000 КВА-доштаро бо «КРУН – 6кВ», яъне бо ҷамъи таҷҳизотҳои дар берун гузошта мешудагӣ пайваст намоем. Инчунин симҳои алюминии сутуни оҳанини назди зеристгоҳ будаǿо бо «портал»-и якӯм пайваст намоем. Ва ҷамъи корҳои берунаи тақсимкунакҳои барқии «ОРУ-35кВ»-ро ба анҷом расонида, баъд насби трансформаторҳо ва маҷмӯъи тақсимкунакҳои беруна «КРУН-10кВ»-ро ба трансформаторҳо пайваст намоем. Корҳои кабелхобонӣ, ба кор омада сохтани калидҳои барқӣ ва санҷидану омода сохтани трансформаторҳо низ вақти зиёдро мегиранд.

Баъди каме хомӯширо ихтиёр намудани Иброҳим Исмоилович дарҳол пурсидам:

– Ҷумҳури Ӯзбекистон, ки ин кори басе муҳимро оғоз намуда буд, пас чаро ба анҷом нарасонид?

– Онҳо дурии роҳ ва дар минтақаи мо ҷойгир будани зеристгоҳро баҳона карда, канораҷӯйӣ карданд.

– Оид ба ин зеристгоҳ, гапи бисёр гуфтем, аммо ба як чиз сарфаҳм нарафтам.

– Равшантар гап, зан, сонӣ бароямон фаҳмо мешавад.

– Охир, чӣ зарурият пайдо шуд, ки барои як зеристгоҳи тавоноияш на онқадар калон Ҷумҳурии Ӯзбекистонро низ ба ин кор сафарбар кардаанд.

– Ана, акнун ба мақсад наздик шудӣ.

– Ба ҳар ҳол нафаҳмидам, ки барои чӣ ин зеристгоҳро месозанд? Охир, дар он ҷо аҳолӣ иқомат намекунад-ку? Пас ба кӣ лозим, намедонам.

– Ба ғайр аз зеристгоҳ боз ду адад «Антена» – иқтидораш калон ва баландеро сохта истодаанд, ки ҷониби давлати Ҳиндустон гардонида шудаанд.

– Ана гапу мана гап. Боз муаммо. Чаро ин антенаҳои пуриқтидорро месозанд?

Бо шунидани ин гуфтаҳоям, Иброҳим Исмоилович хандакунон:

– Барои он месозанд, ки котиби генералии СССР Леонид Илич Брежнев бо шоҳи давлати Ҳиндустон Индира Гандӣ мулоқот кардан мехоҳад.

* * *

**Р**ӯзи дигар пагоҳии барвақт ба муассиса рафта, дар ҷамъомади панҷдақиқагӣ иштирок кардам. Раис баъди ҳаллу фасли масъалаҳои ба миён омада, доир ба кӯҳи Санглох рафтани ман ва кормандони умур ба ҳамагон хабар расонид. Ӯ аз ман талаб кард, ки барои ба анҷом расонидани корҳои иҷронашуда ду моҳ ҷудо шудааст. Аз ин лиҳоз, корҳои васлкунию санҷишии неругоҳи мазкуро мо бояд дар давоми ду моҳ ба анҷом расонем. Ва ба сармуҳандис Хурсанд Абдулҳайзода супориш дод, ки барои зудтар ба анҷом расонидани корҳои васлгарию санҷишӣ, назоратро аз болои мо пурзӯр намояд.

Баъди анҷоми суҳбати панҷдақиқагӣ ва аз назди раис баромаданамон, садои раис маро боздошт:

– Худойқулов! Каме сабр кун!

Аз роҳам гашта, дар наздаш нишастан замон:

– Кай бо бачаҳо ҷониби Санглох роҳакӣ мешавӣ?

– Розӣ бошед, имрӯз тайёр шуда, пагоҳӣ барвақт ба роҳ мебароем.

– Боду ҳаво низ тағир ёфта истодааст. Барф борида монад, ба тори кӯҳ баромадан душвор мешавад.

– Раис, ҳоло барвақт-ку? Борон борад, ин гапи дигар.

– Э, бача! Медонӣ, чанд километр роҳ меравӣ, ки аз домани кӯҳ ба қулааш расӣ?

– Ба ростӣ, ки намедонам.

– Қариб бист километр роҳро тай карда, баъд ба ҷои сохтмони зеристгоҳ мерасед. Яъне, гуфтаниам, ки дар домони кӯҳ борон борад, аз миён то қуллааш барф меборад.

– Ин тавр бошад, тайёриро пурзӯр карданамон лозим меояд.

– Албатта! Охир, шумо дар он ҷо як рӯз-ду рӯз намеистед-ку? Мувофиқи лоиҳа барои ба анҷом расонидани корҳои сохтмонию васлгарӣ, шароити вазнини кориро ба инобат гирифта, ҳамагӣ се моҳ ҷудо карданд. Тақрибан як моҳашро Ӯзбакистониҳо аллакай сарф кардаанд. Акнун шуморо лозим меояд, ки дар муҳлати ду моҳи боқимонда ҳамаи корҳои ноиҷрошударо бо пуррагӣ ба анҷом расонед. Чунки ин кор характери байналмилалӣ дорад. Аз ин лиҳоз, агар аз ӯҳдаи ин кор ба хубӣ баромада натавонем, ин иншоот сари чанд касро хӯрданаш аз гумон дур нест.

– Раис, барои он, ки аз ӯҳдаи ин кори муҳим баромада тавонем, кумаки шумо зарур аст.

– Гӯед, дастгирӣ мекунам.

– Барои тезонидани кор, ҳисоб карда баромадам, аз худам сар карда то ронанда ёздаҳ нафарро ба ин кор сафарбар карданамон лозим меояд.

– Сафарбар кун! Ман розӣ.

– Барои хариди маводҳои хӯрока хоҳиш мекунам ба ҳар кадомаш аз оғоз то анҷоми кор мувофиқи фармон сафарии

меҳнатӣ муқарар карда шавад. Инчунин барои рӯҳафтода нашудан ва тарки кор накарданашон мукофотпулии ҳармоҳаашон бо ҳамон андозаи муқараршуда, яъне чиҳил фисад, дода шавад. Ва баъди ба анҷом расонидани корҳои сохтмонию васлгарии зеристгоҳи мазкур ҳаққи хизматашонро аз ҳисоби фармоишгар гирифта, ба бачаҳо додан лозим меояд. Боқӣ ба мо як дуойи нек медиҳед, пагоҳ барвақт ба роҳ мебароем.

– Ҳамаи хоҳиши кардаат ҷомаи амал мепӯшад.

– Боз як хоҳиш дорам. Ҳоло дар кӯҳи Санглох аз ҷониби мутахасисони давлати Ҳиндустон ва шаҳри Маскав «антена»-ҳоро насб карда истодаанд. Шумо бо онҳо дар як ҷой кор ва зиндагӣ мекунед. Ба бачаҳо дастур деҳ, ки бо онҳо муносибати хуб намоянд. Кадом корманде, ки нисбати онҳо муносибати дағалона кунад, ё ранҷонад, фавран, нисбаташ чораҳои лозимӣ биандеш. Агар дар ин кор кумаки ман лозим шавад, албатта, ёриамро мерасонам.

– Раис! Ваъда медиҳам, ки ҳамаи корҳоро сари вақт ва бо сари баланд ба иҷро мерасонем.

– Ба шумо барори кор мехоҳам.

* * *

**С**убҳи рӯзи дигар, бармаҳал асбоб ва анҷомҳои корӣ, ҷиҳози хоб ва маводҳои харидкардаи хӯрокаро ба мошини ронанда Сайфуллоев Изатулло бор карда, ҳамроҳи Гекалов Валерий устои умур, Ғуломов Муродалӣ барқчии гурӯҳи панҷум, Қодиров Муззафар барқчии гурӯҳи чорӯм, Табаров Сафаралӣ барқчии гурӯҳи чорӯм ва чор нафари кормандони гурӯҳи дуюм ва сеюмдошта ҷониби ноҳияи Данғара сафар намудем. Ҳине ки вориди ноҳияи Данғара шудем, соат, қариб дувоздаҳи рӯз буд. Мо роҳамонро идомадиҳон қариби нисфирӯзӣ дар домани кӯҳи Санглох омада қарор гирифтем. Пас аз каме дамгирӣ роҳамонро дилпурона, бо роҳи качмокачаки бари кӯҳ буда, идомадиҳон, оҳиста-оҳиста боло баромадем.

Ҳарчанд фасли хазонрез бошад ҳам, тақрибан баъди панҷ-шаш чақрим роҳро тай кардан ва ба боло баромадан,

баъзе бутта ва дарахтони худрӯй то ҳанӯз бо рангҳои зард ва қаҳвагии худ ба ин мавзеъ ҳусну зебойӣ ато менамуданд. Кабкони рав аз пеши мошин фррикунон мегузаштанд. Садои ҳайёҳуй ва хушнудии кормандони мо ба гӯш мерасид. Чӣ қадаре, ки боло мебаромадем, ҳамон қадар хонаҳои дар замин буда дар назарамон пасту хурд менамуданд. Ва ин лаҳзаҳо ҳавои тоза ва субукеро нафас мекашидем.

Акнун, ҳаракаткунон бо гузашти на он қадар вақти тӯлонӣ, билохир ба тори кӯҳи Санглох баромадем. Ҳине ки аз мошин фаромадам, аз тарафи дасти чап, дуртар аз мо, биное ба чашмам расид, ки шабеҳи расадхонаро дошт. Аниқ карда фаҳмидем, ки дар ҳақиқат расадхона будааст. Ва уламойи Академияи улуми Тоҷикистон соле чанд маротиба ба ин расадхона омада, ҷирмҳои осмониро мушоҳида намуда, тадқиқотҳои илмӣ мебурдаанд.

Баъди аз назар гузаронидани гирду атроф, ба чашмам ду адад «антена»-и корҳояшон ба охир нарасида расид, ки дар шафати зеристгоҳ ҷойгир буд. Дуртар аз майдони зеристгоҳ хона «вагон»-и ду ҳуҷрадори қисми пешаш ҷониби зеристгоҳ гузошташударо дидам. Ин ҳолат нафаре наздам омада пурсид:

– Шумоён, барои пеш бурдани корҳои зеристгоҳ омадед?

– Гапатон дуруст.

– Ин тавр, ки бошад, метавонед ин хона «вагон»-ро тоза карда истифода баред, – гуфт ва сӯи хона «вагон» қадам гузошт. Ман ва чанд нафари дигар низ, ҷониби хонаи бароямон пешкашшуда равон шудем. Баъди аз назар гузаронидани хона ба Гекалов супориш додам:

– Вагонро зудтар ба тартиб дароред! Хонаи дасти росташро ба Ғуломов Муродалӣ худи ҳозир вобаста намо! Нисфи бачаҳо бо ӯ зиндагӣ кунанд ва анҷомҳояшонро даровварда ботартиб гузоранд. Дар хонаи тарафи рост ман, худат ва боз се нафари дигар иқомат мекунем. Ҷои хоб ва хӯрду хӯрокамон дар ҳамин ҷо мешавад. Ба ронанда Сайфуллоев Изатулло супоришдиҳон:

– Изатулло! Ба ту вазифаи ошпазиро месупорам, – гуфтам.

– Бо дилу ҷон. Фақат, гоҳ-ногоҳ ба ман дастур диҳед шуд.

– Майлаш, лозим шавад, дастур медиҳам. Дар тайёр кардани хӯрокҳо низ ёриамро мерасонам. Ҳоло бошад, барои раъфи гуруснагии бачаҳо чою нон ва ҳасиб омода соз, шудан мегирад. Баъди ҷойи дегро омода сохтан барои бегоҳ хӯрок мепазӣ!

– Хуб шудаст, – гуфт ва аз паи иҷрои корҳояш шуд.

Рӯзи дигар, субҳи барвақт ҳамроҳи устои умур, ки бо гурӯҳи зеристгоҳҳои барқии баландшиддат хизмат мерасонид, мувофиқи лоиҳаи дар дастамонбуда корҳои иҷрошуда ва ноиҷромондаро дида баромадем. Ва барои кашонида овардан ва васл намудани ду адад трансформаторҳои тавоноияшон 1000 кВа дошта ва «КРУН-10кВ», яъне маҷмуи таҷҳизотҳои тақсимшавандаи беруна, бо алоқаи «ратсия»-гӣ ба номи сардори умури нақлиёт ва механизмҳо Мизробов Гулмад дархост додам. То омадани крани борбардор ҳамаи қувваро мувофиқи нақшаи лоиҳа барои васли «ОРУ-35кВ», яъне таҷҳизотҳои тақсимкунандаи шиддатнокиашон 35 киловаолта, сафарбар намудем.

Бо омадани крани борбардор, ба кашонида овардан ва васли трансформаторҳо шурӯъ намудем.

Пас аз як ҳафтаи кории мо намояндагони давлати Ҳиндустон ва Россия ҳозир шуданд. Ҳини бо рафти корҳои мо шинос шудан ва таваҷҷуҳ зоҳир карданашон бо онҳо шиносойи пайдо намудам. Акнун мутахасисони ҳинду рус якҷоя бо сохтани «антена»-и пуриқтидор шурӯъ намуданд. Ва аз надонистани забони якдигар зани гурҷиеро чун тарҷумон бо худ оварда буданд.

Пас аз ду-се рӯзи шиносоям бо онҳо, як бегоҳ ман ва Изатулло барои бачаҳо оши палав пухтем. Ва меҳмонони роҳдуриро низ зиёфат дода, расму русуми қадимаи меҳмонавозии мардуми тоҷикро ба ҷо овардем. Ҳине ки «КРУН-10кВ»-ро дар ҷояш гузошта, барои ба кор омода сохтани калидҳои барқӣ шурӯъ намуда, будем, сармуҳандис Хурсанд Абдулҳайзода барои ба рафти корҳоямон шиносоӣ пайдо намудан аз мо дидан кард. Баъди аз назар гузарони-

дан минатдориашро баёнкунон:

– Барости̅, хостам бо шумоён ин ҷо бимонам. Аммо, рафти корҳоятон маро шод кард. Гумон мекунам, ки ин ҷо мондани ман зиёдатист.

* * *

**Р**ӯзи бистуми кориямон ва оғози даҳаи савуми моҳи октябр буд. Аз хоб хеста берун баромадам ва дидам, ки аз барфи шаб борида ҳама ҷо сафед ва ҳаво нисбати рӯзи гузашта сард шудааст. Шамоли болои қуллаи ин макони маскангирифтаамон гоҳе суст ва гоҳе бошиддат вазида, барфҳои қоқ ва майдаи жоламонандро руфта, аз як тараф ба тарафи дигар мебурд ва хамиву чуқуриҳоро пур мекард. Ин манзараҳоро тамошокунон хаёломез ба қудрати табиати афсунгар қоил мешудам.

«Охир, шамоле, ки на пой дорад ва на даст, на чашм дорад ва на даҳон, Худованд ба ӯ қудрати азимеро ато кардааст, ки барфи вазнинро руфта то дуриҳо бурда, ё ғарам мекунад ё хамиеро пур сохта, боз роҳашро идома медиҳад…»

Садои овози Изатулло ба хаёлоти яклаҳзагиам хотима бахшид:

– Акаи Муҳаммадқул! Хӯроки наҳорро омода сохтам. Ба хона дароед!

– Хуб шудааст. Ҳозир меоям, – гӯён, қадамзанон назди дастшӯяк рафта, дасту рӯямро бо оби каме гармкарда шуста, бо сачоқ пок кардам ва ба назди бачаҳо даромадаам.

Баъди хӯрдани хӯроки наҳор ба Гекалов ва бачаҳои дигар рӯ оварда:

– Имрӯз, мувофиқи маслиҳати шабкардамон амал мекунем?

Гекалов дарҳол овоз равшан карда:

– Бале! Маҳмадқул Самиевич! Хайр, борида бошад ҳам, илоҷи дигар надорем. Бо белу зоғнул аввал чиқуриҳоро канда, омода мекунем, баъд мувофиқи нақшаи дар лоиҳабуда ба хобонидани кабелҳо шурӯъ мекунем.

– Ин тавр, ки бошад, аз пайи кор шудем, гуфта будам, ки Гекалов сӯям нигоҳкунон:

– Бачаҳо, як хоҳиш доранд.

– Хайр, хоҳишашонро зудтар гӯй, охир.

– Мехоҳанд, ки имрӯз Изатулло, барои хӯроки нисфирӯзӣ, як карамшӯрбои сергӯшти болаззат омода созад.

– Боке нест. Худам ҳам дар ин кор ба ӯ ёрӣ мерасонам. Акнун, аз пайи кор шуданамон лозим.

Қарибиҳои нисфирӯзӣ мошини тамғаи «ЗИЛ-133»-и боркаш омада дуртар аз ҷойи кориамон истод. Ба мошин назар карда, дидам, ки аз дохилаш сардори шуъбаи сохтмони асосии ШСҲК «Барқи Тоҷик» Вагин Фирс Михайлович баромад. Ӯ марди қоматбаланд, тануманд, рӯи каме дароз, чашмони кабуди зирак, мӯйи сараш сафед ва ба қафо шоназада менамуд. Ҷиддӣ, маданӣ ва хушгап буд. Ва солҳои муҳандиси калони шуъбаи сохтмони асосӣ кор карданам бо ман робитаи дӯстӣ дошт.

Бо дидани ман чеҳрааш кушода шуд. Наздаш рафта, бо ӯ вохӯрдӣ карда будам, ки ӯ дарҳол:

– Маро бо рафти корҳоят шинос намо! – гуфт.

Ман ба ӯ ҳамаи корҳои иҷрокардаамонро нишон дода будам, ки Изатулло сӯям нигоҳкунон:

– Хӯрок тайёр шудааст. Меҳмонҳоро ба хона таклиф намо. Ӯ ва ронандаи ҳамроҳаш омадаро бо карамшӯрбои кори калон меҳмонавозӣ карданӣ шуда, омодаи хӯрокхӯрӣ будем, ки ӯ ӯзурхоҳона:

– Ҳаққи шуморо мо хӯрем, боз худатон гурусна намонед? – гуфт.

– Э, не! Фирс Михайлович, як дег пури хӯрок. Ташвиш накашед!

Вақте Изатулло косаҳои карамшӯрбои сергӯштро ба назди меҳмонҳо гузошт, Фирс Михайлович бо қошуқ каме мазаашро чашида истода:

– Офарин! Дар шаҳр чунин карамшӯрбои болаззатро тайёр намекунанд, вале дар болои ин кӯҳ бо тамоми нозукиҳояш омода сохта тавонистед. Ӯ баъди хӯрдани карамшӯрбо ва нӯшидани чой арақҳои рӯяшро поккунон:

– Баростӣ, маро қоил кардед. Аз рафти корҳоятон маълум, ки ин зеристгоҳро бармаҳал ба кор медароред. Ак-

нун ба ман маълум шуд, ки шумо ҳам кори хуб мекунед ва ҳам хӯроки болаззат мехӯред. Офарин!

Ин ҷо истодан мехостам, аммо мебинам, ки шумо ба маслиҳату дастури ман ниёз надоред. Ба Душанбе бармегардам ва ба Баҳром Сироҷович муваффақиятҳоятонро ҳисобот медиҳам.

Баъди гусели меҳмон дарҳол ба корҳоямон шурӯъ намудем.

* * *

**А**ввалҳои даҳаи дувуми моҳи ноябр тамоми корҳои васлкунӣ ва санҷишии зеристгоҳи барқии 35/6кВ «Санглох»-ро ба итмом расонида, Комиссияи қабулро даъват намудем. Худи ҳамон рӯз якто-нимто камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, зеристгоҳро ба хати барқии 35 килловолта ва ду дузанҷираи «Себистон-Санглох», пайваст намудем. Неругоҳ бомуваффақият ба кор даромад. Акнун хурсандии мо интиҳо надошт.

Рӯзи дигар асбобу олотҳо ва сару либос ва ҷиҳози хобамонро ба мошин бор карда, бо кӯҳи пур аз сеҳру асрор, вале ба мо кашф ношуда ва боду ҳавои серунаш хайру хуш намудем. Изатулло мошинашро оҳиста-оҳиста аз қуллаи барфпӯши кӯҳ ба поён меронд.

Чиҳил рӯзе, ки дар қуллаи ин кӯҳ умр ба сар бурдаву кори некеро ба анҷом расонида будем, ҳамаамон ба дидори аҳли байтамон пазмон шуда будем. Акнун мошин суръаташро зиёд намуда, ҷониби шаҳри одаткарда ва дӯстдоштаамон роҳ мепӯйид. Ҳине ки вориди муассиса шудем, дарҳол ба назди раис шитобидам. Бо ӯ вохӯрда, суҳбат оростам, сипас бетоқатона:

– Иброҳим Исмоилович! Бачаҳо монда шудаанд. Ба хонаҳояшон рафта сару танашонро шуста, либосҳояшонро иваз кунанд, мегӯям. Пагоҳ ҳамаамон омада, баъд маслиҳатҳоямонро мекунем.

– Майлаш. Худат ҳам рафта дам гир.

Пагоҳ ба кор, ки омадӣ, аз иҷрои корҳои ба сомон расонидаатон муфассал ҳисобот медиҳӣ.

Рӯзи дигар дар суҳбати панҷдақиқагӣ раис бо ҳамаи мо,

ки барои мулоқоти чандлаҳзагии ду сардори давлат, Брежнев Леонид Илич ва Индира Гади, ки дар хунукиҳои шадиди қуллаи кӯҳ чун кӯҳнавардон ҷонбозиҳо карда, зеристгоҳи баландшиддатро ба кор андохта будем, минатдории хешро баён карду халос. Чунки имкони мукофоти дигареро додан надошт. Ҳамин тавр солҳо сипарӣ мешаванд ва пеши синаи кормандони ба кор содиқу ҷонфидои соҳаи баркро, аққалан медалаке аз нури офаридаашон ҷило надода, ба нафақа мебароянд ва оқибат бо ин дунёи ҳастӣ, бо ормонҳои дар қалбашон буда абадӣ падруд мегӯянд.

## САРВАРИ ОХИРИНАМ

**А**з тобистони соли 1970, вақте ки ба ҳайси муҳандиси калони шуъбаи сохтмони асосӣ ба кор шурӯъ карда будам, сарварии Муассисаи Шабакаҳои барқиро Ломакин Иван Петрович ба ӯҳда дошт. Акнун бо гузашти вақт, соли 1975 сарварии муассиса ба Исмоилов Иброҳим Исмоилович гузашт. Ӯ то ба вазифаи нав гузаштанаш сармуҳандиси муассиса шуда кору фаъолият мекард ва дар пешрафти корҳои ҳаррӯза ва тайёр кардани мутахасисони соҳаи барқи минтақа саҳми босазо гузошта буд.

Соли 1988 буд. Он солҳо роҳбаронро таъйин намекарданд, балки интихоб мекарданд. Бо ташвиқоти бисёр бурдан ва тарафдорони зиёд пайдо намудан, ҳатто шахсони белаёқат низ, соҳиби вазифа ва мансаби калон мешуданд. Дар муассисаи мо низ, интихоби сарвари муассиса баргузор гардид. Ҳарчанд, ки Исмоилов Иброҳим Исмоилович роҳбари кордон ва мутахассиси варзидае дар соҳаи энергетика буд. Билохир, соли 1988 бо тарқи интихобӣ сарварии муассиса ба сармуҳандис Хурсанд Абдулҳайзода гузашт. Он солҳо ман ба ҳайси муҳандиси барандаи шуъбаи техникаи бехатарӣ кор ва фаъолият мекардам.

Рӯзе мо ҳамсинфон дар заводи шир, ки сарвариашро Абдураҳим Хол (р.ш.б.) ки бо ҳам мактаби миёнаи ба номи Ленини рақами 4-и шаҳри Кӯлобро хатм карда будем, ба ӯҳда дошт, ҷамъ омадем. Он рӯзҳо қисмати дувуми заводро

ба кор андохта, ҳама таъриф ва тавсифи истеҳсоли маводҳои ширии ин коргоҳро мекарданд. Дар он ҷо ҳавзи шиноварӣ ва утоқи варзишӣ бо ҳама асбоб ва анҷоми машққунӣ, муҷҷаҳаз кунонида шуда буд. Акнун, дар соати муайяншуда қисми зиёди ҳамсинфон: Одинаев Шариф, Мадисоев Иброҳим, Забиров Мадамин, Каримов Тағаймурод, Тураев Лутфулло, Хоҷаев Маҷнун, Сангов Валӣ, Тураев Ҷӯрахон мизбон Холов Абдураҳим, камина Муҳаммадқули Худойқул ва дигарҳо ҷамъ шуда, гирди мизи пурнозу неъмат нишаста, аз хотираҳои айёми таҳсил дар мактаб нақлҳои ҷолиб ва ҳазлҳои дилнишин мекардем.

Имрӯз ба ман бештар ҳавзи шиноварӣ маъқул шуда буд. Бинобар ин, зуд-зуд ба ҳавзи гарму нарм даромада, оббозӣ мекардам. Ҳине ки Абдураҳим худро ба ҳавз партофт, ман низ аз қафояш ба об даромадам. Акнун мо ҳам оббозӣ мекардем ва ҳам суҳбат:

– Дӯстам, сӯям назаркунон:

– Ҳоло кадом вазифаро ба ӯҳда дорӣ? – гуфта пурсид.

– Муҳандиси барандаи шуъбаи бехатрӣ шуда кор мекунам.

– Не! Ин корат маро нафорид.

– Барои чӣ?

– Чӣ ту худатро даррав «списат» кардан мехоҳӣ?

– Вазифа додан дар дасти раис ва садрнишинони боло мебошад. Аз дасти ман чӣ меояд?

– Модоме, ки намеояд, ба назди худам биё, баъд ягон фикр мекунем.

– Ҳа-а-а? Баъд аз он ҷо ронда ва дар ин ҷо кай маро қабул мекунӣ, гуфта гардам.

– Э, чихелӣ одамӣ? Худоҷон бзанам, пагоҳ биё, вазифаи муовини директори завод насибат мешавад-е!

– Ба ростӣ?

– Бо ман солҳои сол дӯстӣ кардиву ҳоло ҳам бовар намекунӣ?

– Майлаш. Шароити кориат хуб аст, охир?

– Албатта, хуб аст. Оянда боз хубтар мешавад. Барои худат утоқи кории алоҳида, мошини напа-нави «фургон», ди-

гарашро, ки омадӣ, мебинӣ. Лекин, пагоҳ, албатта ба наздам биё. Чунки аз номи худам ба номи раиси муассисатон мактуб менавесам, ки омаданат аз ҷои кори аввалаат ба заводи мо бо тариқи гузариш амалӣ шавад.

– Ташаккур, дӯстам, – гуфта, ба ӯ миннатдориамро баён намудам.

* * *

**Ш**аби ҳамон рӯз, дар назарам хеле дароз намуд. Охир, дилам мехост бо рӯз шудани шаб рафта мактубро аз дасти дӯсти овони мактабхониам гирифта, масъалаи ба кори нав гузаштанамро тезонам. Баъди гирифтани мактуб аз дасти Абдураҳими Хол, дарҳол ба муассиса баргаштам. Аммо, аз ноомади кор раис, яъне Хурсанд Абдулҳайзода ба шаҳри Душанбе рафта будааст. Ноумед нашуда, ба назди Карим Сулаймон (р.ш.б.), ки вазифаи сармуҳандисро адо мекард, рафта, мактубро нишон додам ва гуфтам:

– Агар хоҳӣ, ки қаймоқу маскаро бо фаровонӣ хӯрӣ, розигиатро ба ин мактуб навис ва имзоятро гузор. Он тарафашро сардори шуъбаи кадрҳо худаш ҳал мекунад. Карим Сулаймон бо табассуми ба худ хос сӯям нигариста:

– Агар, худат намебудӣ, дигар одам мешуд, ин корро мекардам. Кори худатро танҳо Хурсанд Абдулҳайзода ҳал мекунаду халос. Акнун ноумедона омад-омади Хурсанд Абдулҳайзодаро мунтазир шудам. Хушбахтона, пас аз ду рӯз, раис аз шаҳри Душанбе бозгашт. Фурсати муносибро интизор шуда, ба наздаш даромадам. Пас аз салом, мактуби додаи раиси заводи ширро болои мизаш гузоштам. Ӯ мактубро гирифта хонд ва ҳайрон-ҳайрон ба симоям нигариста:

– Чаро ин тавр мекунӣ?

– Ҳоло қуввати кор кардан ва даву ғеҷро дорам. Ба нафақа, ки баромадам, лозим донистӣ, омада корамро идома медиҳам.

– Э, ин тавр намешавад. О, худат мутахасиси соҳаи барқку?. Дар он идораи бадбӯй рафта чӣ кор мекунӣ?

– Дигар илоҷ надорам. Маошам намерасад. Серфарзанд шудаам. Онҳоро хӯронда, пӯшондан лозим аст. Боз як галла корҳои дигар дар пешанд. Охир, бо рӯзи дароз дар як ҷой

нишастанам ҳолам беҳ намешавад. Буду шуди гап ҳамин. Хоҳиш мекунам, маро аз кор озод кунед!

– Раис якравӣ ва истодагарии маро дида истода:

– Як хоҳишамро қабул намо!

– Кадом хоҳиш?

– Рӯзи дигар соати даҳи рӯз ба наздам биё, баъд ҳамаашро ҳал мекунем.

Ноумедона аз наздаш баромада, ҷониби утоқи кориам қадам задам.

* * *

**Р**ӯзи дигар дар соати гуфтагиаш ба назди Хурсанд Абдулҳайзода даромадам. Ӯ ғайриодати рӯзҳои пешин аз ҷояш хеста, бо муҳаббат бо ман вохӯрдӣ намуд ва маро барои нишастан даъват кард. Аз ин иқдоми раис каме дар ҳайрат монда будам, ки ба симоям назаркунон:

– Шуморо табрик мекунам.

– Нафаҳмидам раис. Чаро табрик мекунӣ?

– Бо вазифаи нават.

– Ҳа? Дуруст мегӯед. Ин тавр, ки бошад, дар поёни мактуби овардаам имзоятонро гузоред, сипас табрикотатонро қабул мекунам.

– Не! Маро нафаҳмидӣ. Акнун ту муовини сардори корхонаи шир не, балки муовини раиси Шабакаҳои барқии Кӯлоб шуда кор мекунӣ.

– Охир, ман муҳандиси барандаи шуъбаи бехатариро ба зимма дорам. Чӣ хел муовини раис шуда кор мекунам.

– Ман ва Сироҷев Баҳром Сироҷович бо ҳам маслиҳат кардем. Он кас шуморо ба вазифаи муовини раис оид ба корҳои умумии Муассиса таъйин мекунад. Худи ҳозир ба шаҳри Душанбе роҳакӣ шуда, ҳини расиданат дарҳол ба назди Баҳром Сироҷович барои суҳбат ва маслиҳат даро!

– Каме мулоҳиза ронада:

– Акаи Хурсанд, барои қадршиносият, ташаккур. Охир, бо шароити корие, ки дар муассиса дорем, аз ӯҳдаи муовинӣ баромада наметавонам. Ба ҷойи ман ягон, одами чаққонтарро таъйин кунед, беҳтар мешавад.

– Муҳаммадқул! Ин рафторат хуб нест. Охир, Баҳром

Сироҷович худатро хеле хуб мешиносад. Ба хоҳишиману ӯ розӣ нашавӣ, меранҷад.

Хомӯширо ихтиёр карда будам, ки:

– То бароят ҷудо кардани мошин аз ШСҲК «Барқи Тоҷик» дар вақтҳои лозимӣ мошини маро истифода бурдан гир!

Корро қабул кардам. Вале аз соли 1991, ки ба вазифаи муовини раиси муассиса гузашта будам, то соли 2008, яъне то ҳини ба нафақа баромаданам, тулии 18 соли кориам, вазифаҳои хизматиамро пойи пиёда адо намудам.

Охирҳои соли 2007 дар муассиса овоза паҳн шуд, ки бо ба нафақа баромадани Хурсанд Абдулҳайзода, раиси нав ба кор меояд. Аммо касе аниқ гуфта наметавонист, ки ба ин вазифаи душвор ва масъулиятнок кӣ таъйин мешавад.

Рӯзҳо сипарӣ мешуданд, оқибат моҳи январи соли 2008 дар як рӯз Хурсанд Абдуҳайзодаро бо сабаби ба нафақа баромаданаш роҳбарияти ШСҲК «Барқи Тоҷик» туҳфаҳои хотирмон тақдим намуда, хизматҳои шоён ва бисёрсолаашро дар рушду нумуи энергетикаи минтақа баҳои баланд дода, аз вазифа озод карданд. Ва ба ҷояш Исмоилов Мирзо Иброҳимовичро таъйин намуданд.

Чӣ хеле, ки дар урфият мегӯянд: «Осиёб бо навбат».

Моҳи марти соли 2008 маро низ ҷома пӯшонида ва як телевизор тӯҳфа намуданд. Ва бо сабаби ба нафақа баромаданам аз муовинии раиси муассиса аз кор озод намуданд. Сарвари охиринам, ки писари собиқ раиси пештараи муассиса Исмоилов Иброҳим Исмоилович буданд, аз ин лиҳоз инсони тарбиятёфта, босавод ва худашу дигаронро ҳурмат мекардагӣ ба назар мерасид. Баъди як соли ба нафақа баромаданам ба наздаш рафтам. Ӯ маро хушнудона қабул карда ҳолу аҳвол пурсид:

– Раис! Дар хона аз бекорӣ азоб мекашам. Агар имкон дошта бошед, маро ба ягон кор вобаста мекардед, бо дилу ҷон кор мекардам.

– Чаро қабул накунам? Қабул мекунам, гуфт ва боз пурсид:

– Дилатон кадом корро мехоҳад?

– Дар умури тақсимоти хатҳои барқӣ кор кардан мехоҳам.

Пас аз каме фикрронӣ сӯям нигариста:

– Муҳаммадқул Самиевич, дар умури техникӣ шахсони мутахасиси соҳа намерасад. Шуморо ба ҳайси муҳандиси баранда ба кор таъйин мекунам. Розӣ ҳастед?

Каме фикр карда будам, ки суханашро идомадиҳон:

– Агар ба умури техникӣ равед, ба ман кумаки калон мерасонед.

Бо шунидани суханони пур аз эҳтирому қадршиносии раиси нав ва хеле ҷавон розӣ шудам.

Пас аз шиносойӣ бо кормандони умур ба кор шурӯъ намудам. Сардори умур марде буд, ки солиёни дароз дар Иттиҳодияи сохтмони барқи деҳоти минтақаи Кӯлоб ба ҳайси усто ва иҷрокунандаи кор ифои вазифа карда буд. Мутамаин будам, ки аз нозукиҳои кори шуъба фарсахҳо дур аст. Ба кору бори ӯ аҳмият дода, фаҳмидам, ки ӯ дар ин умур одами муввақатист.

Акнун бо Фахриев Сулаймон ва дигар кормандони ҷавони умур саравввал ҷойгиршавии мизу ҷевонҳоро ба тартиб даровардем. Сипас тамоми ҳуҷҷатҳое, ки дар замин, болои ҷевонҳо, кунҷи утоқи корӣ, бетартиб гузошта шуда буданд, дида баромадам. Ҳуҷҷатҳое, ки бо гузашти солҳо нолозим буданд, онҳоро ба бойгонӣ супордем. Аз Мирзо Иброҳимович хоҳиш кардам, ки ҷойи кориамонро бо ёрии бригадаи шуъбаи сохтмони асосӣ аз таъмир бароранд. Ин хоҳишам аз ҷонибашон дастгири ёфт ва амалӣ шуд. Ба ҷойи фурӯзонакҳои аз даврони шӯравӣ ба ёдгор монда, фурӯзонакҳои нави замонавӣ насб намуданд. Бо дигар шудани фазои кории утоқи коркунони муҳандисию техникии умури техникӣ, боз аз сарвари ҷавон хоҳиш кардам, ки курсиҳои шикаста ва корношоямро бо нав иваз кунанд. Ин хоҳишам низ бо кумаки раис ҷомаи амал пӯшид.

Акнун боварӣ ва эътиқоди кормандони умур бо ман афзуда буд, ки сардори умур корро бас карда, аз муассиса ба дигар ташкилот ба кор рафт. Барои ҷоннок кардани кори

умур ва баланд бардоштани руҳияи кормандон ба раиси ҷавон гузориш пешниҳод карда, хоҳиш намудам, ки Фахриев Сулаймонро аз муҳандиси қаторӣ ба вазифаи муҳандиси калон гузаронад. Раис хоҳишамро амалӣ карда ва афзуд, ки бо омадани ҷавонони маълумоти олии техникидошта умурро бо кормандони болаёқат ҳатман мукаммал месозад.

Пас аз ду-се моҳи кориам, ҳис кардам, ки дар як утоқи корӣ ҳалли ҳамаи корҳои ба умур вобасташуда, ба мисли қабули ҳисоботҳо аз шуъбаву умурҳо, тайёр кардани мактубу фармонҳо, дида баромадани дастурҳои истеҳсолию вазифавӣ, сохтани ҳисоботҳои моҳона, чоряка ва солона ва ғайра, инчунин, бо қабул намудани сардорони шуъбаву умурҳо ва ҳатто Шабакаҳои барқии ноҳиявӣ, дар утоқи корӣ оромона кору фаъолият намудан душвор аст.

Акнун бо пешниҳоди нав ба назди Мирзо Иброҳимович рафта, оид ба умур ҷудо намудани як утоқи дигари корӣ, ки дар пешрафти кори умур мусоидат мекунад, хоҳиш намудам. Баъди каме андешарониҳо фикрашро иброзкунон:

– Пас аз ду-се рӯз ин масъаларо дуямон дар ҷояш дида, ҳал мекунем, – гуфта ба ман ваъда дод.

Раис дар мӯҳлати гуфтагиаш, барои пешрафти кори умур, дар ошёнаи дувум, дар шафати утоқи кории шуъба, ба мо утоқи корӣ ҷудо кард. Бо хоҳиши навбатиам, бо қувваи шуъбаи сохтмони асосӣ ин даъфа низ утоқи кориамонро аз таъмир бароварданд. Ва ҳатто барои тиреза пардаи зебоеро низ овезон намуданд. Бо супориши раис ҷевон ва курсиҳои навро харидорӣ намуда оварда гузоштанд. Инчунин «аппарат»-ҳои напа-нави телефонро барои занги шаҳрӣ ва ростакӣ бо раис ва дигар шуъбаву умурҳо насб намуданд. Ҳини гузаштан ба утоқи нави кориам Мирзо Иброҳимович маро ба ҳайси муовини сардори умури истеҳсолӣ-техникӣ таъйин намуд. Баъди расо ду соли кориам аз ШСҲК «Барқи Тоҷик» мактуб оид ба қатъ намудани фаъолияти кории собиқадорони меҳнат ворид шуд.

Рӯзе Мирзо Иброҳимович маро ба наздаш даъват намуда:

– Хабари навро шунидӣ?

– Бале, раис, огаҳӣ дорам.

– Пас, чӣ кор кунем?

– Раис, андешидани чораи дигар лозим нест. Ман розӣ. Корро бас мекунам. Гумон мекунам, ки дам гирифтанам беҳтар аст.

Раис розигиамро оид ба қатъ кардани фаъолияти кориам шунида, каме ба фикр фурӯ рафт, баъд ба чеҳраам нигариста:

– Зуд-зуд ба наздамон биё, то ин ки зиқ нашавӣ. Ягон хизмат баромада монад, ҳатман маро огоҳ соз.

Пас аз баромадани фармони аз кор рафтанам бо роҳбари дар синну сол ҷавон, вале дар ақлу фаросати инсонӣ калон, худоҳофизӣ намудам. Ва бо сарвари охиринам дар рӯзҳои ҷашну маросимҳо, ки мо собиқадоронро даъват мекарданд, вомехӯрдем.

Акнун, Исмоилов Мирзо Иброҳимович ҳоло ба ҳайси раиси Ширкати саҳомию ҳолдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» ифои вазифа мекунад. Ба сарвари охиринам, дар ин кори пурзаҳмат ва мушкил, ки дар рушду нумӯи энергеикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон талош меварзад, муваффақиятҳои беназирро аз Яздони пок таманно дорам.

## ПАНДУ ҲИКМАТҲО

1. Танҳо сарвари одилу бузург ва дурандеш метавонад ваҳдати халқашро таъмин, уствор ва пойдор нигоҳ дорад.

2. Волотарин ишқ ишқи модар ва меҳан аст.

3. Ишқи пок инсони покро меофарад.

4. Ошиқ дар дунёи равшан ва фарох ба ҷуз ҳадафи хеш чизеро намебинад.

5. Дар роҳи ишқ инсони ҷасур гом мебардорад.

6. Инсони ошиқ боҳиматтарин инсонҳои дунёст, ки барои ишқи пок ҷон нисор мекунад.

7. Хислати падар ба писар ва аз модар ба духтар ба ёдгор мемонад.

8. Фарзанди ба қадри волидайн нарасида рӯзе худ шаҳди ин меваро мечашад.

9. Ҳарчанд бузургу сарватмандӣ, лек дар назди волидайни солору фақир фақиртарӣ.

10. Дили волидайнро ба даст наорӣ, дили дигареро ба даст овар-данат муҳол аст.

11. Дил ба даст овардан, дунёро ба даст овардан аст.

12. Дил ба даст орӣ, мукофот мегирӣ, дил ранҷондӣ, муҷозот мегирӣ.

13. Аз хоксорӣ ва фӯрутанӣ қомат рост мекунӣ, аз қайсарӣ ва якравӣ қомат мешиканӣ.

14. Бӯсаҳои аввалинро фаромӯш созӣ, ишқ ба ту лаънат мехонад.

15. Аз бинои рашк хислати бад бурун меояд ва гулзори зиндагиро хароб месозад.

16. Рашк намебуд, душманӣ ба миён намеомад.

17. Одами беномус бинои комил ва инсониро тарк месозад.

18. Мард хислати нопоки занро надида гирифт, худ ба ҷаҳони ӯ, шомил мешавад.

19. Дуруғ дар вуҷуди кас ҷой гирад, қурбу манзалаташро ба нестӣ бурда, ба садҳо ва ҳазорон инсонҳо иснод меорад.

20. Ғазаб шахсро роҳгум сохта, худаш ва дигаронро ба ҷаҳанам мефиристад.

21. Нанг агар дар вуҷуди кас макон гирад, бинояшро мӯҳташам месозад.

22. Инсоф дили инсонҳоро шод ва касро обрӯманд мегардонад.

# БАРОИ ЁДДОШТ

# М У Н Д А Р И Ҷ А

1. Як дилу ду ишқ........................................................................ 3
2. Фирефташуда............................................................................ 82
3. Маро ба кор даъват намуданд.................................................. 107
4. Нурофарони бовафо.................................................................. 111
5. Моҳиёни ҳавз хӯрданибобанд................................................... 125
6. Булбулон месароянд ................................................................. 129
7. Хусур ......................................................................................... 131
8. Мошинатро аз лаби ҳавз гир .................................................... 135
9. Гурбачаам шир мехоҳад ............................................................ 143
10.Нӯшидам, акнун чӣ тавр ба кор равам .................................... 145
11.Ба кӯри Раҷвб ҳам, итоат мекунам ......................................... 149
12.Маошам каму номам сардор бошад ........................................ 151
13.Ба симчӯб баромада, баъд супориш диҳам............................. 154
14.Изоляторҳои нуқсондорро дер муайян мекунед...................... 155
15.Гоҳе кору гоҳе ханда ............................................................... 158
16.Ба кор не, ба ҷаҳаннам фиристодӣ .......................................... 163
17.Ҳолаҷон, гаҳвораро худам меҷумбонам ................................. 173
18.Мурғи ранҷида ......................................................................... 178
19.Леонид Илич Брежнев бо Индира
Ганди суҳбат мероянд......................................................... 181
20.Сарвари охирини ман ............................................................... 192
21. Панду ҳикматҳо....................................................................... 200

**Муҳаммад Самӣ**

**НУРОФАРОН**
*(маҷмӯаи қисса ва ҳикояҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 07.04.2017 супорида шуд.
Чопаш 12.04.2017 ба имзо расид.
Андозаи 60х84 1/ 84. Ҷузъи чопӣ 12,75.
Адади нашр 500 нусха.

Дар ҶДММ «Ориё Ганҷ» чоп шудааст.